# ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

**ТДУ** 373:802.0
**ТКБ** 74.2+81.2 Англ.
**Ҳ** – 20

*Ба ҳукми дастнавис*

**ҲАИТМАТОВ ФАРҲОД ХОЛИҚУЛОВИЧ**

# ХОНИШИ МУСТАҚИЛОНА ҲАМЧУН ВОСИТАИ ҒАНИГАРДОНИИ ЗАХИРАИ ЛУҒАВИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ (ДАР ШАРОИТИ МТМУ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ))

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Гадоев Каримҷон Хайруллоевич

**Душанбе – 2025**

# МУНДАРИҶА


Муқаддима 4

Боби 1. Асосҳои назариявии ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ 23

1.1 Хониш ҳамчун як навъи фаъолияти муҳимми нутқ дар низоми омӯзиши забони хориҷӣ 23

1.2 Нақши хониши мустақилона дар марҳилаи болоии таълими забони англисӣ 48

1.3 Салоҳияти лексикӣ – аҳаммият ва ҷойгоҳи он дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ 65

Хулосаи боби якум 78

Боби 2. Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ 81

2.1 Меъёру талаботҳо оид ба интихоби матни хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ 81

2.2 Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ 97

2.3 Системаи машқҳо барои ғанигардонии захираи луғавӣ дар асоси хониши мустақилона аз забони англисӣ 121

Хулосаи боби дуюм 137

Боби 3. Ташкили озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои он 140

3.1 Ташкили озмоиши таҷрибавӣ аз рӯйи масъалаҳои мавриди таҳқиқ 140

3.2 Натиҷагирӣ аз озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлилу тавсифи он 157

Хулосаи боби сеюм 168

Хулоса 170

Рӯйхати адабиёти истифодашуда 180

# НОМГӮИ ИХТИСОРА ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

ГН – гурӯҳи назоратӣ

ГТ – гурӯҳи таҷрибавӣ

ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

ЗА – забони англисӣ

ЗХ – забони хориҷӣ

КИТ – кори илмӣ-таҳқиқотӣ

МТЗА – методикаи таълими забони англисӣ

МТМУ – Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

МТОК - муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

МТТ – Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ

СЛ – салоҳияти лексикӣ

ТИ – технологияи инноватсионӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятии кишвари мо то рафт дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал меоянд. Соҳаи маориф ва илм низ рӯ ба рушду ишкишоф ниҳода, тағйирот дар тартибу низоми таҳсилот, омӯзиши илмҳои муосир ва давра ба давра беҳтар шудани сатҳи донишандӯзӣ ба назар мерасад. Яке аз масъалаҳое, ки дар ин самт беш аз 20 сол зери таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст, роҳандозии омӯзиши ду ва зиёда забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русӣ ва англисӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2003 ба забономӯзии шаҳрвандони мамлакат таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» ба тасвиб расид [3]. Сипас, ин Барнома дар марҳилаи дуюм барои солҳои 2015-2020 ва баъдан, дар марҳилаи сеюм бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, таҳти №438 бо унвони «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», барои даҳ соли минбаъда тамдид гардида, айни ҳол, дар рафти иҷроиш қарор дорад [1; 2].

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз 18.03.2024, таҳти №795 аз 3 банд иборат буда, кормандони мақомоту ташкилотҳои давлатиро муваззаф гардонид, ки аз 1 апрели соли 2024 ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ё забонҳои дигар) машғул шаванд [7].

Озмунҳои ҷумҳуриявии «Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», ки иқдому пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ

Раҳмон чанд соли охир ташкил ва баргузор карда мешаванд, наврасону ҷавононро ба хондани китобҳои бадей, асарҳои илмиву оммавӣ бо забонҳои гуногун водор месозад. Ҳадафи баргузории чунин чорабиниҳо ҷалби ҷавонон ба илмомӯзӣ ва арҷгузорӣ ба забон, фарҳанг ва таъриху фарҳанги миллӣ мебошад [8].

Раванди ҷаҳонишавӣ, бархурди тамаддунҳо, кушода шудани роҳҳо ба сӯи бозори ҷаҳонии меҳнат ва тиҷорат моро водор месозад, ки мутахассисони касбу кори гуногуни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар сатҳи баланд омода ва забондонии онҳоро таъмин созем. Таъмини бозори меҳнат дар дохил ва беруни мамлакат бо мутахассисони баландихтисоси забондон метавонад ба рушди иқтисоди мамлакат таъсири мусбат расонад.

Бо вуҷуди роҳандозию татбиқи барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо, санаду қарорҳои батасвибрасида дар самти омӯзиши забонҳои хориҷӣ, дар ҷомеаи имрӯзаи кишвар ҳоло ҳам мушкилоти ҷиддӣ вуҷуд дорад. Ҳарчанд омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (аслан, муассисаҳои таҳсилоти томактабии хусусӣ) оғоз шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз синфи 3-юм оғоз гардида, то хатми муассисаи таълимӣ (синфи 11) ба роҳ монда шуда бошад ҳам, паст будани сатҳи забондонии мактаббачагон ба мушоҳида мерасад. Дар зинаҳои миёнаи таҳсилот хонандагон қоидаҳои зиёди овозию (фонетикӣ)-ю грамматикиро аз худ намуда, аз баъзе донишу маҳоратҳои забонӣ бархурдор мегарданд. Бо вуҷуди ин, аксарияти хонандагон дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ ба ғалатҳои зиёд роҳ дода, ҳангоми муошират дар нутқи онҳо маҳдудияту монеаҳои забонӣ ба мушоҳида мерасад. Доираи тафакур, ҳозирҷавобӣ ва мулоҳизаронии шогирдон дар сатҳи миёна ба назар мерасад. Захираи луғавии хонандагон ниҳоят кам буда, ҳангоми муошират, асосан, аз калимаю ибораҳои содда истифода бурда мешавад.

Бо мақсади татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм, барномаю консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ, инчунин, муайян намудани мушкилоту камбудиҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои мухталифи таълимӣ ва рафъи мушкилоти ҷойдошта, корҳои зиёди илмию амалӣ ба иҷро мерасанд. Мо низ дар навбати худ бо ҳамин мақсад яке аз масъалаҳои хеле муҳим, ташкили хониши мустақилона ва дар заминаи он ғанигардонии захираи луғавӣ (англисӣ)-и хонандагони синфҳои болоиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додем.

Ҳангоми таълими забон ҳамчун воситаи воқеии муошират, пеш аз ҳама риояи таносуби маводҳои таълимӣ зарур мебошад. Ворид намудани маводҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ (луғавӣ) бояд ба ташаккули талаффузи дуруст, рушди салоҳиятҳои лингвистию муоширатии хонандагон мусоидат намояд.

Ҳадафи асосии омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ – инкишофи донишҳои забонӣ, азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират ва омӯзиши илмҳои муосир муайян гардидааст. Илова бар ин, зарур аст, ки хонандагони МТМУ забони хориҷиро ҳамчун воситаи омӯзиши дигар илмҳо ва технологияҳои муосир қарор диҳанд.

Сатҳи донистани забони хориҷии хонандагони синфҳои болоӣ бояд ба онҳо имконият диҳад, то дар атрофи масъалаҳои муҳими рӯз (Pollution and its effects, The importance of mental health, Cultural experiences while traveling, The importance of lifelong learning, The role of technology in modern education, Traditions and customs in different countries, Benefits of cultural exchange programs, Influence of sports on culture and society, Career goals and aspirations) озод муошират карда тавонанд, матнҳои англисии сатҳи остонавию ибтидоӣ (beginner, elementary)-ро бехато хонда, тарҷума кунанд, ба мазмуни маводҳои сабтию наворӣ сарфаҳм раванд. Барои ноил шудан ба ин мақсад, бояд

принсипҳои методии таълимӣ (принсипҳои ҷузъии методӣ ва принсипҳои махсуси методӣ)-и забони хориҷӣ, методҳои муосири таълим, технологияҳои инноватсионӣ бо маҳорату малакаи касбӣ аз ҷониби омӯзгори забони англисӣ дар раванди дарс васеъ истифода карда шавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Дар баробари инкишофи ҷанбаҳои фонетикию грамматикии нутқ, ба хонандагон луғатҳои нав, калимаҳои байналмилалӣ, истилоҳоти соҳаҳои гуногун пешниҳод шуда, роҳҳои истифодаи дурусти онҳо мебояд омӯзонида шаванд. Яъне, ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон, дуруст истифода бурдани калимаҳои азхудшуда ҳангоми муошират ва такмили салоҳияти муоширатии мактаббачагон яке аз ҷанбаҳои муҳимми таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад.

Донистани танҳо шумораи ҳадди ақалли воҳидҳои забонӣ ва луғавӣ метавонад маҳорати нутқии хонандаро маҳдуд карда, раванди минбаъдаи рушди забони хориҷиро мушкил гардонад. Аз ин рӯ, дар дарсҳои забони англисӣ мунтазам такмили чор рукни фаъолияти муоширатӣ (хондан, навиштан, гуфтор ва тафоҳум) дар ҳамбастагӣ хеле муҳим аст.

Мавзуи таҳиқотии мо ба яке аз ин навъҳои фаъолияти муоширатӣ, хондан бахшида шуда, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни онро баррасӣ мекунад. Хониши мустақилона, ки принсипи фардикунонии таълимро таъмин месозад, таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб сохт. Бисёре аз муҳаққиқони ватанию хориҷӣ низ ба масъалаи таълими хониш ва навъҳои он, ташкили хониши синфию хонагӣ ва мустақилона таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мушкилоти ҷойдошта ва афзалиятҳои онро то ҷое муайян намудаанд. Пешрафти илму технология ва тағйирпазирии ҷомеа моро водор месозад, ки ба натиҷаҳои таҳқиқоти пешин такя намуда, масъалаи

таҳқиқии худро бо нигоҳи нав, вобаста ба талаботу шароитҳои замони муосир, мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳем.

Паҳлуҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқоти мазкур дар адабиёти илмӣ, асарҳои бунёдӣ ва диссертатсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби муҳаққиқони зиёди сатҳи ҷаҳонӣ таълифгардида, аз қабили Г.В. Рогова, И.А. Зимняя, Н.Д. Галскова, С.К. Фоломкина, Е.И. Пассов, И.А. Бредихина, Е.С. Полат, Л.П. Солонтсова, Бернер Р. Робин (Bernar R. Robin), Р. Блайн (R. Blaine), Ҷ. Волш (J. Walsh), Р. Бакар (R. Bakar), Р. Оксфорд (R. Oxford), Р.Р. Ҷордан (R.R. Jordan), Е.К. Ҳорвитс (E.K. Horwitz) ва дигарон ба таври барҷаста инъикос ёфтааст [110; 57; 43; 139; 103; 28].

Ба таҳқиқи масъалаи болозикр олимону муҳаққиқони тоҷик аз қалиби Ф. Шарифзода, И.Х. Каримова, С.Н. Алиев, А. Мамадназаров, Г.М. Ҳоҷиматова, Т.В. Гусейнова, З.Х. Сайфуллоева, П. Ҷамшедов, Ш.Б. Каримов ва дигарон машғул шуда, ба таври ҷудогона дар осори худ мавзуи мазкурро мавриди таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқ қарор додаанд [13; 116; 148; 149].

Пешниҳоди методҳои ташкили хониши мустақилона, таҳия ва истифодаи намудаҳои гуногуни машқу супоришҳо дар заминаи матнҳои хониш ва зиёд намудани фонди луғавии хонандагон, истифодаи лексикаи фаъол ва ғайрифаъол дар нутқи хаттию шифоҳӣ аз ҷониби олимони соҳа хеле зиёд пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин, нақши хониши матнҳои дорои жанр ва мундариҷаи гуногун, истифодаи маҷмуи машқу супоришҳои заминавии матни хондашуда, дар зиёд намудани фонди луғавӣ ва устувор нигоҳ доштани луғати азхудшудаи хонандагон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Мутаассифона, масъалаи хониши мустақилона дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нагашта, таҳқиқот ва таҷрибаи амалиро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, мубрамии масъалаи таҳқиқотии диссертатсияро мавҷуд набудани дастурҳои махсуси таълимӣ ва методӣ оид ба ташкили хониши мустақилона, зиёд намудани фонди луғавии хонандагон, роҳнамо ва китобҳои хониши хонагию мустақилона аз забони англисӣ бо машқу супоришҳо, методҳои таълими лексика аз ҷиҳати назариявӣ коркардшуда ва илман асоснокшуда муайян месозанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**

Мавзуи таҳқиқоти илмӣ барои татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода (ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода) дар мавзуи «Методҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот», мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ ва талаботи асосии барномаҳои давлатӣ, консепсияҳои миллӣ ва нақшаҳои стратегӣ, аз қабили «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» (аз 28.11.2020, таҳти №647), «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (аз 30.08.2019, таҳти №438), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (аз 26.09.2020, таҳти №503) иҷро шудааст [1; 4].

Таҳқиқоти мазкур мавҷудияти чандин **ихтилофоти** зеринро ошкор намуд:

- ихтилофи байни зарурати ташкили хониши мустақилона дар раванди таълими забони хориҷӣ, бо мақсади тавсеаи ҷаҳонбинӣ, маҳорати муоширатии хонандагон ва мавҷуд набудани дастурҳо, китобҳои хониши мустақилона вобаста ба сатҳи забондонии хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити мактабҳои тоҷикӣ;

- ихтилофи байни зарурати навсозии мундариҷаи таълими забони англисӣ дар синфҳои болоӣ, бо дарназардошти охирин дастовардҳои илмҳои забоншиносӣ (лингвистика) ва лингводидактика, таҳияи китобҳои дарсии забони англисӣ бо замимаи маводҳои мултимедӣ (чандрасонаӣ), маводҳои иловагии таълимӣ барои фардикунонии раванди таълими забони англисӣ;

- ихтилофи байни талабот ба рушди салоҳиятҳои лингвистӣ, луғавӣ ва муоширатии хонандагон аз забони хориҷӣ ва сатҳи пасти таъминоти ин салоҳиятҳо дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- ихтилофи байни аҳаммияти ҷорӣ намудани методҳои муосири таълим, технологияҳои инноватсионӣ ва шаклҳои нави омӯзиши забони англисӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои гуногуни хонандагон мусоидат мекунанд ва пешниҳод нагаштани натиҷаи таҳқиқотҳои илмии самти таълими забони англисӣ дар шакли монография, дастурҳои таълимию методӣ барои беҳтар намудани раванди таълими забони англисӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Ихтилофоти зикршуда мазмуну мундариҷаи проблемаи таҳқиқотро муайян месозад: раванди таълими забони англисиро дар синфҳои болоӣ тавре бояд ба роҳ монд, ки маҷмуи салоҳиятҳои хонандагон рушд ёфта, нутқи хаттию шифоҳии онҳо барои истифодаи амалии забони англисӣ дар сатҳи зарурӣ қарор дода шавад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – асосноккунии назариявӣ ва санҷиши амалии методҳои ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонидани захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ дар МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Бо мақсади таҳқиқи комили мавзуъ дар диссертатсия баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои зерин **вазифаҳои асосии таҳқиқ** оварда шудаанд:

- таҳқиқу омӯзиши вазъи кунунии таълими забони англисӣ дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳқиқи хониш ҳамчун навъи фаъолияти нутқ ва воситаи ғанигардонидани захираи луғавии хонандагон;
- баррасии намудҳои гуногуни хониш, мавқеи хониш дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиши забони англисӣ;
- муайян намудани таъсири хониши мустақилона ба раванди омӯзиши забони англисӣ;
- муайян намудани меъёрҳои интихоби матнҳо барои хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ;
- илман асоснок намудани марҳилаҳои хониши мустақилона;
- коркард ва истифодаи амалии маҷмуи машқу супоришҳо дар заминаи матнҳои хониши мустақилона аз забони англисӣ;
- ташкили таълими таҷрибавии хониши мустақилона аз забони англисӣ ва таҳлили натиҷаҳои он.

**Объекти таҳқиқот** ташкили хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқотро** шароитҳои педагогии ташкили хониши мустақилона бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми омӯзиши забони англисӣ ташкил медиҳад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ба андешаи мо, ташкили хониши мустақилона ва таъмини ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ дар мавриде муяссар мегардад, ки агар:

- натиҷаи таҳқиқу таҳлил ва таҷрибаи олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад;

- хониш ҳамчун ҷузъи муҳимми ҷараёни таълими забони англисӣ таҳқиқ гардад;

- мавқеи хониш, намудҳои он ва меъёрҳои интихоби матнҳо барои хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ муайян карда шаванд;

- вобаста ба метод ва тарзи самаранок ташкили хониши мустақилона, дастурҳо ва маводҳои таълимӣ-методӣ таҳия гардида, маҷмуи машқу супоришҳо дар заминаи матнҳои забони англисӣ мавриди истифода қарор дода шаванд;

- самаранокии методҳои пешниҳодшаванда оид ба ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ амалисозӣ (апробатсия) шуда, озмоиши таҷрибавӣ гузаронида шавад.

**Соҳаи таҳқиқот.** Муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат мекунад:

- банди 1. Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас, аз ҷумла дар сатҳи байнитахассусӣ; фаъолияти навоварӣ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот;

- банди 2. Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои нави педагогӣ ва системаҳои методии таълим дар асоси омӯзиши забони англисӣ ва робитаҳои байнифанӣ;

- банди 3. Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фан дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот, илм, фарҳанг ва маърифат;

- банди 4. Таҳияи технологияи навоварии таҳсилот ва шаклҳои ташкили омӯзиш;

- банди 11. Масъалаҳои моделсозии сохтор ва мундариҷаи курсҳои таълимӣ дар заминаи робитаҳои байнифанӣ;

- банди 18. Методҳо, воситаҳо ва технологияҳои таълим ва худомӯзӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот:**

**Марҳилаи якум – муқарраркунанда (солҳои 2020-2021)** таҳлил ва муайянсозии мушкилоти масъалаи таҳқиқ, омӯзиши назариявии ҷанбаҳои гуногуни мавзуи таҳқиқот, таҳлилу омӯзиши санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаю стратегияҳои давлатӣ ва соҳаи маорифро дар бар мегирад. Ҷустуҷӯи сарчашмаҳо, ҷамъоварӣ ва омӯзиши адабиёти илмӣ, монографияҳо, диссертатсияҳои олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, таҳлили маълумот атрофи мавзуи мавриди таҳқиқ дар ин марҳила анҷом меёбанд. Ҳамчунин, мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуъ (предмет), фарзия, методҳои таҳқиқот ва дигар ҷанбаҳои муҳимми он муайян карда шуданд.

**Марҳилаи дуюм – ташаккулдиҳанда (солҳои 2022-2023)** асоснок намудани назарияи методика ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Дар марҳилаи мазкур, методҳои муосир ва тарзи самаранок ташкил намудани хониши мустақилона дар асоси матнҳои интихобшуда барои синфҳои болоӣ пешниҳод шудааст. Маҷмуи машқу супоришҳо вобаста ба матнҳои забони англисӣ ва дастурҳои таълимӣ-методӣ барои зиёд намудани

захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ, рушди нутқи хаттию шифоҳии онҳо, таъмини маҷмуи салоҳиятҳо мураттаб гардонида шуд. Барои анҷоми корҳои болозикр зарурат ба амал омад, ки бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисону муҳаққиқони соҳа ҳамкорӣ намуда, миёни омӯзгорон ва хонандагон пурсишнома гузаронем. Натиҷаи пурсишнома ба мо имкон дод, ки мушкилоти ҷойдоштаи масъалаи таҳқиқ муайян карда шавад. Ҳангоми таҳияи машқу супоришҳо, дастурҳои таълимӣ, интихоби методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона барои марҳилаи минбаъда натиҷаи пурсишнома ба назар гирифта шуд.

**Марҳилаи сеюм – ҷамъбастӣ (солҳои 2023-2024)** барои иҷрои корҳои зерин равона гардидааст: таҳлилу баррасӣ, ҷамъбаст ва омодасозии натиҷаҳои марҳилаи татбиқи озмоиш; таҳлили натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот; пешниҳоди тавсияҳо ва хулосаҳо аз натиҷаи таҳқиқот, мураттабсозии рӯйхати адабиёту сарчашмаҳои истифодашуда ва ба низоми муайян даровардани матни диссертатсия. Дар ин марҳила, натиҷаи озмоиши муайянкунӣ таҳлил гардида, дар асоси он озмоиши таҷрибавӣ гузаронида шуд. Натиҷаи озмоиши таҷрибавӣ дар ҷадвалҳо ва диаграммаҳо инъикос ёфта, исботи фарзияи таҳқиқ пешниҳод гардид.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, лингводидактика, педагогика ва равоншиносӣ ба монанди С.Н. Алиев, П. Ҷамшедов, Х.Г. Сайфуллоев, С.С. Авғонов, Т.В. Гусейнова, С. Ҷоматов, Ш.Б. Каримов, Н.В. Баграмова, Г.А. Баева, В.И. Байденко, М.М. Бахтин, И.Л. Бим, Л.С. Виготский, Н.Д. Галскова, Н.И. Гез, Н.А. Гришанова, П.Б. Гурвич, Г.В. Елизарова, Н.М. Жинкина, И.А. Зимней, Р. Каплан, Я.М. Колкер, Ю.А. Комарова, М.Ю. Копиловская, Н.Ф. Коряковсева, Л.Г. Кузмина, Л.П. Тарнаева, И.Н. Хмелидзе, А.В.

Хуторский, Н.В. Чичерина, С.Ф. Шатилова, А.Н. Шукин ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия асарҳо ва мақолаҳои илмӣ, диссертатсияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маводди сарчашмаҳои электронӣ ва бойгонии муассисаҳои таълимию илмии мамлакат ва дигар кишварҳо истифода шудаанд. Санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаҳои маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмию таълимӣ, маводҳои таълимии самти методикаи таълими забони англисӣ, таълими хониш ва лексикаи забони англисӣ, асарҳои илмӣ вобаста ба масъалаҳои ташаккули маҷмуи салоҳиятҳои муҳим (лингвистӣ, лексикӣ, муоширатӣ ва ғ.), ғанигардонии захираи луғавии хонандагон ва таҷрибаи педагогии диссертант асоси илмии диссертатсияро таъмин менамояд.

**Методҳои таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот, ҳангоми таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни мавзуи илмӣ методҳои зерини таҳқиқотӣ истифода шудаанд:

*Методҳои назариявӣ:* омӯзишу таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ, лингводидактикӣ, забоншиносӣ, педагогӣ вобаста ба масъалаи таҳқиқ; таҳлили васоити таълимӣ ва методии ватанӣ ва хориҷӣ барои таълими забони англисӣ, хониши мустақилона, азхудкунии луғати забони англисӣ барои синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

*Методҳои эмпирикӣ:* мушоҳидаҳои фаъолияти синфӣ ва беруназсинфӣ (инфиродӣ)-и хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ, мушоҳидаҳои фаъолияти касбии омӯзгорони забони англисӣ дар ташкили хониши мустақилона, таълими луғати забони англисӣ дар синфҳои болоӣ; гузаронидани пурсишномаҳо, суҳбатҳои инфиродӣ бо омӯзгорон ва хонандагон, ташкили озмоиши таҷрибавӣ;

*Методҳои ташхисӣ:* таҳлили натиҷаҳои озмоиши таҷрибавӣ ва муайянкунии самаранокии метод ва тарзу усулҳои пешниҳодшуда.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертант тамоми давраи омодасозии диссертатсия дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолияти илмию таҳқиқотӣ намуда, базаи асосии таҳқиқот низ муассисаи таълимии мазкур ба ҳисоб меравад. Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ва тибқи талаботҳои мавҷуда оғоз намудан ва ҷамъбаст сохтани таҳқиқот, ҷараёни он чунин сурат гирифт: таҳқиқоти назариявӣ дар ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода анҷом ёфта, корҳои амалӣ ва озмоиши таҷрибавӣ дар МТМУ шаҳри Душанбе (МТМУ №101 н. Сино, МТМУ №24 н. Фирдавсӣ, МТМУ №8, н. И.Сомонӣ, МТМУ №23 н. Шоҳмансур) ва дигар минтақаҳои (МТМУ №32 н. Фархор, МТМУ №53 н. Варзоб, МТМУ №11 ш. Роғун, МТМУ №20 н. Айнӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Муқаррарот ва тавсияҳои асосие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дода шудаанд, ба раванди таълими забони англисӣ дар МТМУ-и тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардан мумкин аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки аввалин маротиба дар самти методикаи таълими забони англисӣ, дар илми педагогика ва методикаи таълими ватанӣ методҳои муосир ва тарзи ташкили хониши мустақилона ва роҳҳои ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби диссертант мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор дода шудааст. Инчунин, талаботҳои мушаххас ва методҳои муайяни интихоб, коркард ва истифодаи матнҳои англисӣ барои хониши мустақилона, навъҳои машқу супоришҳо дар заминаи матни хондашуда пешниҳод гардидааст, ки барои рушди салоҳияти муоширатии хонандагон метавонанд таъсири зиёди мусбат расонанд. Зимни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ нуктаҳои зерин дар доираи мавзуи таҳқиқот ба ҳисоб гирифта шуданд:

-масъалаи хониши мустақилона, омӯзиши луғат ва зиёд намудани захираи луғавии хонандагон аз нигоҳи олимони шинохтаи ҷаҳони муосир, натиҷаи охирин таҳқиқотҳои илмӣ ва дастурҳои таълимию методии дар амал татбиқшуда мавриди омӯзиш қарор гирифта, барои шароити муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастури таълимӣ-методӣ оид ба ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ тарҳрезӣ, мураттаб ва пешниҳод карда шуд;

-таснифоти хониш ҳамчун як намуди фаъолияти нутқ ва ҷузъи муҳимми ҷараёни таълими забони англисӣ ва ҳамчунин, воситаи самараноки ғанигардонии захираи луғавии хонандагон таҳқиқ гардид;

-талаботҳои интихоб ва истифодаи матн ва машқу супоришҳо дар таълими забони англисӣ муайян карда шуд;

-маҷмуи машқу супоришҳо вобаста ба матни хондашуда ва принсипу методҳои ғанигардонӣ ва ҳифзи дарозмуддати захираи луғавии хонандагон коркард ва таҳия гардид;

-фарзияи пешниҳодшуда дар рафти ташкил ва натиҷагирӣ аз озмоиши таҷрибавӣ илман асоснок гардида, исботи худро ёфт.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ташкили хониши мустақилона ва ҷалби хонандагон ба ин навъи фаъолияти таълимӣ зарурат пеш меорад, то чандин принсипҳо ба назар гирифта шуда, методҳо ва тарзи муайяни кор бо матнҳо мавриди истифода қарор гиранд. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани хониши мустақилона нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон рушд намуда, ҷаҳонбинӣ ва доираи фикррониии онҳо васеъ мегардад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани хониши мустақилона, нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон рушд намуда, ҷаҳонбинӣ ва доираи тафаккури онҳо васеъ мегардад. Хониши мустақилона, ки аслан хусусияти фаъолияти инфиродӣ дорад, ба хонандагон имконият медиҳад, ки тарзи навишти бехато ва нутқи муоширатии равон дошта, аз калимаю ибора ва

истилоҳоту воҳидҳои фразеологӣ зиёд дар нутқи худ васеъ истифода намояд.

2. Барои татбиқи амалии методҳо ва тарзи кор бо матнҳо ҳангоми ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ риояи талаботҳои муайян зарурат пеш меоранд. Интихоби матнҳои гуногунжанр, дорои мазмуну мундариҷаи касбу кори гуногун, матнҳои дорои мавзуъҳои наздик ба шавқу рағбат ва доираи дарку фаҳмиши хонандагонро метавон қадами аввалини муваффақият дар ташкили хониши мустақилона ҳисобид. Амалисозии принсипҳо дар ин марҳила ва марҳилаҳои минбаъда ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Тарҷумаи хаттию шифоҳии матни хондашуда, кор бо калимаю ибораҳои нав ва иҷрои машқу супоришҳо вобаста ба матни хондашуда, муҳокима ва саволу масъалагузорӣ дар синф ба тафаккури интиқодӣ ва тарзи фикрронии хонандагон таъсир мерасонад. Ташкили фазои забонӣ дар синф ҳангоми кор бо матни хонадашуда ба ҳар як хонанда имконият медиҳад, новобаста ба сатҳи забондонии худ, дар ин ҷараён фаъолона ширкат варзад.

3. Ҳаҷми муайяни луғатҳо барои марҳилаҳои гуногуни омӯзиш, ҳадди ақалли лексика, методика, тарзи кор бо матн ва низоми машқҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур таҳия шудаанд, имкон медиҳад, дастурҳои таълимӣ ва методӣ барои хонандагони дигар синну сол низ таҳия гашта, дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ ворид карда шаванд.

4. Талаботҳо ва методҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудааст, дар ташкили хониши мустақилона, ҷалби хонандагон ба ин навъи фаъолият, ғанӣ гардонидани захираи луғавии шогирдон, низоми муайяни омӯзиши забони англисӣ, пайдарҳамии мантиқӣ дар интихобу истифодаи матни асарҳо барои хониши мустақилона, фароҳам овардани фазои забони англисӣ, самаранокӣ ва натибахшии ҷараёни таълими забони англисиро таъмин хоҳанд кард.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Ҷамбаи назариявии масъала ва исботи илмии он, заминаи муҳим ва асосӣ дар иҷрои корҳои амалӣ ҳисобида мешавад. Илман асоснок карда шуд, ки ташаккули ҳама рукнҳои фаъолияти муошират (хондан, навиштан, гуфтор ва тафоҳум), васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон, истифодаи амалии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират ва омӯзиши дигар илмҳо, таъмини худомӯзӣ, худтакмилдиҳӣ, фаъолияти инфиродию мустақилонаи хонандагонро хониши мустақилона метавонад таъмин созад.

Дар диссертатсия методҳо, тарзу усулҳо, равишҳо ва принсипҳои ташкили хониши мустақилона, тарзи азхудкунии лексикаи нав ва истифодаи дурусти луғатҳои азхудшуда ҳангоми муошират, ташкили фаъолияти инфиродӣ ва гурӯҳии хонандагон дар рафти дарсҳои забони англисӣ бо такя ба маводди сарчашмаҳои илмӣ, натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ, тавсия ва пешниҳодоти олимону муҳаққиқони соҳа таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Дар асоси таҳлилу таҳқиқи асарҳои илмӣ, таҷрибаи педагогии пешрафтаи ватанию ҷаҳонӣ дар самти таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташкили хониши мустақилона, тарзи азхудкунии лексикаи нав дар синфҳои болоӣ чандин тавсияҳо пешниҳод карда шуд.

Ба андешаи мо, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон дар ҷараёни таълими забони англисӣ амалан истифода кард. Дар заминаи он барои синфҳои болоӣ дастурҳои таълимию методӣ таҳия намуд, дар раванди пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ба назар гирифт, ҳангоми омодасозии курсҳои лексионӣ-назариявӣ, семинарҳо ва дар рафти дарсҳои амалии забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурд.

**Эътимоднокии нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот**ро пайдарҳамии амиқи мантиқии мақсаду вазифаҳо, объект, мавзуъ

(предмет) ва фарзияи пешниҳодгаштаи таҳқиқот, таҳқиқи назариявӣ ва татбиқи амалии масъалаи мавриди таҳқиқ дар рафти ташкили озмоиши таҷрибавӣ, коркарду таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот, мақолаҳои илмӣ, корҳои иҷрошуда дар рафти таҳқиқот, хулосабарорӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми мувофиқи диссертатсия собит менамоянд.

Хулосаву пешниҳодот ва тавсияҳои диссертант барои муҳаққиқони оянда дар таҳқиқи ҷанбаҳои тозаи масъалаи мазкур заминаи хубе хоҳанд гашт.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки диссертант бевосита аз манбаъҳо ва сарчашмаҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва чопию электронии солҳои охир истифода бурдааст. Мавзуи таҳқиқоти илмӣ мустақилона аз ҷониби диссертант мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор гирифта, тавассути ташкили озмоиши таҷрибавӣ фарзияи пешниҳодгардидаи таҳқиқотро илман асоснок намудааст. Иқтибос шудани фикру андешаҳо ва пешниҳодот, на танҳо аз олимони ватанӣ, балки аз олимони Аврупо ва Амрико аз он шаҳодат медиҳад, ки мавзуи илмии диссертатсия хеле васеъ ва дурбинона омӯзишу баррасӣ ва таҳқиқ гаштааст.

Дар коркарди маводҳои таълимӣ барои қисмати амалии таҳқиқот диссертант бо омӯзгорони забони англисии чандин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мутахассисону муҳаққиқон ва олимони соҳа ҳамкорӣ намуда, хусусиятҳои хосси миллӣ ва шароити муассисаҳои

таълимии мамлакат ба назар гирифта шуда, маводҳои мазкурро мураттаб гардидаанд.

Барои ошно сохтани ҳамкасабон ба масъалаи таҳқиқ, исботи аҳаммияти ташвиқи хонандагон ба худомӯзию худтакмилдиҳӣ, фаъолияти инфиродӣ, аз ҷумла хониши мустақилона ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар чорабиниҳои таълимӣ, илмӣ ва семинару конференсияҳо бо маъруза баромад намудааст. Илова бар ин, дар назди кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо иштироки устодони муассиса атрофи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии худ силсила-семинари омӯзишӣ гузаронидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот**

Натиҷаҳои таҳқиқот ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар давоми солҳои 2020-2024 дар ҷаласаҳои кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода; конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз қабили Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо», ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода (ш. Душанбе, 22.12.2020), II международная научно-практическая интернет-конференция на тему «Аспекты развития образования, науки и культуры» (Нур-Султан, 2021), Межвузовская научно-практическая конференция на тему «Актуальные проблемы сопоставительно-типологического изучения языков», РТСУ (ш. Душанбе, 25.02.2022), XI международная научно-практическая конференция на тему «Молодёжь и духовное наследие эпохи: культура, артефакты, ценности» (г. Тула, 25.04.2023), Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавии забонҳои аврупоӣ ва омӯзиши он дар шароити муосир», (ш.

Душанбе, 25.01.2024) дар шакли маърузаю мақолаҳои илмӣ пешниҳод ва муҳокима гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқотии диссертасия 1 дастури таълимӣ-методӣ ва 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 3 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Маводди таҳқиқотӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисии МТМУ минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Таълими таҷрибавии мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратии МТМУ-и шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар гузаронида шуда, натиҷаҳои он таҳлил ва хулосаҳои зарурӣ бароварда шуд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаҳои бобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Муҳтавои диссертатсия аз 202 саҳифаи чопи компютерӣ, 9 ҷадвал, 6 диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 180 номгӯй ва сарчашмаҳоро фаро мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ ХОНИШИ МУСТАҚИЛОНА АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР СИНФҲОИ БОЛОӢ

## 1.1 Хониш ҳамчун як навъи фаъолияти муҳимми нутқ дар низоми омӯзиши забони хориҷӣ

Дар ҳаёти инсоният хониш мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ба шарофати мутолиа инсон метавонад олами атрофро амиқтар дарк намояд. Ӯ аз мутолиаи китобу асарҳои илмию оммавӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо, маводҳои чопию электронӣ, сарчашмаю махзанҳо донишу иттилооти нав мегирад. Дар ҳама давру замон, новобаста ба синну сол, хониш ҳам барои соҳибилму соҳибмаърифат шудан ва ҳам барои тарбия гирифтан аҳаммияти бузург дошта, то кунун арзиши худро гум накардааст. Беҳтарин афкору андешаҳои аҳли башарият ва таҷрибаи наслҳои гузашта дар асарҳо ва китобҳои нодир таҷассум ёфтаанд. Инсоният тавассути мутолиаи ин асарҳо бо таъриху тамаддун, ҳаёту фаъолият, ҷидду ҷаҳд ва бурду бохти гузаштагон ошноӣ пайдо карда, ғизои маънавӣ мегирад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки китоб сарчашма ва нигоҳдорандаи тамаддуни исоният буда, мутолиаи онҳо шуури инсонро ташаккул медиҳанд. Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омадан, ки хониш яке аз воситаҳои муҳимтарини муоширати одамон ва фарҳанги инсоният мебошад.

Дар замони мо, ки раванди ҷаҳонишавӣ вусъат ва пешрафти илму техника босуръат идома дорад, хондану дарки матнҳо бо забонҳои хориҷӣ дар ҳаёти ҳар як инсон ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосӣ дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ дар МТМУ омӯзонидани хондан бо забони хориҷӣ мебошад. Бисёре аз олимон бар ин назаранд, ки ба хонандагон нисбати гуфтор, хонданро тезтар ёд додан мумкин аст [62, с.115]. Метавон гуфт, ки тавассути хондан метавон дигар намудҳои фаъолияти нутқро низ инкишоф дод.

Хондан ҳамчун яке аз намудҳои фаъолияти нутқ ба мо имкон медиҳад, на ин ки тақлид, балки яке аз шаклҳои муошрати воқеиро дубора тавлид созем. Асоси таснифоти хониш ва ба яке аз навъҳои фаъолияти нутқ ворид намудани он аз забоншиносии даврони шуравӣ маншаъ мегирад, ки «фаъолияти нутқро ҳамчун фаъолияти инсон дар дараҷаи муайяне тавассути аломатҳои забон метавон фаҳмин» [121, с. 217]. Ба яке аз навъҳои фаъолияти нутқ ворид намудани хониш, дар Аврупо аз солҳои 60-70-уми асри гузашта маъмул гардида буд. Мавқеи муҳим доштани хониш дар раванди таълим, бахусус, омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз ҷониби муҳаққиқон К. Гудмен (K. Goodman) ва Ҳ. Видовсон (H. Widdowson) таъкид шудааст [160; 170].

Намудҳои асосии фаъолияти нутқ гуфтор, тафоҳум (гӯш кардан), хондан, навиштан мебошанд. Вобаста ба маҳсулнокӣ ё қабулпазирӣ (продуктивӣ ё ретсептивӣ) ва аз рӯйи хусусияти муошират муайян карда мешаванд, ки шахс (бо худ ё бо ҳамсуҳбаташ), дар кадом шакл (шифоҳӣ ё хаттӣ) муошират мекунад [57, с. 71]. Фаъолияти нутқӣ воситаи амалисозии муошрати шифоҳӣ (вербалӣ), ҳамчун шакли ҳамкории байни одамон буда, намудҳои фаъолияти нутқ ин муошратро амалӣ месозанд [62, с. 110].

Дар марҳилаи муосири инкишофи илми лингводидактика атрофи хониш бо забони хориҷӣ маводҳои сершумори назариявӣ ҷамъ шудаанд, ки ба он асарҳои муҳаққиқони тоҷик – С.Э. Негматов, С.Н. Алиев, З.Х. Сайфуллоева, К.Х. Гадоев, таҳқиқи олимони рус – В.А. Бухбиндер, М.Л. Вайсбурд, З.И. Кличникова, С.Р. Плотникова, Г.В. Рогова, С.К. Фоломкина ва ҳамчунин асарҳои таҳқиқотии олимони маъруфи Аврупо – С. Крашен (S. Krashen), К. Грейвз (K. Graves), П. Нейшн (P. Nation), Р. Дэй (R. Day), Н.К. Дюк (N.K. Duke) ва дигарро метавон ворид намуд [30; 63; 107; 139].

Дар масъалаи нақши хониш дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, олими тоҷик С.Э. Негматов, саҳми арзанда дорад. Дар асарҳои худ ӯ таъкид мекунад, ки хониш як унсури асосии омӯзиш буда, барои тавсеаи захираи луғавӣ ва беҳтар фаҳмидани сохторҳои грамматикӣ мусоидат мекунад. Хондан ба хонандагону донишҷӯён дар рушди тафаккури интиқодӣ кумак мекунад ва ҳавасмандии омӯзиши забонро тавассути матнҳои ҷолиб ва таълимӣ афзоиш медиҳад.

Ф. Шарифзода низ таъкид мекунанд, ки рушди зеҳн бевосита ба соҳаи ҳавасмандию сабабмандии (мативатсия) шахсият, ба талаботи ботинии ӯ, ба манфиатҳои ӯ, ба воситаҳои ташаккули зеҳн вобаста аст, ки дар навбати худ аз пешниҳоди мазмуни маводи таълим ва корҳои беруназдарсӣ, аз методҳои пешниҳоди онҳо, аз ташкили фаъолияти фикрӣ, аз роҳандозии эҳсосоти мусбат дар фаъолияти кӯдакон иборат мебошанд. [149, с.172].

Муҳаққиқи тоҷик, мутахассиси соҳаи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ К.Х. Гадоев дар хусуси нақши хониш ва аҳаммияти он дар таълими забонҳои хориҷӣ қайд мекунад, ки хониш на танҳо мақсад, балки воситаи таълими забони хориҷӣ мебошад ва дар ҷараёни таълим миёни ин ду функсия мебояд фарқ гузошт. Ӯ бар ин ақида аст, ки азхудкунии хониш бо забони хориҷӣ аз ҷониби донишҷӯён яке аз мақсадҳои амалии омӯзиши фанни «Забони хориҷӣ» дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад [41, с.303].

К.Х. Гадоев хонишро ҳамчун фаъолияти нутқ чунин шарҳ медиҳад: «Хусусиятҳои хониш ҳамчун фаъолияти нутқ онро як воситаи хеле муассири омӯзиш месозанд. Нақши мусбати хониш, махсусан, дар азхудкунии маводди забонӣ намоён аст. Дар хотир нигоҳ доштани маводди таълимӣ ҳангоми хондан метавонад ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ бошад.» [41, с.303].

Равоншиноси машҳури рус Д.Б. Элконин навишта буд: «Хониш, пеш аз ҳама, раванди аз навсозии шакли овозии калимаҳо аз рӯйи модели графикии (ҳарфии) онҳо мебошад» [154, с. 314]. Ин як раванди зеҳнии аналитикӣ-синтетикӣ мебошад, ки аз таҳлили овозӣ ва синтези унсурҳои забонӣ иборат аст. Хусусияти аналитикӣ-синтетикии хониш, махсусан, дар кӯдак, дар давраи аввали инкишофи ӯ, махсусан ҳангоми таҳлили ҳарфҳо, ба овозҳо «тарҷума кардан»-и онҳо, бо ҳиҷоҳо якҷоя кардани калимаҳо ва «синтез» кардани калимаҳо бештар зоҳир мегардад. Раванди хониш дар марҳилаҳои минбаъдаи ташаккули худ хусусияти дигар, нисбатан мураккабтар дорад. Бояд қайд кард, ки воҳиди раванди хониш калима мебошад.

В.Г. Горетский ва В. Кирюшкин таъкид мекунад, ки хониш як намуди фаъолияти нутқ буда, аз муайян кардан, коркарди фаъолона ва дарки иттилооти семантикӣ иборат аст [47, с.52].

Л.С. Виготский хонданро ҳамчун технологияи рушди зеҳнӣ, роҳи ба даст овардани фарҳанг, воситаи муошират ва ҳалли мушкилоти ҳаётӣ фаҳмидааст [39, с.85]. Ӯ қайд мекунад, ки бидуни мутолиа рушди зеҳнӣ ва худомӯзӣ, ки тамоми умр идома дорад, ғайриимкон аст.

Пешравии ҷомеа ва тақозои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии он ғолибан ба низоми таҳсилот вобаста аст, зеро маърифатмандӣ ва рушди зеҳнии шахсият, саломатии рӯҳӣ, гуногунҷанбагӣ ва инкишофи мутаносиб фарохназарӣ, ҳамчунон талош ба эҷодкорӣ ва маҳорати ҳалли вазифаҳои ғайричашмдоштро маҳз низоми таҳсилоти муташаккили давлатӣ ҳал карда метавонад. Ба ин асос бояд таъкид кард, ки дар низоми таҳсилоти давлатӣ дахолати бегонагон, тақлид ба низоми таҳсилоти дигарон, кӯчондани низоми таҳсилот аз бегонагон, хусусан мазмуни таҳсилот, таълиму тарбия бидуни асосмандии назариявӣ ва озмоишҳои мувофиқкунанда ба шароити иҷтимоӣ, анъаноти хонаводагӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва манфиатҳои давлатӣ ва миллӣ қатъиян

қобили пазируфтан нест, зеро дар маҷмуъ ин амал мувофиқи истиқлолияти мазмуни таҳсилот, сирати миллӣ ва маданияти зеҳнии миллӣ буда наметавонад ва ин арзишҳоро на рушд, балки тадриҷан коҳиш медиҳад ва сарнагун менамояд [149, с.172].

Барои таҳия ва коркарди технологияҳои самарабахши таълими хониш ва ташкили навъҳои хониш бояд назарияҳои мавҷударо амиқ таҳлил намоем. Мафҳум ва ҳадафҳои ин намуди фаъолияти нутқро баррасӣ намуда, таснифоти навъҳои хонишро муайян ва мушаххас созем.

Дар омӯзиши забони хориҷӣ хониш ҳамчун як намуд фаъолияти мустақили нутқ ба ҳисоб рафта, азхудкунии салоҳияти хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Мутахассисони соҳаи забоншиносӣ Н.Д. Галскова, А.Л. Василевич, Н.Ф. Коряковсева ва Н.В. Акимов «хондан»-ро ҳамчун мақсади мустақил ва воситаи азхудкунии забони нав муайян мекунанд [179, с.158]. Шепилова А.В. ва Брейгина М.Е. хонишро ҳамчун як фаъолияти муоширатӣ, бо гирифтани маълумот аз матни хаттӣ нигаронидашуда, инчунин, як роҳи суҳбат тавассути матн баррасӣ мекунанд [86, с.108]. Ба андешаи мутахассисон, хониш барои хонандагон манбаи воситаҳои гуногуни забонӣ: воҳидҳои грамматикӣ, луғавӣ, услубӣ, фразеологӣ ва ғайра мебошад. Шепилова А.В ва Брейгина М.Е. ҳадаф ва натиҷаи хонишро ҳамчун иттилооти ба таври визуалӣ даркшуда ва ифшои робитаҳои маъноӣ арзёбӣ мекунанд [86, с.113]. С.К. Фоломкина ҳангоми муайян кардани мақсад ва натиҷаи хониш ба иттилооти истихроҷшуда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, далел меорад, ки натиҷаи амалии хониш ин иттилооти гирифташуда ва қобилияти истихроҷи он мебошад.

Ба гуфтаи Е.И. Пасов, хондан барои беҳтар дар хотир нигоҳ доштани мавод кумак намуда, инчунин барои муҳокима «ғизо» медиҳад, зеро ҳар як матни хуб як анбори вазъият аст [103, с. 98]. «Хондан амали муошират байни муаллифи матни хаттӣ ва хонандагони он мебошад.

Фаҳмидани матн хулосаҳоеро, ки хонанда, гирандаи ахбор, аз нияти муаллиф – ирсолкунандаи ахбор баровардааст..., дар назар дошта мешавад» [56, с. 8].

С.Р. Плотников чунин мешуморад, ки «хондан вазифаи наҷотбахши фарҳанг аст. Он технологияи азнавтавлидкунии ақлонӣ дар ҷомеа аст. Он миёнарави муоширату муколамаи зинда бо ҳамзамонон ва гузаштагон мебошад» [107, с. 9]. О.А. Розов навишта буд: «Хондан як раванди бениҳоят мураккабест, ки бо миқдори зиёди кори зершуури майна хос аст» [30, с. 56]. Н. Ишук таъкид мекунад, ки хониш яке аз маҳоратҳои муҳимми забонист, ки хонанда бояд дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ аз худ кунад.

Хондан ҳамчун яке аз ҷанбаҳои чор малакаи забонӣ, дар таълими забон нақши муҳим дорад. Гуфтан мумкин аст, ки дар баробари омӯзиши тафоҳум, гуфтор ва навиштан, ин навъи маҳорат низ зарур шуморида мешавад. Малакаҳои хониш як воситаи хеле пурқувват барои ба даст овардани доираи васеи иттилооти мушаххас, аз ҷумла, илм ва технология арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, китобхонӣ талаботи асосии ҷомеаи пешрафта аст. Ба ҳамин монанд, дар ҷараёни таълим, хондан дар фаъолияти хонандагон нақши хеле таъсирбахш дорад. Исбот кардан мумкин аст, ки фаҳмиши хониши хонандагон ҳар қадар баланд бошад, ҳамон қадар дониши онҳо баландтар мешавад [160, с.74].

Жан Пиаже равоншиноси швейтсарӣ, бо назарияҳои худ дар бораи рушди маърифатӣ хеле маъруф, муътақид аст, ки хониш дар рушди маърифати кӯдакон, бахусус дар рушди тафаккури мантиқӣ ва дарки мафҳумҳои мураккаб нақши калидӣ дорад. Ӯ аҳаммияти хониши мустақилонаро барои рушди мустақилият ва тафаккури интиқодӣ таъкид менамояд [166, с.412].

Равоншиноси амрикоӣ Ҷером Брунер ба нақши мутолиа дар рушди маърифатӣ ва забонии кӯдакон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Ӯ таъкид

мекунад, ки мутолиа ба рушди тафаккур ва фаҳмиш мусоидат намуда, дар раванди таълим низ нақши муҳим дорад. Брунер, инчунин, аҳаммияти хониши контекстӣ ва мустақилро таъкид кардааст [158, с.244].

Тавре ки академик Ф. Шарифзода қайд мекунанд, «Тафаккур аслан ҳама он чизеро, ки инсон метавонад дар ҳаёт ба даст оварад, муайян ва пайгирӣ мекунад, зеро фикр поя ва бунёдгузори роҳи ҳалли ҳамаи муаммо ва мушкилоти ҳаётӣ мебошад. Маҳз ҳалли масоили ҳаётӣ тамоми натиҷаҳои дар ҳаёт бадастоварандаи инсонро (хуб ё бад) муайян менамояд.

Тафаккур кори мақсадноки шуур аст ба хотири расидан ба қабули қарору хулосаҳо. Кори (фаъолияти) мақсаднок раванди бунёдгузории фикр, кор ва идора кардани фикр (қобилияти фикр кардан) мебошад.

Бунёд ё заминаи тафаккур донишҳо (тасаввурот оид ба чизе ва равобити миёни ин тасаввурот) ва мантиқ (қоидаи коркарди донишҳо ва ахбори ба зеҳн воридшаванда) мебошад.» [149, с.173].

Хондан на танҳо ҳадафи омӯзиш ва як намуди мустақили фаъолияти нутқ аст, балки он воситаи ташаккули маҳорат низ мебошад. Шахс ҳангоми мутолиаи матн овозҳо, ҳарфҳо, калимаҳо ва грамматикаи забони хориҷиро такрор мекунад, имлои калимаҳо, маънои ибораҳоро ба хотир меорад ва бо ҳамин дониши худро оид ба забони омухташаванда такмил медиҳад.

Шарҳу эзоҳ ва таърифҳои гуногуни мафҳуми «хониш»-ро таҳлилу баррасӣ намуда, кӯшиш намудем, ки фикри ҳар як муҳаққиқро ба назар гирифта, аз хулосабарориҳо ва баррасиҳо вобаста ба «хониш» ақидаю назарияи худро пешниҳод созем.

Бояд гуфт, ки хониш дар омӯзиши ҳама илмҳо, пешрафти ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти инсон саҳми босазо дошта, хусусияти қабул ва интиқоли маълумоту иттилоотро дар шакли хаттӣ касб мекунад. Китобу дафтар, катибаҳо, сангнигораҳо, навиштаҳои болои пӯсти

ҳайвонот, баъдан дар коғаз ифшо мегардид, аз нафаре, аз миллате ва ё тамаддуне барои мо хабаре нишона мондаанд. Ин мавод моро бо гузаштагон мепайвандад ва аз мо ба оянадагон муждае мерасонад. Рушди босуръати илму техника шароите фароҳам овард, ки навишту нигоҳдории хат дар шакли электронӣ роҳандозӣ мегардад. Барои муайян намудани афзалияту аҳаммият ва арзиши ин иқдом танҳо вақт лозим аст. Бо вуҷуди он, ки хат дар кадом шакл вуҷуд дорад ва ё дар оянда вуҷуд хоҳад дошт, хониш ҳамеша пойдор хоҳад монд, чунки бидуни хондану мутолиа инсоният метавонад тафаккуру ташаккули зеҳнии худро аз даст диҳад.

Фикру андешаҳои яке аз мутахассисони равоншиносии таълими хониш бо забони хориҷӣ, профессор З.И. Кличниковаро, ки дар ин ҷода таҳқиқотҳои зиёде анҷом додааст, наметавон нодида гирифт. Мавсуф баён мекунад, ки хондан ҳамчун раванди дарк ва коркарди фаъоли иттилооти графикӣ, ки мувофиқи низоми забони мушаххас рамзгузорӣ шудааст, фаҳмида мешавад [62, с.78]. Ӯ хонишро ҳамчун як намуди фаъолияти нутқ ба таври муфассал таҳлил намуда, ҳафт хусусияти асосиеро муайян мекунад, ки хонданро аз дигар намудҳои муоширати шифоҳӣ фарқ мекунанд: «Хондан раванди муошират тавассути матнҳои хаттӣ ё чопӣ ба забони модарӣ ё хориҷӣ бо ҳадафҳои:

1) муошират бо муаллифи матн;

2) рамзкушоии маълумоти дар матн мавҷудбуда;

3) донистани забонҳои модарӣ ва хориҷӣ;

4) ба даст овардани лаззати зебоишиносӣ ва таъсири маърифатӣ;

5) инкишофи тафаккури хаёлӣ ва нутқи баёнӣ;

6) фаъол шудани фаъолияти равонии хонанда;

7) такмили шахсияти хонанда» [62, с. 80].

Дар баробари ин, комилан равшан аст, ки хониш ба мисли ҳама гуна фаъолияти дигар ҳамеша мақсаднок аст: он, пеш аз ҳама, ба

ҷустуҷӯи маълумоти зарурӣ, ки дар дохили асар, матн мавҷуд аст, нигаронида шудааст. Зери мафҳуми маълумот, мундариҷаи матн дар назар дошта шудааст.

Ҳаминро бояд илова кард, ки дараҷаи маҳорати китобхонӣ мисли дигар навъи фаъолиятҳо дар инсонҳо фарқ мекунад. Яъне сатҳи маҳорати хондан (мутолиаи матн ва гирифтани маълумоти зарурӣ, таҳлилу хулосабарорӣ карда тавонистан) аз омилҳои гуногун, аз ҷумла, шавқмандӣ ба хонишу пайдо намудани маълумоти наву тоза, ҳавасмандӣ ба азхудкунии як илми муосир ё як забони хориҷӣ, ҳадаф доштан дар пайдо намудани пойгоҳи муайян дар ҷомеа ё фаъолияти касбӣ ва ё баръакс, беаҳаммиятӣ ба худомӯзию худтакмилҳидӣ, рушди сусти майнаи сар, хотираи заиф ва камҳаракатии зеҳнӣ, беаҳаммиятӣ, дурӣ ҷустан аз хондан, аз рӯйи зарурат ба хондан машғул шудан, вобастагии калон дорад.

Хонишро ҳамчун фаъолияти нутқ тавсиф намуда, бисёре аз муҳаққиқон кӯшиш карданд, ки модели фарзияи хонишро созанд. Байни ин моделҳо фарқиятҳои зиёд мавҷуданд, аммо дар ҳамаи онҳо ду раванд ҳамчун равандҳои асосӣ ҷудо карда мешавад:

1) дарки матни чопшуда (коркарди иттилооти идрокӣ (персептивӣ)),

2) фаҳмиши иттилооти даркшуда (коркарди семантикии иттилоот).

Ин равандҳо дар як вақт ба амал меоянд ва чунон бо ҳам алоқаманданд, ки фарқи онҳо танҳо назариявӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, барои муайян кардани он хусусиятҳои хониш, ки бояд ҳангоми омӯзиш ташаккул дода шаванд, байни ин ду раванд фарқ кардан лозим аст.

Ба гуфтаи А.А. Вайз, «мақсади хониш истихроҷ ва коркарди иттилооти дар матн мавҷудбуда аст». С.К. Фоломкина менависад, ки мақсад аз хониш ошкор намудани алоқаҳои семантикии (фаҳмиши)

асари дар шакли хаттӣ овардашуда ё ба ибораи дигар, гирифтани маълумоти дар матни хаттӣ мебошад [139, с.71].

Хонданро танҳо дар сурати ташаккул додани малакаҳои муайян иҷро кардан мумкин аст, зеро барои он ки хониш на раванди механикӣ, балки як раванди эҷодӣ ва иттилоотӣ бошад, омӯхтан лозим аст. Таҳлили корҳои илмӣ оид ба ташаккули фаъолияти мустақилонаи хониш дар осори М.П. Воюшина, И. Зимняя, А. Леонтева, М.И. Омрокова, Н.Н. Светловская имкон медиҳад, ки сохтори фаъолияти хонишро муайян намуд, ки се ҷузъи асосиро дар бар мегирад: салоҳияти техникӣ, маъноӣ (семантикӣ) ва мустақилияти хонанда.

Ҷузъи асоситарин дар ин шумур, салоҳияти техникӣ мебошад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки фаъолияти хониш ҳамчун раванди ҷудонопазири дарк ва интиқоли иттилоот бо истифода аз аломатҳои графикӣ бояд аз малакаҳои асосии техникӣ ва қобилияти таҳияи матн оғоз шавад. Ҷузъи баъдӣ, дар маҳорати хонанда ин ғарқ шудан ба олами ҳикояи бадеӣ барои дидан ва баҳо додан ба вижагиҳои адабии он зоҳир мешавад. Ҳамчунин, эҳсос ва дарки ғояи муаллиф ва дар асоси он барои хонандагон ба мутолиа муносибати инфиродӣ эҷод намояд. Ба ибораи дигар, падидаи ҷузъи маъноии фаъолияти хониш бо мафҳуми дарки асари адабӣ зич алоқаманд аст, ки онро метавон ба нишондиҳандаҳои зерин нисбат дод:

- фаҳми нақшаи предмети матн, ки аз дарки сюжет аз паҳлӯи асари бадеӣ иборат аст;

- огоҳӣ аз мафҳуми нақшаи матнии пурмазмун, ки аз дарки мафҳум ва мазмуни асари адабӣ (тафаккур, мавқеъ ва назари муаллиф) ва муносибатҳои фардӣ, баҳодиҳии шахсӣ ва таассуроти эҳсосии мутолиа иборат аст;

- хониши баён, яъне истифодаи интонатсияҳои гуногун дар сатҳе, ки барои хонандагон дастрас аст.

Ҷузъи муҳимми сохтори фаъолияти хониш мустақилияти хонанда мебошад. Он бо нишондодҳои зерин тавсиф мешавад: ҳавасмандии кӯдак ба истифода аз китоб ва мутолиа; дар интихоби китоб ташаббуси мустақилона нишон додан; шавқу рағбат ба китоб дар ҳама марҳалаҳои шиносоӣ бо он (пеш аз хониш, дар давоми хондан ва баъд аз мутолиа) [97, с.44].

Аз сабаби он, ки чунин сифати шахсият, ба монанди «мустақилият дар хониш» ё «мустақилияти хонанда» ҳамчун мавзуи таҳқиқот то ҳол мавриди пажуҳишҳои илмӣ қарор дорад, таърифҳои гуногуни ин мафҳум вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, мо зарур донистем, ки баъзе аз онҳоро баррасӣ ва таҳлил намоем.

Тибқи таърифи Е.А. Миронова, мустақилияти хонанда ин қобилияти хонанда дар истифодаи китоб ба сифати манбаи дониши зарурӣ мебошад [91, с.74]. Олими рус С.И. Дорошенко чунин мешуморад, ки мустақилияти хонанда техникаи хуб инкишофёфтаи хониш, қобилияти шунидан, фаҳмидан ва дарк кардани чизи хондашударо дар бар мегирад [36, с.41].

Қонуни дарки китоб – қонуни асосии ташаккули салоҳиятҳои зарурӣ дар хонандаи синну соли гуногун мебошад. Донистани китоб ҳамеша нишондиҳандаи кафолати мустақилияти хонанда мебошад. Қонуни дарку фаҳмиши китоб нишон медиҳад, ки агар хонанда бо адабиёт ошно бошад, вай алакай мутолиаи мустақил дорад. Вақте ки хонанда мустақилият нишон медиҳад, ӯ дарҳол китобҳоро аз хониши одӣ мешиносад.

Қонуни ташаккули фаъолияти фарҳанги мутолиа робитаҳои устувореро нишон медиҳад, ки дараҷаи самаранокии соҳаи ташкилию методии таълими хонишро бо муқоисаҳои гуногуни шаклҳои шифоҳӣ ва воситаҳои фаъолияти ба он дохилшаванда муайян мекунанд. Заминаҳои фарҳанги китобхонӣ танҳо тавассути фаъолияти мустақим ва мақсаднок

бо китоб ба вуҷуд меоянд. Дар баробари ин, ин қонун маънои онро надорад, ки дар дарсҳои хониш адабиёт ва нашрияҳои чопие пешниҳод карда шаванд, ки дар онҳо ҳамеша ҳамсуҳбати ноаён мавҷуд аст.

Бояд гуфт, ки хондан ба яке аз навъҳои ретсептивӣ (қабулпазирӣ)-и фаъолияти нутқ тааллуқ дорад, зеро он бо дарк (қабул) ва фаҳмиши иттилооте, ки бо аломатҳои графикӣ ифода мешавад, алоқаманд аст. Дарку фаҳмиши мазмуну моҳияти матн, суръати хониш, ҷудо кардани ҷузъиёту мушаххасот он аз ҳадафи хонанда вобаста ба хониш, вобастагӣ дорад. Хонанда метавонад матнро аз назар гузаронад, онро бодиққат хонад, ҳадафи асосиро дар он муайян кунад ё матнро бо тамоми ҷузъиёт дуруст дарк намояд [62, с. 94].

Дар ҷараёни омӯзиши хониш хонандагон ду намуди хонишро инкишоф медиҳанд: таҳлилӣ (аналитикӣ) ва таҷзиявӣ (синтетикӣ). Ин намудҳои хониш аз ҳамдигар ҷудо буда наметавонанд, зеро онҳо як раванди ягонаро ифода мекунанд.

Хониши таҳлилӣ (аналитикӣ) ин мутолиае аст, ки дар он таваҷҷуҳи хонанда қисман ба тарҳрезии забонии матн мегузарад. Дар баробари ин, раванди хониш сусттар аст.

Хониши таҷзиявӣ (синтетикӣ) бошад, ин навъи мутолиае аст, ки дар он диққати хонанда пурра ба мундариҷаи матн нигаронида шудааст. Яъне, матн синтезшуда, зуд дарк карда мешавад. Хониши таҷзиявӣ ба мо ёд медиҳад, то ин ки матнҳои содаро бидуни истифодаи таҳлил ва тарҷума фаҳмед.

Низоми маориф дар асоси равиши низомвӣ-фаъолиятӣ бунёд ёфта, дар доираи он яке аз вазифаҳои асосии мактаб ҳангоми дар забони хориҷӣ, ин ба шогирдон омузонидани хондан ва фаҳмидани матни хориҷӣ бидуни луғат, яъне омӯзонидани хониши синтетикӣ мебошад. Матнҳо барои таълими хониши синтетикӣ бояд ҳам луғати пӯшида ва ҳам маводди ношиносро дар бар гиранд. Ғайр аз ин, мавҷудияти

таносуби муайяни воҳидҳои луғавии нав низ ба мақсад мувофиқ аст, ки маҳз дар ҷараёни хониш васеъшавии табиии луғат ба амал меояд. Калимаю ибораҳо дар дохили матн (контекст) дар алоқамандӣ бо дигар калимаҳо осонтар ва мустаҳкамтар дар хотира нигоҳ дошта мешаванд. Ин ҳолат фаҳмишу қобилияти истифодаи луғатро дар нутқ ва дар ҳолатҳои муоширати зинда таъмин мекунад. Чунин малакаю маҳорати хониш ба зудӣ ташаккул намеёбад. Онҳо тадриҷан, дар натиҷаи омӯзиши дарозмуддат бо ёрии реҷаи махсуси машқҳо барои дарки ғайритарҷумавии матн ба даст оварда мешаванд [43, с. 210].

Дар сохтори хониш ҳамчун фаъолият ангеза (мотив), мақсад, шароит ва натиҷаро ҷудо кардан мумкин аст. Ангезаи хониш муошират ё иртиботи графикии чоп шуда аст; мақсади хониш – гирифтани маълумот оид ба масъалае, ки хонандаро ба худ ҷалб мекунад. Шартҳои фаъолияти хониш азхудкунии низоми графикии забон ва усулҳои истихроҷи иттилоотро дар бар мегирад. Натиҷаи фаъолияти хониш, фаҳмидан ё гирифтани маълумот аз он чизест, ки бо дараҷаҳои гуногуни дақиқ ва амиқ хонда мешавад [32, с.87]. Дар хусуси ташаккули назарияи нақши хониш дар раванди таълим, Г.В. Рогова таъкид мекунад, ки «...худи раванди хониш, ки таҳлил, синтез, хулосабарорӣ ва пешгӯиро дар бар гирифта, нақши бузурги тарбиявӣ дорад» [110, с. 137].

Хондан ҳамчун фаъолияти нутқи ретсептивӣ (қабулпазирӣ) ҳисобида шуда, аз дарку фаҳмиши нутқи хаттӣ иборат аст. Мавҷудияти шароит барои фаҳмиши нутқи хаттӣ аз сифати дарки матн вобастагӣ дорад. Ин метавонад воридшавии комил ба мазмуну мундариҷа, дарки муҳтавои умумӣ ва фаҳмиши мавзуи асосии матн бошад. Илова бар ин, дарки мундариҷаи матн вобаста ба қобилиятҳои инфиродии хонанда ва дараҷаи душвории матни пешниҳодшуда метавонад гуногун бошад. Яъне, хонанда наметавонад ҳамеша ва ба зудӣ ба мазмуну мундариҷаи матн ҳангоми хондан сарфаҳм равад. Ӯ метавонад матнеро бори аввал

мутолиа намуда, ба мазмуни умумии он сарфаҳм равад, аммо матни дигареро бори дуюм ва сеюм хонда, баъзан онро дарк намояд.

Хондан бо дигар намудҳои фаъолияти нутқ алоқаи зич дорад. Пеш аз ҳама, хондан ва навиштан тавассути истифодаи низоми ягонаи забони графикӣ муттаҳид мегарданд. Дар вақти таълими забонҳои хориҷӣ ин намудҳои нутқро дар як вақт инкишоф додан лозим аст [67, с. 49].

Хондан бо тафоҳум (гӯш кардан) низ алоқаманд аст, зеро ҳарду ба фаъолияти идрокӣ (персептивӣ), таҳлил ва синтез асос ёфтаанд. Ҳангоми шунидан шунаванда сухани гуфташударо ва хонанда сухани навишташударо дарк мекунад. Ҳангоми хондану шунидан пешбинии эҳтимолият аҳаммияти калон дорад, ки он метавонад ҳам дар сатҳи шифоҳӣ ва ҳам дар сатҳи маъноӣ (семантикӣ) амал кунад.

Хондан бо гуфтор ҳам алоқаманд аст. Баланд хондан (ё бо овози баланд хондан) «гуфтори идорашаванда» маънидод мешавад. Паст хондан (ё бе овоз хондан) гӯш кардани ботинӣ ва ҳамзамон гуфтугӯи дохилӣ мебошад.

Ҳамин тавр, хониш бо ҳама намудҳои фаъолияти нутқ, ки ҳангоми таълими забони хориҷӣ дар МТМУ ташаккул меёбанд, алоқаманд аст [136, с.152].

Вақте шахс дорои маҷмуи хусусиятҳои лексикӣ, фонетикӣ ва грамматикӣ мебошад, раванди шинохти матн метавонад дар як замони кӯтоҳ ба амал ояд.

Дарк ва фаҳмиши матн дар раванди воқеии хониш ҳамзамон ба амал меояд ва малакаю маҳоратҳое, ки худи ин равандро таъмин мекунанд, одатан ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) коркарди идрокӣ (персептивӣ)-и матн (дарки аломатҳои графикӣ ва таносуб бо маъно, яъне дубора рамзгузорӣ кардани сигналҳои визуалӣ ба воҳидҳои семантикӣ);

2) коркарди маъноии матн (барқарор намудани робитаи маъноӣ (семантикӣ)-и байни воҳидҳои забонии сатҳҳои гуногун ва мутаносибан, мазмуни матн; маҳз ҳамин малакаҳо дарки матнро ҳамчун ифодаи мукаммали нутқ таъмин менамоянд) [72, с.89].

Ҳангоми хондан, чашми хонанда ҷаҳишҳои кӯтоҳе мекунад, то ба объектҳои муайян такя карда, маълумоти зарурӣ гирад. Натиҷаи таҳқиқотҳо оид ба ҳаракатҳои чашм муайян кардаанд, ки онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) васлшаванда, ҷустуҷӯӣ ва ҳаракатҳои ислоҳкунанда;

2) ҳаракатҳое, ки дар сохтани тасвир ва шинохти объекти даркшаванда иштирок мекунанд.

Агар ба механизмҳои нутқи хониш назар афканем, метавон қайд кард, ки ҳамон тавре ки дар муоширати шифоҳӣ, хотира нақши муҳим мебозад, сарфи назар аз каме дигаргун зоҳир кардан, пешбинӣ ва шунидани нутқ низ дар хондан нақши воиз доранд. Аҳаммияти шунидани нутқ дар акти хониш бо хусусияти низоми садоию ҳарфии матни чопшуда муайян карда мешавад.

Ҳамчунин, муваффақияти дарку фаҳмиш дар ҳама гуна намуди хониш тавассути «пешбинии равонӣ дар ҷараёни хониш» ё пешбинии эҳтимолият таъмин карда мешавад.

Пешбинӣ бояд рӯҳияи ҳиссиётиро дар хонандагон таъмин намуда, барои омодагӣ ба хондан кумак расонад.

Самаранокии пешбинии эҳтимолӣ аз таносуби калимаҳои шинос ва нав, дараҷаи азхудкунии мавзуъ, қобилияти интихоби фаврӣ аз чандин фарзияҳои эҳтимолӣ вобаста аст. Фарзия механизми асосии ҷустуҷӯ мебошад [89, с.144].

Азхудкунии мундариҷа дар асоси амалҳои мураккаби мантиқӣ ба амал меояд, ки натиҷаи он дар матн муқаррар намудани робитаҳо ва гузаштан «аз калимаҳои васеъ ба марҳилаҳои маъноӣ» мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки хусусияти марҳилавии фаҳмиш вобаста ба забони хориҷӣ аз ҷониби З.И. Кличникова муайян гардидааст, ки он панҷ зина ва ҳафт дараҷаи фаҳмиши матнро дар бар мегирад.

Чуноне ки З.И. Кличникова қайд мекунад, сатҳи фаҳмиш аз миқдору сифат ва таркиби калимаю ҷумлаҳое вобаста аст, ки ҳангоми хониш фаҳмида мешаванд. Панҷ зинаи зерини фаҳмиши матни забони хориҷӣ аз ҷониби мавсуф пешниҳод шудааст:

1. Мукаммалу дақиқ дарк намудани мазмуни умумӣ ва ҷузъиёти матн;

2. Дарки хеле мукаммал ва дақиқи мазмуни умумии матн бо баъзе носаҳеҳӣ дар фаҳмиши ҷузъиёти он;

3. Фаҳмиши нопурраю носаҳеҳ, вақте ки танҳо мазмуни умумӣ равшан аст, вале дар фаҳмиши ҷузъиёти матн носаҳеҳии зиёд ошкор мешавад ё ҳангоми фаҳмидани баъзе ҷузъиёти матн;

4. Фаҳмиши порчаҳои матн, дарки ҷузъиёти алоҳидаи матн бидуни дарки мазмуни умумии он;

5. Фаҳмиши нодурусти матн [68, 31].

Хусусияти сатҳҳои дарку фаҳмиш дар он аст, ки онҳо хусусияти зинавӣ ва сохторӣ надоранд. Аз ин рӯ, ҳангоми мутолиаи матни муайян хонанда метавонад танҳо дар як сатҳи фаҳмиш қарор гирад, дар ҳоле ки ҳангоми мутолиаи матни дигар дар сатҳи фаҳмиш дигар қарор дошта бошад. Аз сабаби он, ки сатҳи фаҳмишро омилҳои зиёд муайян мекунанд, муносибатҳои гуногуни намуд, нақша ва сатҳу дараҷаи фаҳмишро дидан мумкин аст. Аз ҳама маъмултарин ҳангоми омӯзиши хондан бо забони хориҷӣ, ҳафт дараҷаи зерини фаҳмишро ҷудо намудан мумкин аст:

Дараҷаи якум – хонанда объектҳои алоҳидаеро муайян мекунад, ки калимаҳо дар бораи онҳо дар матн гуфта мешаванд.

Дараҷаи дуюм – хонанда алакай ибораҳоеро дарк мекунад, ки донистани ҷанбаи грамматикии забонро талаб мекунанд.

Дараҷаи сеюм бо фаҳмиши ҷумлаҳои алоҳида хос аст.

Дараҷаи чорум – хонанда мазмуни матнро мефаҳмад ва дар байни ҷумлаҳо робитаҳои семантикӣ барқарор мекунад.

Дараҷаҳои панҷум, шашум ва ҳафтум танҳо дар сатҳи дарку фаҳмиш фарқ мекунанд.

Хондан ҳамчун фаъолияти нутқи қабулкунанда аз дарку фаҳмидани нутқи хаттӣ иборат аст. Маълумот тавассути канали визуалӣ ворид мешавад. Ҳисси визуалӣ дар хондан нақши муҳим мебозад. Хондан ҳамеша бо қироати мавод дар шакли нутқи дохилӣ ё нутқи ботинӣ, бо овози баланд амалӣ мегардад. Дар асоси ин, мо гуфта метавонем, ки эҳсосоти моторӣ нақши муҳим мебозанд. Ҳисси шунавоӣ як ҷузъи муҳимми хониш аст, зеро хонанда худашро мешунавад [90, с.84].

Наметавон пай набурд, ки дарк ва фаҳмиш дар як вақт ба амал омада, бо ҳамдигар зич алоқамандианд. Фаҳмиши матн ба сифати дарки он вобаста аст. Чунин хатогиҳо дар дарки матн ба монанди хондану талаффузи нодурусти калимаю ибораҳо, нодуруст гузоштани зада, ғалат дар интонатсия ва амсоли инҳо боиси коста гардонидани дарки маънои матни хондашуда мегарданд. Дар баробари ин, фаҳмиши нодуруст низ ба нодуруст тахмин кардани шакли калимаю ибораҳо ва истилоҳоти дохили матн сабаб мешавад.

Ҳангоми шунидан ва хондан як навъ равандҳои психологӣ барои фаҳмиши мазмуни маводди хондашуда амал мекунанд. Бо вуҷуди ин, хусусиятҳое низ ҳастанд, ки ба хондан хос мебошанд. Азхудкунии маълумот ҳангоми хондан дар шароити бароҳату хубтар сурат мегирад, ки ин ба возеҳи бештари тасвирҳои визуалӣ, дар муқоиса бо дарки шунавоӣ алоқаманд аст ва давомнокии таъсири онҳо дарозтар аст. Бояд гуфт, ки мундариҷаи мавод ҳангоми хондан одатан мураккабтар аст.

Интихоби мавзуъ барои нутқи шифоҳӣ, чун қоида, ба ҷанбаҳои ба сухангӯ наздик ва ё бевосита ба ӯ марбут аст. Ҳангоми хондан масъалаҳо, махсусан, дар марҳилаҳои миёна ва болоии омӯзиши забони хориҷӣ гуногун аст. Матнҳо бо забони асл, матнҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, матнҳои асолатӣ (аутентӣ), асарҳои фантастикӣ ва илмӣ-оммавии кишвари забони омӯхташаванда бо истинод ба мавзуъҳои инъикоскунандаи ҳаёти рӯзмарра ва далелҳои таърихӣ хос буда, барои ошноӣ бо фарҳанги кишвар мусоидат мекунанд.

Вазифаҳои таълими хониш ҳамчун як намуди мустақили фаъолияти нутқ аз инҳо иборатанд: омӯзонидани хонандагон вобаста ба гирифтани маълумот аз матн то андозае, ки барои ҳалли масъалаи мушаххаси нутқ зарур аст, бо истифода аз технологияҳои муайяни хониш [125, с.141]. Ин танзим яке аз принсипҳои гурӯҳбандии хонишро аз рӯйи намуд муайян мекунад.

Пеш аз таснифот, аввал намудҳои хонишро баррасӣ намуд. Дар доираи намудҳои хониш пайдарҳамии амалҳоеро дида мебароем, ки бо мақсади хониш муайян карда мешавад ва бо «махсусиятҳои мушаххаси усулҳои коркарди маъноӣ ва дарки маводди ба таври визуалӣ қабулшаванда» тавсиф мешавад [139, с. 30].

Дар методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ба як қатор омилҳо ва меъёрҳои муайян такя намуда, намудҳои хониш ҷудо карда мешаванд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Таснифи намудҳои хониш**

| **Омилҳо / Меъёрҳо** | **Намудҳои хониш** |
|---|---|
| 1. Аз рӯйи хусусиятҳои психологии дарки матн (бо истифода аз амалиёти мантиқӣ) | тарҷумавӣ ва бетарҷума;<br>таҳлилӣ (аналитикӣ) ва таҷзиявӣ (синтетикӣ) [60; 63] |
| 2. Мувофиқи шартҳои иҷрои онҳо | тайёр ва нотайёр [63] |

**Идомаи ҷадвали 1.**

| | |
|---|---|
| 3. Аз рӯйи дараҷаи маводди хондашуда (бо сатҳи ворид шудан ба мундариҷаи матн) | пуршиддат ва экстенсивӣ [43; 44] |
| 4. Аз рӯйи шакли хониш | бо овоз (бо садои баланд) ва беовоз [63; 124] |
| 5. Аз рӯйи мақсадгузорӣ | омӯзишӣ, муқаддимавӣ, рӯякӣ, ҷустуҷӯӣ [99; 139] |
| 6. Аз рӯйи сатҳи фаҳмиши матн | дарки мундариҷаи асосӣ, гирифтани маълумоти пурра аз матн, дарки маълумоти муайяни зарурӣ аз матн [43] |

Барои мушаххас намудани таснифоти боло ҳар як намуди хонишро ба таври муфассал дида мебароем:

1. Вақте сухан дар бораи мафҳумҳои «хониши тарҷумавӣ ва бетарҷума» ва «хониши таҳлилӣ ва синтетикӣ» меравад, пас ин мафҳумро набояд бо ҳам омехта кард, зеро аз нигоҳи илми равоншиносӣ ин падидаҳои ба ҳам монанд нестанд. Доираи мафҳуми «хониши таҳлилӣ» нисбат ба доираи мафҳуми «хониши тарҷумавӣ» васеътар аст. Дар мавриди хониши таҳлилӣ (аналитикӣ) хусусияти муҳим дарки муфассали матн мебошад.

Хониши тарҷумавӣ вақте ба амал меояд, ки хонанда маҷбур аст, ки бо тарҷумаи пурраи матн маводди хондашударо фаҳмад, на порчаҳои алоҳидае, ки барои ӯ мушкил аст.

Хониши бидуни тарҷума (бетарҷума), дурусттар фаҳмидани он маводест, ки хонда мешавад ва метавонад дар ҳама марҳилаи омӯзиш сурат гирад. Барои ин, матн бояд аз лиҳози мазмун ва шакл барои хонандагон дастрас ва фаҳмо бошад. Яъне, мазмуни матн ба синну сол, сатҳи фаҳмиш ва фарҳангии хонанда мувофиқ буда, дар сохтори забонии он чизе, ки душвориҳои махсусро ба амал оварда, тарҷумаро талаб

мекунад, набошад. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои хониши бетарҷума дар МТМУ иҷрои корҳои омодагӣ аз рӯйи маводди забонӣ мебошад [60, с. 23-28].

Хониши таҳлилӣ (аналитикӣ) як навъи мутолиае аст, ки барои дарки матнҳои мураккабтар хизмат мекунад. Душвориҳои ин матнҳо танҳо бо ёрии хониш ва тарҷума бартараф кардан мумкин аст. Хониши таҳлилӣ мутолиаест, ки дар он таваҷҷуҳи хонанда қисман ба тарҳрезии лингвистии матн равона мегардад, аз ин рӯ, ин хониш хеле сусттар сурат мегирад [62 с. 59].

Хониши синтетикӣ фаҳмидани матнҳои соддаеро дар бар мегирад, ки тарҷума ва таҳлилро талаб намекунад. Хониши синтетикӣ ин як навъи хонишест, ки дар он диққати хонанда пурра ба мундариҷаи матн нигаронида шудааст ва ин мундариҷа синтез ва зуд дарк карда мешавад.

2. Омодагии хонандагон ба хондан ин ҳолати умумии равонии хонанда мебошад, ки дар қобилияти иҷрои ин фаъолият ифода меёбад. [62, с. 61]. Омодагӣ ба хондани ботайёрӣ хеле равшантар зоҳир гардида, аз он вобаста аст, ки хонанда то кадом андоза ҷанбаҳои забониро соҳиб аст. Ин намуд фаъолият ба такмили раванди хониш, фарҳанги умумии хонанда ва хусусиятҳои синну соли ӯ бояд мутобиқ сохта шавад. Ташаккули чунин равиш ба ақидаи З.И. Кличникова имкон медиҳад, ки хониши ботайёрӣ, қисман тайёр (омода) ва бетайёриро баррасӣ намоем.

3. Муаллифон аз рӯйи воридшавии амиқ ба мазмуни матн навъҳои зерини хонишро пешниҳод месозанд: пуршиддат ва экстенсивӣ. Хониши пуршиддат, хондан бо воридшавии амиқ ба мазмуни матн аст ва баръакс, хониши экстенсивӣ рӯякӣ мебошад. Галскова Н.Д., Гез Н.И. ба ақидаи Вестхау Г. ҳамроҳ шуда, чунин мешуморанд, ки фарқи ин навъҳои хониш ба суръати хониш, хаҷм ва аҳаммияти матнҳо вобаста аст («матнҳои муҳим пуршиддат хонда шуда, матнҳои на чандон муҳим экстенсивӣ хонда мешаванд»).

4. Муаллифон аз рӯйи шакли раванди хониш ду навъи хонишро – боовоз (хондан бо овози баланд) ва бесадо хонданро, ки дар шароити таълими мактабӣ аҳаммияти бештар доранд, ҷудо мекунанд. Ҳамчунин, ин навъҳои хониш вобаста ба хусусият ва шароити фаъолияти хонандагон муайян мегарданд [62, с. 46-50]. Ба андешаи З.И. Кличникова, бо овози баланд хондан имкон медиҳад, ки низоми овозии забонро аз худ карда, қобилияти такрори рамзи сигналҳоро ҳам дар сатҳи ҳарф ва ҳам дар сатҳи калима, ҷумла ва матн мустаҳкам намуд. Дар марҳилаи ибтидоии омӯзиши забони хориҷӣ бо овози баланд хондан воситаи муҳимми ташаккули техникаи хониш буда, дар марҳилаҳои нисбатан баъдтар нақши воситаи назорат ва ифодакунандаро мебозад. Нақши хониши боовозро дар он шарҳ медиҳанд, ки ҳам «шунидани нутқ ва ҳам бо овоз хондан бо талаффузи маводди даркшуда дар шакли нутқи дохилӣ сурат мегирад, ки ҳангоми хондани нутқ пурра ва васеъ мегардад» (А.П. Соколов).

5. Аз рӯйи мақсадгузорӣ метавон чор навъи хонишро (омӯзишӣ, муқаддимавӣ, рӯякӣ, ҷустуҷӯӣ) ҷудо кард, ки ҳар яке аз онҳо дорои хусусиятҳои хосси худ мебошанд.

**Хониши рӯякӣ.** Ин намуди хониш бо азназаргузаронии матн ва пайдо намудани тасаввуроти умумиро дар бораи маводди хондашуда таъмин менамояд. Мақсади он ба даст овардани тасаввуроти умумӣ дар бораи мавзуъ ва доираи масъалаҳои дар матн баррасишуда мебошад. Ҳангоми азназаргузаронӣ баъзан вақт барои шиносоӣ бо мазмуни сархати аввалу ҷумлаи асосӣ, аз назар гузарондани матн кифоя аст. Барои таълими ин намуди хондан, маводҳои матнии аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа бо ҳам монанд ва алоқамандро интихоб кардан зарур аст. Суръати хониши рӯякӣ дар синфҳои болоӣ аз забони англисӣ набояд аз 500 калима дар як дақиқа камтар бошад. Вазифаҳои таълимӣ бояд ба

ташаккули малакаю маҳорати қабул ва истифодаи маводди матни хондашуда нигаронида шаванд [67, с.52].

**Хониши муқаддимавӣ.** Хониши муқаддимавӣ, хониши маърифатӣ буда, дар он мавзуи таваҷҷуҳи хонанда мутолиаи тамоми намуди адабиёту асарҳо (китоб, мақола, ҳикоя ва ғ.) бе мақсади гирифтан ва такрори маълумоти муайян мегардад. Ҳангоми хониши муқаддимавӣ вазифаи асосии коммуникатсионӣ, ки дар назди хонанда қарор дорад, зуд мутолиа кардани тамоми матн барои гирифтани маълумоти асосии он аст. Яъне, фаҳмидани масъалаҳое, ки дар матн омадаанд ва чӣ тавр онҳо ҳалли худро ёфтаанд, аз ҷониби хонанда маълум карда мешавад. Ин навъи хониш қобилияти фарқгузории иттилооти аввалиндараҷа ва дуюмдараҷаро талаб мекунад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои хониши муқаддимавӣ, ба гуфтаи В.М. Филатова, фаҳмидани 75%-и матн кифоя аст, агар дар 25%-и боқимонда муқаррароти асосии матн, ки барои фаҳмидани мундариҷаи он муҳиманд, дохил нашаванд [136, с.205].

**Хониши омӯзишӣ.** Хониши омӯзишӣ фаҳмиши комилу дақиқи ҳама маълумоти дар матн мавҷудбуда ва фаҳмиши интиқодии матнро дар бар мегирад. Ин навъи хониш мутолиаи мулоҳиза ва оромона аст, ки таҳлили мақсадноки мундариҷаи хондашуда дар асоси робитаҳои забонӣ ва мантиқии матнро дар бар мегирад. Хониши омӯзишӣ бо мутолиаи такрории қисмҳои матн, баъзан бо талаффузи дақиқи матн бе овоз ё бо овози баланд мебошад. Ин намудани хониш барои беҳтар дар хотир нигоҳ доштани мундариҷаи матн, такрори минбаъда, муҳокима ва истифодаи он дар кор хос мебошад. Ба гуфтаи В.М. Филатов суръати хониши омӯзишӣ дар як дақиқа 50-60 калимаро ташкил медиҳад. Барои ин навъи хониш матнҳое интихоб карда мешаванд, ки дорои арзиши маърифатӣ ва аҳаммияти иттилоотӣ буда, ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам илми забоншиносӣ барои ин марҳилаи омӯзиш бештар мушкил эҷод мекунанд [136, с.207].

**Хониши ҷустуҷӯӣ.** Хониши ҷустуҷӯӣ барои мутолиаи рӯзномаю маҷаллаҳо ва адабиёти соҳавӣ (аз рӯйи ихтисос) нигаронида шудааст. Мақсади хониши мазкур дар он аст, ки дар матн ё маҷмуи матнҳо, маълумоти дақиқ муайяншуда ва иттилооти мушаххас (фактҳо, хусусиятҳо, нишондиҳандаҳои рақамӣ, дастурҳо ва ғ.) ба зудӣ дарёфт карда шаванд. Ин навъи хониш, ба мисли хониши рӯякӣ ба сохтори мантиқӣ-маъноии матн, интихоби маълумоти зарурӣ атрофи масъалаи мушаххас, интихоб ва муттаҳидсозии маълумот аз якчанд матн оид ба масъалаҳои алоҳидаро пешбинӣ мекунад [139, с.41].

Ҳар як намуди хониш ба малакаҳои муайяни умумӣ мувофиқат мекунад: қобилияти фаҳмидани мундариҷаи умумӣ (хониши омӯзишӣ), қобилияти фаҳмидани мундариҷаи асосӣ (хониши муқаддимавӣ), қобилияти пайдо кардани иттилооти пурра (хониши омӯзишӣ), қобилияти пайдо кардани маълумоти зарурӣ (хониши ҷустуҷӯӣ) [99, с.42].

Дар хусуси пайдарҳамии намудҳои хониш метавон гуфт, ки дар таҷриба ду варианти таълими хониш истифода мешавад:

1) Муқаддимавӣ, омӯзишӣ, рӯякӣ, ҷустуҷӯӣ;

2) Омӯзишӣ, муқаддимавӣ, рӯякӣ, ҷустуҷӯӣ.

Ба ақидаи мо, варианти охиринро метавон нисбатан самаранок ҳисобид, чунки он дар омӯзиши пай дар пайи намудҳои хониш мусоидат менамояд.

6. Н.Д. Галскова таъкид мекунад, ки хонандагон бояд малакаҳои бунёдиеро, ки дар асоси ҳар як намуди хониш қарор доранд, аз худ кунанд [42, с. 156]:

- фаҳмиши мундариҷаи асосӣ (муайян ва ҷудо кардани иттилооти асосӣ; ҷудо кардани иттилооти дорои аҳаммияти аввалиндараҷа аз маълумоти дуюмдараҷа; барқарор кардани робитаи мантиқӣ ё хронологии байни рӯйдодҳо ва далелҳо; пешгӯии рушди эҳтимолии

рӯйдодҳо; ҷамъбасти иттилооти матнӣ; баёни ақида дар бораи матни хондашуда);

- аз матн гирифтани маълумоти мукаммал (фаҳмиши пурра ва саҳеҳи ҷузъӣ, қайд кардани маълумоте, ки чизеро тасдиқ ё аниқ мекунад; барқарор намудани алоқаи байни ҳодисаҳо; ошкор намудани робитаи сабабу натиҷаҳои байни онҳо, муайян кардани фикри асосӣ ва муқоисаи ахборот);

- фаҳмиши иттилооти зарурӣ ва муҳим (тахминан муайян кардани мавзуи матн; муайян кардани жанри матн, муайян кардани иттилооте, ки ба ягон масъала дахл дорад, аҳаммияти иттилоот).

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки фаъолияти нутқ ва дар баробари он хондан дорои сохтори муайян, мундариҷаи мавзуӣ ва механизмҳои нутқ мебошанд. Дар сохтори фаъолияти нутқ се сатҳ вуҷуд дорад:

Якум, сатҳе, ки пайдоиши фаъолият дар ин сатҳ ба вуҷуд меояд, шахс ангезаҳо ва мақсадҳои амалро муайян мекунад;

Дуюм, сатҳи равонашуда-таҳқиқотӣ мебошад, ва ин заминае аст, ки фаъолияти муайяне ба нақша гирифта шудааст. Дар хониш ин сатҳ ҳангоми дидани матн, сарлавҳаи он, муайян кардани мавзуъ, муқаррар намудани робитаҳо, пешгӯии мундариҷаи матн ба амал меояд.

Сеюм, сатҳи иҷроиш аст, ки ҳангоми хондан хонанда бо истифода аз амалҳои гуногун коркарди маъноӣ (семантикӣ)-и матнро анҷом медиҳад. Натиҷаи кор бо матн фаҳмиши он мебошад.

Техникаи хониши калимаро 4 унсури асосӣ муайян мекунад: донистани самти хониш (аз чап ба рост); донистани тамоми ҳиҷоҳои ба ҳам пайвастани ба забон хос ва қобилияти талаффузи онҳо; қобилияти тақсим кардани ҳар як калима ба ҳарфҳои алоҳида ва якҷоя кардани ҳиҷоҳо [53, с.114]. Надонистани як унсури техникаи хониши калима боиси ғалатҳо гардида, мушкилоти ҷиддиро ба бор меорад. Дар ҷараёни хониш шартан ду ҷониби онро ҷудо кардан мумкин аст: ***техникӣ***

(мутобиқати симои визуалии калимаи хаттӣ бо талаффузи он) ва ***маъноӣ***, ки ҳадафи асосии раванди хониш мебошад.

Якчанд намуди хатогиҳои хониш вуҷуд доранд [53, с. 118].

1) иваз кардани ҳарфҳо бо ҳарфҳои шабеҳи якдигар;

2) душвориҳо дар фарқ кардани аломатҳои ҳарф;

3) хондани ҳарф ба ҳарф;

4) таҳриф (аз нав ба тартиб даровардан, дохил кардан, партофтан);

5) дар мондан ҳангоми хондан;

6) ғалатҳо ҳангоми хондан бо тахминкунӣ;

7) душворӣ дар фаҳмиши маводди хондашуда;

8) суръати сусти хониш;

9) мушкилот дар таҷдиди матн;

10) бозгашт (регрессия), яъне баргаштан барои равшан кардани калимаи қаблан даркшуда;

11) дар баробари маънои мусбат, истифодаи тахминҳои маъноӣ (семантикӣ) аксар вақт боиси ивазшавии калимаҳо, камбудӣ ва ҷобаҷогузории ҳарфҳо дар як калима мегардад, аз ин рӯ, ҳамаи ин ҳангоми хондан маънои субъективӣ дорад. Ин вақте рух медиҳад, ки тахмини маъноӣ (семантикӣ) аз ҷониби дарки визуалии чизи хондашуда ба таври кофӣ назорат карда намешавад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки хониш дар ҳаёти ҳар як инсон мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ба шарофати он худомӯзию худтакмилдиҳӣ амалӣ гашта, тавсеаи ҷаҳонбинӣ ва фаррох сохтани доираи тафаккур, идрок ва шуур таъмин мегардад.

Тавре ки баён гашт, хониш дар таълими забони хориҷӣ ҷойгоҳи муайян дошта, барои бартараф кардани монеаҳои забонӣ, ҳавасмандсозӣ ба омӯзиш, вородсозӣ ба муошират, рушди завқи кунҷковӣ, ҷустуҷӯ ва пайдо намудани маълумоти наву тоза нақши муассир мебозад. Аз худ кардани сохтори забони омӯхташаванда, қоидаҳои фонетикию

грамматикӣ, лексикӣ, баёни фикру андешаҳо бо истифодаи доираи васеи калимаю ибораҳо, истилоҳот, воҳидҳои фразеологӣ ва мақолҳо мазҳ аз ташкили хониш дар синф ва берун аз он (хониши мустақиона) вобастагӣ дорад.

Таҳлилилу баррасии мафҳуми «хониш», шакл ва намудҳои он, мақсад ва вазифаҳои хониш, механизмҳои асосии хониш, хусусият ва функсияҳои он дар алоҳидагӣ ва ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ ба мо имкон дод, ки ба умқи масъала хубтар ворид гашта, барои қадамҳои минбаъдаи таҳқиқи масъала маълумоти бештар пайдо намоем.

### 1.2 Нақши хониши мустақилона дар марҳилаи болоии таълими забони англисӣ

Хониш ҳамчун шакли ғайримустақими муошират имкон медиҳад, ки аз маълумоти маърифатии матн ҷаҳонбинии хонандагон васеъ гардида, шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, донистани фарҳанги мардуми бегона бештар гардад. Чуноне ки Л.А Чернявская қайд мекунад, хониш ба инкишофи вазифаҳои равонии хонандагон (идрок, диққат, хотира, тафаккур), ҷаҳонбинии онҳо, низоми меъёрҳои ахлоқӣ ва хислату характери онҳо таъсир мерасонад. Раванди хониш бо забони хориҷӣ монанди мутолиа бо забони модарӣ бо раванди худшиносӣ алоқаманд аст, зеро алоқамандии иттилооти истихроҷшударо бо таҷрибаи ҳаётии шахс дар бар мегирад [143, с.23].

Ба ҳамагон маълум аст, ки маҳорати хониш дар асоси нутқи шифоҳӣ ташаккул меёбад. Г.В. Рогова таъкид мекунад, ки хонанда танҳо дар ҳамон вақт ба хондан бо забони модарии худ шуруъ мекунад, ки ӯ малака ва маҳорати муоширати шифоҳиро соҳиб гардад [110, с.34]. Хондан як маҳорати мураккаби шифоҳӣ буда, дорои ҳадафҳои гуногун

аст. Яке аз ҳадафи асосии он ҳалли масъалаҳои семантикӣ мебошад, ки ба васеъ намудани заминаи дониши хонанда мусоидат мекунанд.

Дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хониш ҳамчун мақсад ва воситаи омӯзиш амал мекунад. Ҳамчун мақсад азхудкунии хониш барои ба даст овардани иттилоот мебошад. Чун воситаи омӯзиш бошад, хониш барои беҳтар аз худ намудани забон ва маводҳои нутқӣ хизмат мекунад. Гирифтани маълумот тавассути мутолиа ҷараёни мураккаб мебошад, аммо агар хонандагон ба ин навъи фаъолият ҷалб гарданд, ҳисси масъулиятшиносӣ, ташаббускорӣ, мустақилият ва дигар салоҳиятҳое, ки иҷрои корро ба таври инфиродӣ талаб мекунанд, дар онҳо метавонад боло равад. Ба даст овардани чунин санъату маҳорат ба монандаи мутолиа бо забони хориҷӣ имкон медиҳад, ки ҳадафҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва рушддиҳандаи омӯзишии забони хориҷӣ амалӣ гарданд.

Хондан танҳо дар марҳилаҳои аввал ва миёнаи таълими забони хориҷӣ ҳамчун воситаи омӯзиш қарор мегирад. Дар марҳилаи минбаъдаи омӯзиш хониш на танҳо барои дуруст иҷро кардани супориши таълимӣ, балки барои гирифтани маълумоти зарурӣ аз матн ва истифодаи он дар нутқи хаттию шифоҳӣ истифода мешавад. Гуфтаҳои боло маънои онро надорад, ки дар синфҳои болоӣ нақши хондан ҳамчун воситаи омӯзиш ба мисли марҳилаҳои аввал ва миёнаи таълими забони хориҷӣ муҳим нест. «Хондан ҳамчун воситаи оптималии инкишоф ва назорати малакаҳои марбут ба нутқ ва забон боқӣ мемонад. Он имкон медиҳад, то ин ки раванди омӯхтани чизҳои нав ва истифодаи забон ва маводди шифоҳии алакай омӯхташуда мукаммал гардонида шавад. Вазифаҳои ба муошират нигаронидашуда оид ба рушд ва назорати лексика, грамматика, малакаҳои шунидан, навиштан ва гуфтор қобилияти хонданро пешбинӣ намуда, дар асоси матнҳои хаттӣ ва дастурҳо барои онҳо таҳия карда мешаванд» [126, с.8].

Хониш (синфӣ, хонагӣ, инфиродӣ, мустақилона ва иловагӣ) яке аз намудҳои муҳимми фаъолияти нутқ буда, бидуни он раванди забономӯзиро тасаввур кардан номумкин аст. Ҳар як навъи хониш дорои хусусиятҳои худ мебошад ва бо мақсади муайяне дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ роҳандозӣ мегардад.

Хониши синфӣ, ки асосан аз китоби дарсӣ гирифта мешавад, хусусиятҳои забонӣ (қоидаҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикӣ) ва мавзуи дарсиро фарогир мебошад. Хониши синфӣ фаъолияти таълимии аҳли синфро дар бар гирифта, аз хонандагон мутолиа ва тарҷумаи матни китоби дарсӣ, нақли муҳтавои умумии матн, ба саволҳо ҷавоб додан, иҷрои баъзе машқҳои вобаста ба матни хонадашуда ва амсоли онҳоро дар бар мегирад.

Хониши хонагӣ низ яке аз навъҳои муҳимтарин ва фаъолияти мустақилонаи хонандагон ба шумор меравад. Зери мафҳуми «хониши хонагӣ» В.М. Фадеев мутолиаи доимӣ ва зиёдеро мефаҳмонад, ки барои ҳамаи хонандагон ҳатмӣ аст, то ин ки маълумоти пурмазмунро ба даст оранд [134, с. 28]. Барои он ки ин хониш доимӣ ва ҳатмӣ бошад, матни барои хониш бояд ба сатҳи донишу фаҳмиши хонандагон мувофиқ бошад. Бинобар ин, матнҳо бояд аз адабиёти мутобиқшудаи бадеӣ, ҷамъиятӣ ва оммавӣ интихоб шуда, асосан маводҳои лексикию грамматикии ба талабагон шиносро дарбар гиранд.

Маҳорати хондан, дар ҳақиқат, асос ва заминаи тамоми ҷараёни таълим ба шумор рафта, аз равандҳои мураккаби тафаккури шуури инсон шаҳодат медиҳад [140, с.108]. Хониши пурра як раванди мураккаб ва бисёрҷанбаест, ки ҳалли чунин вазифаҳои маърифатӣ ва коммуникатсионӣ, аз қабили фаҳмиш (умумӣ, пурра ва интиқодӣ), ҷустуҷӯи иттилооти мушаххас, худидоракунӣ, барқарор кардани контексти васеъ, тафсир, шарҳи матн ва ғайраро ба иҷро мерасонад.

Дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиш ба хонандагон бояд матнҳое, ки сатҳи баландтарини фаҳмишро таъмин мекунанд, пешниҳод гарданд. Вайрон кардани ин талабот хонданро ба фаъолияти дилгиркунанда табдил медиҳад. Шакл ва усулҳои кор бо матнҳо бояд қаноатмандии фикрӣ ва эстетикиро таъмин намуда, гуногунранг, мақсаднок, пурмазмун ва мантиқан бо ҳам алоқаманд бошанд. Ҳангоми интихоби китобҳо барои хониш маълумотҳои психологияи инкишофро низ ба назар гирифтан зарур аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки хонандагони синфҳои болоӣ ба хондани ҳикояҳои саргузаштӣ, дар бораи ҳамсолони худ, дар бораи ҳаёти мактабӣ, дар бораи табиат, ҳайвонот ва ҳикояҳои бадеӣ зиёдтар майл доранд. Барои майли онҳоро дар амал татбиқ кардан ва водор намудани онҳо ба китобхонӣ, махсусан, бо забони хориҷӣ (англисӣ) омӯзгорро зарур аст, ки шогирдонро ба ин намуди фаъолият талқин намуда тавонад.

Аз рӯйи хусусият, дарки маводди хондашударо хониши таҷзиявӣ (синтетикӣ) таъмин менамояд, зеро дар ин ҳолат шакли лингвистии матнҳо аз хонанда кӯшишҳои зиёди равониро талаб намекунад ва таваҷҷуҳи асосии хонанда ба истихроҷи иттилооти матн равона карда шудааст.

Аз рӯйи усули хониш – мутолиаи бесадо ё визуалӣ ҳамчун мутолиаи комил ва комилтарин шуморида мешавад.

Аз ҷиҳати ҷой ва вақти хониш – хониши берунсинфӣ, хонагӣ, инфиродӣ ва мустақилона мебошад.

Мактаби муосир хониши хонагиро, махсусан дар рафти омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун марҳилаи ҷудонопазири ин раванд арзёбӣ менамояд. Ҳадафи асосии хониши хонагӣ касби маълумот аз матнҳои забони хориҷӣ мебошад. Дар баробари ин, хониши мунтазам ва доимии хонагӣ сарчашма ва воситаи муҳимми афзоиши захираи луғавӣ ва ташаккули маҳорати нутқи шифоҳии хонандагон мебошад.

Дар таҳқиқоти худ, дар баробари хониши мустақилона, мо хониши хонагиро низ баррасӣ мекунем, чун ҳарду тақрибан як навъи хониш тасниф шуда, баъзе хусусиятҳо байни онҳо фарқ мегузоранд. Мантиқан хониши хонагиро метавон ҳамчун ҷанбаи мустақили таълими забони хориҷӣ шуморид. Вале идомаи хониши хонагӣ ҳамчун фаъолияти мустақилона дар синф ҷараён мегирад. Яъне, матну маводди хондашуда дар синф бо иштироки омӯзгор ва аҳли синф муҳокимарониву масъалагузорӣ карда мешавад.

Хониши хонагӣ ҳамчун яке аз ҷанбаҳои фаъолияти таълимӣ дар азхудкунии забони хориҷӣ бояд дар ташаккули маҳорати «хониши воқеӣ» нақши ҳалкунанда бозад. Дар мавриди мақсаду вазифаҳои ин навъи хониш, бояд гуфт, ки он аз як ҷониб, дар хонандагон ташаккул додани маҳорату малакаи мутолиаи адабиёт бо забони хориҷӣ бошад, аз ҷониби дигар, рушди малакаю маҳорати нутқи хаттию шифоҳӣ, инчунин қобилияти муҳокимаронӣ атрофи маводди хондашуда мебошад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти шавқу ҳавас ва майлу рағбати хонандагон ба омӯзиши забони хориҷӣ, мавҷудияти маводу китобҳо ва маҷмуи матнҳо барои хониш, инчунин дар асоси баъзе маслиҳату тавсияҳои адабиёти методӣ, барои хонандагон, аз ҷумла, барои синфҳои болоӣ метавонанд вариантҳои зерини хониши хонагиро аз забони хориҷӣ (англисӣ) пешниҳод намуд:

1. ***Хониши инфиродии хонагӣ*** – ҳар як талаба аз рӯйи матн ё маводди интихобкардаи худаш ё матни мувофиқи шавқу ҳавасаш пешниҳодшуда, кор мекунад.

2. ***Хониши умумисинфии хонагӣ*** – тамоми синф матнеро мехонад, ки барои ҳама маъмул ва ягона аст, аммо машқу супоришҳо ва вазифаҳо аз рӯйи ҳаҷм ва танзимоти матни хондашуда вобаста ба қобилияти забонии хонандагон, фарқ мекунанд.

Мавзуъҳои хониши хонагӣ, мазмуну мундариҷаи матни хониш, аз рӯйи қоида, тахминан бояд бо мавзуъҳои барномаи таълимии забони хориҷӣ (англисӣ) дар МТМУ мувофиқат кунанд. Яъне, хуб мешуд, агар матнҳои хониши хонагӣ фарогири барномаи таълимии фанни мазкур буда, фаъолияти синфӣ ва берунaзсинфии хонандагонро ҳамгиро месохт.

3. ***Шакли омехтаи хониши хонагӣ*** навъҳои гуногуни хонишро метавонад дар бар гирад. Дар ин ҳолат, дар баробари хониши инфиродӣ, давра ба давра метавон хониши умумисинфии хонагӣ ё хониши синфиро дар асоси матнҳои барои ҳама хонандагон маъмул дар синф гузаронд.

Мутолиаи матне, ки барои ҳама хонандагон маъмул аст, дар ин маврид метавонад дорои ду ҳадаф бошад: а) худи мутолиа б) хондан ҳамчун воситаи инкишофи минбаъдаи нутқи забони хориҷӣ. Дар чунин ҳолат коркарди матн метавонад марҳилаи ниҳоии кор дар мавзуи лексикӣ ва суҳбати мавриди омӯзиш карор гирад. Ба сифати намудҳои коллективии кор оид ба матне, ки барои ҳама хонандагон маъмул аст, истифода мешаванд: тарҳрезии матни хондашуда, муҳокимаи қаҳрамонҳо ва рӯйдодҳои асосӣ, равшан кардани баъзе ҷузъиёт ва ҳолатҳо, тарҷумаи ҷумлаҳо ва параграфҳои душвортарин, драмавӣ кардани муколламаҳо ва ғайра. Ин дарсҳоро метавон ҳамчун дарсҳои конференсия бо мақсади муҳокимаи матни аз ҷониби тамоми синф хондашуда гузаронидан мумкин аст.

Чуноне ки В.М Фадеев иброз медорад, ҳар гуна муносибат ба ташкили хониши хонагӣ, бояд на танҳо доимию бисёр ва осон, балки тарҷуманашуда, дорои маълумоти ҷолиб ва дорои таъсири тарбиявӣ бошад [134, с.28]. Қонеъгардонии шавқу завқи маърифатӣ эҳсосоти мусбии зеҳниро бедор ва инкишоф медиҳад. Илова бар ин, ҳавасмандии маърифатӣ амалан нопурра мегардад, хусусан, агар он дар маводди дорои хусусияти забонӣ ва фарҳангӣ ташкил карда шавад. Мувофиқи ақидаи Н. Саланович, шавқу ҳавас ва эҳтиёҷоти талабагон бо ангезаҳои

тарбиявию маърифатӣ хеле зич алоқаманд аст, ки чунон ки маълум аст, омилҳои асосии фаъолияти таълимии онҳо мебошанд [117, с.18].

Дар робита ба ҳадафҳои ташкили хониши хонагӣ, ҳоло ду тамоюл муайян карда шудааст:

1. Хондан бо мақсади дарки матн, яъне хондани воқеӣ бошад;

2. Хондан ҳамчун тайёрӣ ҷиҳати суҳбат дар асоси матни хондашуда.

Самти дуюм хусусияти асосӣ ва доимии хониш ҳамчун як намуди фаъолияти нутқ нест. Он тавассути самти амалии раванди омӯзишии таълими забонҳои хориҷӣ ва рушди нутқи шифоҳӣ ба хондан оварда мешавад.

Баъзе методистон қайд мекунанд, ки хониши хонагӣ бояд ҳамчун як машқи махсус дар хониш бошад, ки он набояд нисбат ба дигар намудҳои фаъолияти забонӣ, ба мисли муҳокима бо забони хориҷӣ мураккаб бошад. Бо вуҷуди ин, айни замон даст кашидан аз маводди хониши хонагӣ ҳамчун манбаи рушди нутқи шифоҳӣ мувофиқи мақсад нест. Дар таълими забонҳои хориҷӣ, ба андешаи мо, то ҳол манбаи воқеие ба ҷуз матн вуҷуд надорад, ки хонандагонро ба фаъолияти нутқӣ ҳавасманд кунад. Илова бар ин, набояд фаромӯш кард, ки яке аз камбудии хонандагони синфҳои болоӣ дар он аст, ки маҳорати пасти муошırати шифоҳӣ доранд. Бинобар ин, чуноне ки Шатилов С.Ф. қайд мекунад, «онҳо дар суханронӣ бо забони хориҷӣ чандон ташаббус нишон намедиҳанд ва ба ҳавасмандии доимӣ ниёз доранд» [150, с.140]. Маҳз дар ҷараёни суҳбату муоширате, ки дар асоси матнҳои дар хона хондашуда барпо мегарданд, хонандагон метавонанд андешаю эҳсосоти худро бо забони хориҷӣ озодтар баён кунанд.

Дар асоси ҳадафи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаби муосир, ҳангоми ташкили хониши хонагӣ, ду марҳиларо ҷудо кардан лозим аст:

Марҳилаи 1. Хониш ҳамчун раванди ба даст овардани маълумот аз матн. Ин марҳила ҳангоми кор бо ҳама гуна матн зарур аст. Вале бо ҳамин бояд кор аз рӯйи аксарияти матнҳои хониши мустақилонаи хонагӣ ба хонандагон пешниҳод карда шавад.

Марҳилаи 2. Суҳбат дар асоси маводди хониши хонагӣ. Ин марҳила бояд интихобӣ бошад, зеро танҳо ба як қисми матнҳо ё порчаҳои он, ки барои амалияи нутқ нисбатан мувофиқанд, татбиқ карда шавад.

Муносиб будани матнҳои бадеӣ ё қисмҳои онҳоро барои амалияи нутқ метавон аз рӯйи меъёрҳои зерин ба таври мисол муайян кард:

1. Сюжети равшан ва ҷолиби матн ё порчаи матнӣ;

2. Эҳсосот ва тасвири муаррифӣ;

3. Наздик будани мавзуи рӯнавоӣ (презентатсия) ба таҷрибаи ҳаётӣ ва шавқу завқи хонандагон;

4. Эҳтимолияти бархурди нуктаҳо, муҳокимарониҳое, ки боиси баҳс мешаванд;

5. Имкони тағйироти гуногуни вазъияти муҳтавои матн ё порчаи матнӣ.

Вобаста ба мақсад ва хусусияти амалияи нутқ, дар баъзе мавридҳо барои муқаррар кардани мувофиқ будани матн ва ҷавобгӯ будани он ба ду ё се меъёри дар боло зикршуда кофист.

Ҳамин тариқ, дар хона хондани матнҳои бадеӣ бо забони хориҷӣ метавонад як роҳи боэътимоди истихроҷи иттилоот, воситаи муҳимми инкишофи нутқи шифоҳӣ дар забони хориҷӣ гардад, он ҳам дар ҳолест, ки агар хонандагон низоми кор бо матн ва як навъ модели раванди хонишро аз худ кунанд. Дар ин ҳолат модели раванди хониш ҳамчун нақшаи умумии амалҳои пайдарпай барои хонанда ҷиҳати таҷзияи мундариҷаи семантикии дар матн рамзшуда фаҳмида мешавад.

Хониши хонагӣ як намуди хониши беруназсинфӣ арзёбӣ гардида, мақсаду вазифа он иборат аст, ки хонандагон бо адабиёти бадеӣ ва намунаҳои эҷодиёти шифоҳии халқҳои забонашон омӯхташаванда шинос шаванд. Ҳамчунин, бо ҳамин васила метавон фарҳанги китобхонии хонандагонро баланд бардошт. Бинобар ин китобхониро ҳамчун воситаи муҳимми тарбияи ахлоқӣ ва зебоишиносии талабагон шарҳ додан мумкин аст.

Одатан, хониши беруназсинфӣ аз рӯйи мазмуни барнома ба ду марҳилаи асосӣ ҷудо мешавад. Дар марҳилаи аввал хонандагон бо феҳристи китобҳое, ки бояд мутолиа кунанд ва тартиби мутолиаи онҳо шинос карда мешаванд. Дар марҳилаи дуюм, дар асоси ин мавод (яъне маводди аз китобҳои хондашуда) хонандагон супоришҳои гуногунро иҷро намуда, дониш, малака ва маҳорати кор бо китоб ва матнро рушд медиҳанд. Илова бар ин, ҷаҳонбинии хонандагон васеъ шуда, хониш ба саводнокӣ ва захираи луғавӣ таъсири судманд мерасонад [172, с.736].

Дарси хониши хонагӣ дар раванди таълим зарур аст, зеро мутолиаи адабиёти бадеӣ, матнҳои оммавӣ, мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ба забони англисӣ ба рушди нутқи шифоҳӣ мусоидат мекунад, захираи луғавиро ғанӣ мегардонад, фарҳанг ва адабиёти кишвари омӯхташавандаро муаррифӣ мекунад ва ба инкишофи забони англисӣ мусоидат менамояд. Аммо судмандтарин он аст, ки адабиёти бадеӣ барои хониши хонагӣ истифода шавад, зеро истифодаи адабиёти илмӣ ва дигар навъи адабиёт барои хониши хонагӣ самаранок нест. Дарки ин навъи адабиёт дониши муайяни заминавиро тақозо мекунад, дар ин гуна матнҳо лексикаи абстрактӣ ва истилоҳоти соҳавӣ бартарӣ дорад.

Хониши хонагӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини омӯзиши забон барои хонандагон мебошад. Ин намуди хониш набояд ҳамчун илова ба фаъолияти синфӣ қабул карда шавад. Он воситаи воридшавӣ ба мундариҷаи таълими забони хориҷӣ (англисӣ) дар тамоми давраи

омӯзиш ҳисобида шуда, унсури муҳимми тарбияи хонандагон мебошад. Хониш сатҳу сифати забондонии хонандагонро хубтар муайян мекунад, зеро «омӯзиши забон берун аз муҳити забонӣ танҳо бо мутолиаи мунтазам, ҳамарӯза ва фаровон имконпазир аст» [120, с. 190].

Маҳз мутолиаи адабиёти бадеии мутобиқшуда дарки фарҳанги забони хориҷӣ ва нигоҳ доштани шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши забони хориҷӣ таъмин месозад. Ҳамин тавр, хониши хонагӣ «барои инкишофи умумӣ ва баланд бардоштани дараҷаи маданияти ҳар як инсон, барои ғанӣ гардондани забони модарии ӯ, барои маълумоти забонӣ ва филологии ӯ маълумоти зиёде медиҳад» [93, с.85].

Бояд қайд намуд, ки на ҳама хониши дар хона анҷомёфтаро метавон хониши хонагӣ номид. Мафҳуми «хониши хонагӣ» дар илми методика дар охири асри XIX ба таври густарда паҳн гардид, дар шароити мо таърифи онро метавон чунин арзёбӣ намуд: хониши хонагӣ – мутолиаи мустақилонаи беруназсинфии асарҳои ҳаҷман гуногуни бадеӣ, ки фарогири мавзуъҳои гузашташуда (ба истиснои фоизи ками луғати ношинос) дар комбинатсияҳои нави дохилиматнӣ сохташуда ва бо мавзуъҳои китоби дарсӣ алоқаманд набуда ба шумор меравад. Хониши хонагӣ як намуд кор ё фаъолияти ҳамаҷониба оид ба таълими хониши бетарҷума, нутқи шифоҳӣ, таълими лексика ва грамматика мебошад.

Тавре ки дар боло қайд гардид, хониши хонагӣ ва мустақилона тақрибан ба ҳамдигар хеле монанд буда, ҳар яке дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Атрофи хониши хонагӣ, навъҳои он, аҳаммият ва мақоми он дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ баррасиҳое аз ҷониби диссертант сурат гирифтанд. Идомаи пажӯҳиш аввал каме ба фарқгузории байни хониши хонагӣ ва мустақилона бахшида шуда, сипас хусусиятҳои хоси хониши мустақилона ва мавқеи ин навъи хониш дар таълими забони англисӣ таҳқиқ мегардад.

Қобили қайд аст, ки барои ҷудо кардани фарқи байни хониши хонагӣ ва хониши мустақилона метавон шумораи фарқиятҳоро то беш аз даҳ адад расонд, аммо таҳлилу таҳқиқи адабиёти илмӣ нишон медиҳанд, ки муҳимтарин фарқ миёни онҳо аз шаш адад иборат аст:

1. ***Мундариҷаи маводди хониш.*** Тавре ки дар боло қайд гардид, барои хониши хонагӣ асосан адабиёти бадеӣ интихоб гардида, мундариҷаи он бояд ба барномаи таълимии фанни таълимӣ (забони хориҷӣ) наздикӣ дошта бошад. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки хонандагон ба осонӣ ба мазмуни матни хондашуда сарфаҳм раванд. Ҳангоми хониши мустақилона мундариҷаи маводди хониш доманадор ва фаррох буда, маҳмудиятҳо вуҷуд надоранд. Яъне, хонандагон дар интихоби маводди хониш комилан озод ва мустақил мебошанд. Онҳо метавонанд адабиёти бадеӣ бо забони асл (ба синну сол мутобиқнашуда), асарҳои публисистию оммавӣ ё илмиро барои хониши мустақилона интихоб намоянд. Хонандагон метавонад маводу матнҳоеро интихоб намояд, ки мавзуи матн ба онҳо писанд ва шавқовар аст. Мавзуъҳои “Сайёҳат”, “Таҳсил дар хориҷа”, “Забонҳои барномасозӣ”, “Сомонасозӣ”, “Дизайни компютерӣ”, “Технологияҳои инноватсионӣ”, “Муҳити зист ва беҳдошти он”, “Тағйирёбии иқлим”, “Таъриху тамаддуни ҷаҳон” ва амсоли инҳо асосан дар синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11) муҳокимаронӣ мешаванд. Атрофи ҳамин масъалаву мавзуъҳо метавон хониши мутақилонаро роҳандозӣ намуд. Гарчанде, ки доираи дарку фаҳмиш ва тасаввуроти аксарияти хонандагони синфҳои болоӣ дар МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миёна рушд карда бошанд ҳам, аммо мутолиаи маводҳои гуногунжанр бо забони англисӣ метавонанд онҳоро давра ба давра ҳамаҷониба рушду ташаккул диҳанд. Шояд дар қадамҳои аввал маводҳои интихобкардаи хониши мустақилона борои шогирдон хеле мушкилу нофаҳмо бошанд, аммо бо ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшиш мушкилотро метавонанд паси сар кунанд.

2. ***Ҳаҷми маводди хониш.*** Барои хониши хонагӣ аввал матнҳои ҳаҷман хурд интихоб гардида, баъдан оҳиста-оҳиста ҳаҷми матнҳо бештар гаштан мегиранд. Ин низом то ба анҷом расидани омӯзиши фанни таълимӣ (забони англисӣ) дар синфҳои 10 ва 11 риоя карда мешавад. Ҳаҷми маводди хониш барои хониши мустақилона муайян карда намешавад. Дар инҷо низ хонанда мустақил буда, метавонад матнеро барои хониш интихоб намояд, ки ҳамагӣ аз як саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст. Матни мазкур дар навбати хуб метавонад маълумоти хеле душворфаҳм буда, хонанда онро муддати якчанд рӯз мутолиа, тарҷума ва таҳлил намуда баъдан ба мазмуни он сарфаҳм равад. Ин ҳолат метавонад баръакс бошад. Яъне, ҳаҷми маводди интихобшуда аз сад саҳифа низ зиёд шуда метавонад.

3. ***Шакли маводди хониш.*** Айни ҳол, истифодаи телефонҳои мобилӣ (аз ҷумла, планшет, китобҳои электронӣ ва дигар гаҷетҳо) дар муассисаҳои таълимӣ манъ аст. Пас, метавон хулоса кард, ки хониши хонагӣ аслан дар асоси китобҳои анъанавӣ (чопӣ) ва адабиёти бадеӣ роҳандозӣ мегардад. Дар асри XXI ташкили якранги раванди таълим чандон самара намедиҳад. Дар баробари китобу маводҳои анъанавӣ (чопӣ), истифодаи смартфон, планшет, китобҳои электронӣ, гаҷетҳои доно, сомонаҳои интернетӣ ва саҳифаҳои иҷтимоӣ, подкастҳо дар шакли аудио ва видео хониши мустақилонаро хеле ҷолиб ва хонданӣ хоҳад кард.

4. ***Сабақгардонӣ аз маводди хондашуда.*** Азбаски асари хониши хонагӣ аксари вақт барои аҳли синф ягона мебошад, пас, машқу супоришҳо ва вазифаҳо низ якхела хоҳанд буд. Хондану тарҷумаи матн (дар хона), нақли муҳтавои матни хондашуда, иҷрои машқу супоришҳои вобаста ба матни хондашуда, гӯш кардани шакли аудиоии порчаи матн ва иҷрои машқҳо, кор бо тасвирҳо, навиштани нақли хаттӣ ва амсоли инҳо ҳангоми сабақгардонӣ баъд аз хониши хонагӣ дар синф, берун аз

дарс амалӣ карда мешаванд. Сабақгардонӣ ҳангоми хониши мустақилона каме дигар буда, он пеш аз ҳама, хусусияти инфиродӣ дорад. Яъне, азбаски ҳар як хонанда мустақилона маводди хониш интихоб кардааст, пас сабақгардонии ӯ низ дар алоҳидагӣ сурат мегирад. Ҳангоми сабақгардонӣ аз натиҷаи хониши мустақилона метавон аксарият намудҳои кор ҳангоми хониши хонагиро (тарҷума ва нақли муҳтавои матн, кор бо расмҳо ва ғ.) истифода намуд, аммо чанде аз намуди корҳое ҳастанд, ки маҳз ҳангоми хониши мустақилона метавон сабақгардонӣ кард: дар шакли презентатсия, аудио, видео ва дигар навъи форматҳо пешниҳод намудани маълумоти мухтасар аз матни хондашуда; таҳлили матн ва пешниҳоди фикру ақида ва хулосаи шахсии худ; пайдо ва пешниҳод сохтани адабиёти сарчашмаҳои иловагӣ вобаста ба масъалаи матраҳшавандаи матни хондашуда; таҳияи саволу супориш ва машқу вазифаҳо дар заминаи матн ва пешниҳоди он барои дигар хонандагон; сабақгардонӣ на дар синфхона, балки тавассути почтаи электронӣ (дар шакли нақли хаттӣ, сабти аудиоӣ ва видеоӣ, презентатсия ва ғ.).

5. ***Давомнокӣ ва давраи сабақгардонӣ.*** Ҳангоми ташкили хониши хонагӣ, сабақгардонӣ ё кор аз болои маводди хондашуда одатан ҳафтае як маротиба ё дар ду ҳафта як маротиба сурат мегирад. Давомнокии сабақгардонӣ асосан як соати дарсиро ташкил намуда, масъалаҳои асосии матни хондашуда бо хонандагон муҳокима гашта, машқу супоришҳо иҷро карда мешаванд. Давраи сабақгардонӣ ҳангоми хониши хонагӣ аз ҷониби омӯзгор муайян карда мешавад. Давомнокии давраи сабақгардонӣ ҳангоми хониши мустақилона муайян ва мушаххас нест. Давраи сабақгардониро метавон ҳафтае як ё дар ду ҳафта як маротиба бо омӯзгори фаннӣ муайян ва мувофиқа кард. Инчунин, метавон ҳар як чоряк ё ҳар нимсола сабақгардонӣ намуд. Аз сабабе ки ҳар як хонанда ба таври инфиродӣ, маводду матни хонишро интихоб

кардаанд, онҳо метавонанд инфиродӣ ё чанд хонанда якҷоя даври сабақгардониро бо омӯзгори фаннӣ мувофиқа созанд. Вобаста ба шакли сабақгардонӣ, ҳузурӣ (дар синфхона) ё маҷозӣ (фосилавӣ) давомнокии сабақгардонӣ муайян мегардад. Барои сарфа намудани вақти омӯзгор пешниҳоди натиҷаи маводди хондашуда бештар ба почтаи электронии омӯзгор равон карда шуда, ба таври мушаххас метавон аз натиҷаи кори хуб маълумоти хаттӣ ё шифоҳӣ дод.

6. ***Рушди малакаҳо ва салоҳиятҳо.*** Хониши хонагӣ ба рушди малакаҳои умумимактабӣ (академӣ), дуруст хондану тарҷума кардан ва таҳлил намудани матн, рушди тафаккури интиқодӣ, малакаи иҷрои машқу супоришҳо дар асоси матни хондашуда равона мегардад. Талаботҳои барномаи таълимии фан, аз ҷумла, рушди салоҳиятҳои муоширатию забонӣ маҳз ҳангоми ташкили хониши хонагӣ ташаккул меёбанд. Хониши мустақилона, дар баробари рушди ҳамаҷонибаи малакаҳои умумимактабӣ, ҳамчунин ба ташаккули доираи шавқу рағбати хонандагон, тавсеаи ҷаҳонбинӣ, фикррронӣ, масъалагузорӣ ва хулосабарории онҳо таъсири мусбат мерасонад. Ҳамасмандии хонандагонро ба худомӯзию худтакмилдиҳӣ меафзояд.

Хониши мустақилона бояд ба як одати муқаррарӣ, анъанаи забономӯзӣ ва ниёзи хонандагон табдил ёфта, ҳамчун ҷузъи муҳимми раванди таълими забони англисӣ қабул карда шавад. Барои расонидани хониши мустақилона то ба ин сатҳ, корҳои зиёде бояд анҷом дода шаванд. Ташкили хониши хонагӣ, шуруъ аз синфи 5 ва пешниҳоди одитарин матнҳо барои хониш, дар синфи 6-7 одат ва ҳавасманд гардонидани хонандагон ба хондан, марҳила ба марҳила, то синфи 8-9 баланд намудани сатҳи фаҳмиши матнҳои мушкил заминаи устуворе барои хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11) хоҳад шуд.

Ин навъи хониш дорои хусусиятҳои хоси худ буда, аз дигар намуди хониш фарқ мекунад. Чунин махсусиятҳо, ба монанди *ташаббус, интихоб, ваҷҳи дохилӣ, мутобиқшавии бемайлон ва натиҷагирии мустақилона* хосси хониши мустақилона мебошанд. Хонандагон худ ташаббус нишон дода, маводди хонишро мустақилона интихоб мекунанд. Дар хонандагон нисбат ба ваҷҳи беруна, ваҷҳи дохилӣ зиёдтар ба назар мерасад. Яъне, шавқу завқ, ҳавасмандӣ, ҳисси кунҷкковии хонандагонро боло бурда, онҳоро водор месозад, ки ҳарчи бештар донанд ва маълумот пайдо кунанд. Ҷой, макон, вақт барои хониши мустақилона муайян набуда, хонанда метавонад ин ҳолатҳоро худ интихоб намуда, мутолиаро бе маҳдудияти вақту макон амалӣ намояд. Баъди анҷоми маводди хондашуда, хонанда метавонад натиҷаи маълумоти гирифтаашро таҳлил намуда, хулосаи худро ба омӯзгорӣ фаннӣ, ҳамсабақон ё ҳамсолонаш пешниҳод созад.

Инкишофи қобилиятҳои дарки ғайрилуғавии матнҳо (семантизатсия бидуни луғат, яъне дарки маъно бе истифодаи луғат) ба вазифаҳои хониши хонагӣ дохил намешавад. Ин ҷанбаҳои омӯзиши хондан бояд бо истифода аз матнҳои махсус (аз ҷумла, мақолаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, матнҳои соҳавӣ, илмию оммавӣ, матнҳои мавзуӣ ва ғ.) амалӣ карда шаванд, ки маҳз хониши мустақилона онро таъмин менамояд. Дар ин раванд малакаҳоеро, аз қабили фаҳмиш тавассути тахминкунии дохилиматнӣ (контекстӣ) ва унсурҳои калимасозӣ инкишоф медиҳанд [80, с.13]. Дар заминаи ин, шумораи воҳидҳои луғавии ношинос дар матнҳои хониши мустақилона метавонад тадриҷан афзоиш ёбад, зеро хонандагон бояд қобилияти дарки матнро бидуни луғатҳо дар асоси тахминҳои забонӣ инкишоф диҳанд. Таълими нутқи шифоҳӣ дар ҷараёни ташкили хониши мустақилона мебояд ба муҳокимаи мушкилоти мундариҷаи асар, ки ба воқеият алоқамандӣ дорад, асос ёбад.

Маҳз хониши мустақилона имкон медиҳад, ки вазифаю талаботҳои мураккаби барномаи фанни таълимиро, аз қабили ба хонанда омӯзонидани дарку фаҳмиш ва таҳлили матнҳои гуногунмазмун, ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ ва рушди маҳорати муоширатии онҳоро амалӣ намояд. Ҳалли ин масъалаҳо дар дарсҳои хониши хонагӣ имконпазир буда, кор бо тамоми намуди асарҳои бадеӣ (ҳикоя, новелла, пиеса ва ғ.) дар асоси супоришҳои мақсаднок сурат гирифта, натиҷаи хубе низ ба даст овардан мумкин аст [120, с.191]. Барои иҷрои корҳо бо матнҳои нисбатан мушкилфаҳм ва мураккаб бошад, хониши мустақилона афзалияти бештар дорад. Кор бо ин навъи матнҳо махусусияти худро дошта, муносибати эҷодкорона, мустақил ва ҷиддиро талаб мекунад. Нисбат ба хониши хонагӣ, фаъолияти хонандагоне, ки ба хониши мустақилона машғул мебошанд, тамоман дигар ва ҳатто бештару мураккабтар мебошад. Афзалиятҳои хониши мустақилона дар таълими забони хориҷӣ хеле зиёд мебошад (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**

**Афзалиятҳои хониши мустақилона**

| | |
|---|---|
| **Рушди мустақилият ва масъулиятшиносӣ**<br>Хонанда худ қарор қабул карда, ташаббус нишон медиҳад, ки кадом маводро дар кадом вақт мутолиа намояд. Ин дар хонанда малакаи худидора-кунӣ ва масъулиятшино-сиро инкишоф медиҳад. | **Болоравии ваҷҳ ва ҳавасмандӣ**<br>Интихоби маводди хониш аз рӯйи шавқу ангезаи ваҷҳи хонандагонро боло бурда, ин ҷараёнро боз ҳам ҷолибтар месозад. |
| **Афзоиши дониш ва тафаккури интиқодӣ**<br>Хонанда имконият дорад, мавзуъ ва масъалаҳое, ки ба ӯ писанд мебошанд, тавассути хониши мустақилона маълумоти бештар пайдо кунад. Фаррох гашдани доираи донишҳо тафаккури | **Рушди фарҳанг ва маърифати хониш**<br>Хониши мустақилонаи пайдарҳам муҳаббат ва шавқи хонандагонро ба хониш, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми афзоиши дониш мебошад, бештар мегардонад. Хониш метавонад ба одати |

| Идомаи ҷадвали 2. | |
|---|---|
| интиқодӣ ва таҳлилии шахсро рушд медиҳад. | муқаррарӣ ва тарзи ҳаёти хонанда табдил ёбад, агар хонандагон бештар ба худомӯзӣ талқин карда шаванд. |
| **Рушди гуногунандешӣ ва эҷодкорӣ**<br>Хондани адабиёти бадей, публисистӣ, оммавӣ, рӯзномаю мақолаҳо ва умуман, матнҳои гуногунжанр, мавзуъҳои гуногунпаҳлу бемамоният метавонад хонандаро ба гуногунандешӣ водор созад. Маҳорати иҷрои эҷодкорона ва мустақилонаи масъалаҳои пешомада низ аз мутолиаи мустақилона шаҳодат медиҳад. | |

Чанд афзалияти муҳим ва натиҷабахши хониши мустақилонаро, ки дар ҷадвали боло оварда шудаанд, метавон дар шароити МТМУ кишвар роҳандозӣ намуд. Барои татбиқи ин навъи хониш ва дар амал мушоҳида намудани афзалиятҳои он чандин марҳилаҳоро мебояд тай кард ва хонандагонро ба ин навъи хониш омода намуд.

Роҳи асосии устувор аз худ намудани луғати нав метавонад, дар умум, аз хониш вобастагии калон дошта бошад. Ташкили хониши синфӣ, хонагӣ, инфородӣ, мустақилона ва дигар навъҳои он дохил кардани калимаю ибораҳои навро ба машқҳои нутқӣ, пеш аз ҳама, дар суҳбату муҳокимарониҳо атрофи матни хондашуда талаб мекунанд. Иҷрои пайдарҳами машқу супоришҳо бо луғатҳои нав имкон медиҳад, ки вожаҳои нав хубтар дар майнаи сари хонандагон ҷой шаванд. Барои васеъ намудани доираи захираи луғавии хонандагон, ба муҳлати дуру дароз нигоҳ доштани калимаю ибораҳо, истилоҳоти гуногунсоҳа ва рушди маҳорати истифодаи дуруст онҳо дар фаъолияти муоширатӣ, албатта саҳми хониши мустақилона хеле калон аст. Мустақилона аз худ намудани луғати нав ва барои нигоҳдории онҳо аз навъҳои гуногуни машқу супоришҳо истифода кардан, алакай қадами устуворе дар самти забономӯзӣ мебошад.

Баъди таҳлилу баррасии зербоби мазкур метавон хулоса кард, ки мавқеи хониши мустақилона дар таълими забони англисӣ, махсусан дар синфҳои болоӣ хеле муҳимму муассир арзёбӣ мешавад.

Фарқи байни хониши мустақилона ва дигар навъҳои хониш шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар рушди ҳамаҷонибаи хонандагони синфҳои болоӣ, махсусан, хатмкунандагони МТМУ афзалиятҳои зиёде дида мешаванд.

Барои устувор гардонидани забондонии хонандагони синфҳои болоӣ, ба муоширати байнифарҳангӣ омода ва талқин намудани шогирдон ба худомӯзию худтакмилдиҳӣ ва ташаббускорӣ дар ин самт, ташкили хониши мустақилона, ҷорӣ намудани ин навъи хониш ба раванди таълими забони хориҷӣ зарурат ба амал меояд. Роҳандозии хониши мустақилона дар рафти таълими забони хориҷӣ метавонад имкониятҳои зиёдро ҳам барои омӯзгори фаннӣ ва ҳам барои хонандагон ба бор орад. Дар ин ҷода саъю кӯшиши омӯзгор бояд аз хонандагон кам набуда, зарур аст, ки ҳамеша дар роҳи ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ бошад.

### 1.3 Салоҳияти лексикӣ – аҳаммият ва ҷойгоҳи он дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ

Масъалаи таълими асосҳои муошират бо забони хориҷӣ (англисӣ) ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таҳқиқоти илмӣ бешубҳа, мубрамии калон дорад. Ҳадафи таълими забони хориҷӣ дар МТМУ ташаккули салоҳияти муоширатӣ ва забонӣ (лингвистӣ)-и хонандагон буда, он дар синфҳои болоӣ боз ҳам аҳаммияти бештарро касб мекунад. Забони хориҷӣ дар синфҳои болоӣ барои фаъолияти таълимӣ-амалӣ, худомӯзию худтакмидиҳӣ, дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти касбии олии мамлакат ва берун аз он фанни хеле муҳим шуморида мешавад. Сатҳи зарурии дониши забони

хориҷӣ имконият медиҳад, ки хонандагони синфҳои болоӣ пеш аз хатми муассисаи таълимӣ аз чанд ҷониб ба марҳилаи минбаъдаи ҳаёти худ, яъне ҳаёти донишҷӯӣ омодагӣ бинанд. Донишу малакаҳои забондонӣ хатмкунандагони МТМУ-ро ба муошırати байнифарҳангӣ водор месозанд. Тавассути забони хориҷӣ муҳассилин метавонанд дар бораи касби ояндаи худ, мактабҳои олии ватанию хориҷӣ, шароити таҳсил дар онҳо маълумоти бештар пайдо намояд. Фароҳам овардани шароиту муносибатҳои сифатан нави таълими забони хориҷӣ дар МТМУ зарурат ба амал меорад, ки муносибат ба забономӯзӣ тағйир ёбад. Китобҳои дарсӣ давра ба давра такмил ёфта, маводҳои иловагии таълим, воситаҳои техникии таълим ва методу усулҳои навин ба раванди таълим ворид карда шаванд.

Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии омӯзиши забони хориҷӣ дар МТМУ ҳамоно ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва муоширатӣ боқӣ мемонад. Салоҳияти забонӣ азхудкунии миқдори муайяни донишҳои забонӣ ва малакаҳои мувофиқи ҷанбаҳои гуногуни онро дар бар мегирад: фонетика, грамматика, лексика. Барои ба муошират водор намудани хонандагон раванди таълим бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки сохтори забон бо мақсади истифодаи дуруст дар нутқ роҳандозӣ гардад. Аз ин рӯ, метавон ба чунин хулоса омад, ки дар таълими забони хориҷӣ таваҷҷуҳ нисбат ба забон ҳамчун низом (низом), мебояд ба нутқ бештар равона гардад.

Омӯзиши забони хориҷӣ як раванди бисёрҷанбаест, ки азхудкунии чандин малакаю маҳорат ва қобилиятҳоро дар бар мегирад. Забоншиносон дар мавриди аҳаммияти омӯзиши ҷанбаи луғавии забон андешаҳои мухталиф ироа карданд. Масалан, Л.В. Шерба бар ин бовар аст, ки ҷанбаи грамматикии забон нисбатан муҳимтар аст, зеро меъёрҳои он барои ташкили воҳидҳои луғавии алоҳида дар рафти муошират мусоидат мекунанд. Ин ҳолат дар навбати худ истифодаи забонро

ҳамчун воситаи муошират дар бар мегирад [152, с. 82-86]. Фикри ба андешаи Л.В. Шерба муқобилро И.Д. Салистра баён карда, ба луғат нисбат ба грамматикаи забон афзалияти бештар медиҳад. Ба ақидаи ӯ, донистани 50 калима ва ҳамагӣ 5 қоидаҳои грамматикӣ барои муошират кардан назар ба падидаи баракс кумак мекунад [119, с.5-19]. Яъне, нисбат ба донистани қоидаҳои зиёди грамматикӣ, хонандаро зарур аст, ки ҳарчӣ бештар калимаю ибора донад. Назари дуруст ин аст, ки лексика дар баробари грамматика ҷузъи асосии ҳар як забонро ташкил медиҳад. Ба таври мақсаднок ва мунтазам ташаккули малакаҳои лексикии хонандагон, дар намудҳои гуногуни фаъолияти нутқ истифода намудани лексикаи муоширатӣ бо забони хориҷӣ, пайваста мавриди машқу такрор қарор додани лексикаи азхудшуда аз манфиат холӣ нест.

Дар зербоби мазкур масъалаи мавриди назар, мавқеи луғат, захираи луғавӣ, афзоиши он ва аҳаммияти донишҳои лексикӣ дар ҷараёни таълими забони англисӣ дониста мешавад. Арзиш ва аҳаммияти рушди салоҳияти лексикии хонандагон дар низоми забономӯзӣ бузург буда, аз омӯзгор маҳорати касбиро талаб мекунад. Ҳаҷми дониши лексикӣ ва захираи луғавии хонандагон, дараҷа ва сифати маҳорати муоширатии онҳоро муайян месозад. Барои ворид шудан ба масъалаи мазкур шарҳи мафҳуми «лексика», хусусиятҳои рушди малакаҳои лексикӣ ва дигар ҳолатҳоро ба таври амиқ баррасӣ намудан зарур аст.

Мафҳуми «лексика» шарҳу тавзеҳи гуногун ва зиёд дорад, аммо дар мавзуи таҳқиқиқотии мо онро бояд чун маҷмуи вожаҳои забон баррасӣ кард. Ба ин мафҳум методистҳо, равоншиносон ва забоншиносон ва таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ба он аз паҳлӯҳои гуногун назар меафкананд.

Аз назари Р.К. Миняр-Белоручев, *маҳорати луғавӣ* (*лексикӣ*) ин қобилияти фавран ба хотир овардани калимаи зарурӣ вобаста ба вазифаи мушаххаси нутқ ва ба занҷираи нутқ дохил кардани он мебошад

[88, с. 33-41]. Дар таъриф таъкид шудааст, ки ҳангоми таълими лексика на танҳо ба омӯзиши вожаҳои мушаххас, балки доир ба соҳаи мавзуӣ ва маъноии онҳо, калимасозӣ, қоидаҳои корбурди онҳо аз рӯйи грамматика ва услуби баён низ кор бурда мешавад.

Дар луғати истилоҳоти методии Азимова Э.Г. *маҳорати луғавӣ* ҳамчун амали автоматишудаи интихоби мувофиқ ва пайвастани дурусти воҳидҳои луғавӣ бо дигар воҳидҳо дар нутқи истеҳсолӣ ва дарки автоматии он дар нутқи қабулкунанда баррасӣ мешавад [11, с. 261].

*Воҳиди луғавӣ* – воҳиди забониест, ки дорои маънои мустақили луғавӣ буда, вазифаи воҳиди нутқро иҷро карда метавонад. Воҳиди лексикӣ метавонад калима ё ибора бошад. Он дорои *шакл*, *мазмун* ва *тарзи пайвастшавӣ* бо дигар калимаҳо мебошад. *Шакл* қабати шифоҳӣ ё хаттии калима буда, *мазмун* паҳлӯи консептуалии воҳиди луғавиро инъикос мекунад ва *пайвастшавӣ* барои робита бо воҳидҳои дигари забон хидмат мекунад.

Мафҳуми «салоҳияти лексикӣ» бо мафҳуми «маҳорати лексикӣ» хеле зич алоқаманд аст. Дар сурати набудани он, шахс аз имконияти муошират кардан маҳрум аст. Зери мафҳуми «салоҳияти лексикӣ» донишҳо дар бораи сохтори луғавии забон, ки унсурҳои лексикаю грамматика ва қобилияти истифодаи онҳоро дар нутқ дар бар мегирад, фаҳмидан лозим аст. Салоҳияти лексикӣ аз қобилияти истифодаи лексикаи забон дар амал ва донистани миқдори кофии калимаҳо иборат аст. Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки донистани калима маънои донистани шакл, маъно ва тарзи истифодаи онро дорад.

Бо натиҷагирӣ аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки вожаҳо дар хотираи инсон ба таври алоҳида вуҷуд надоранд, балки ба як низоми муносибатҳои лексикӣ-семантикӣ дохил мешаванд, ки алоқаҳои синтагмавӣ ва парадигматикии луғавиро дар бар мегиранд. Муносибатҳои синтагматикӣ хаттӣ мебошанд, ки онҳо дар сатҳиибораю

ҷумлаҳо ба вуҷуд меоянд. Дар ҳама ҳолатҳое, ки калима бо калимаву ибораҳои дигар пайваст мешавад, пайванди синтагматикӣ хоҳад буд. Ақидае низ вуҷуд дорад, ки маҳз муносибатҳои парадигматикӣ қувваи дар хотир нигоҳ доштани воҳидҳои луғавӣ ва зуд ба хотир овардани онҳоро аз хотираи дарозмуддат таъмин мекунанд [125, с. 80-92].

Маҳорати лексикӣ, чун намудҳои нутқ ба ретсептивӣ ва продуктивӣ ҷудо мешаванд. Маҳорати продуктивӣ дар гуфтор ва навишт зоҳир шуда, истифодаи беихтиёрона ва ташаккули калимаҳоро дар бар мегирад. Ин намуди маҳоратро метавон нутқи экспрессивӣ низ номид. Маҳорати лексикии экспрессивии нутқ барои дуруст истифода бурдани калимаҳо ва калимасозӣ масъуланд. Нишондиҳандаи дараҷаи инкишофи чунин малакаҳо далелҳои интихоби мувофиқи калимаҳо дар шароити муайяни муошират, бехато истифода шудани воҳиди луғавӣ дар истилоҳҳои услубӣ ва грамматикӣ хоҳад буд. Маҳорати ретсептивӣ барои шинохту дуруст дарк кардани ҳодисаҳои луғавӣ ҳангоми шунидан ва хондан хизмат мекунад. Нишондиҳандаи рушд наёфтани ин гурӯҳи маҳоратҳо нодуруст ва ё носаҳеҳ фаҳмидани калимаҳо ҳангоми хондан ва шуниданро ифода мекунанд [29, с. 59-65].

Ҳамин тариқ, маҳорати лексикиро дар он вақт ташаккулёфта ҳисоб кардан мумкин аст, ки хонанда қоидаҳои алоқамандии воҳиди луғавии алоҳидаро бо дигар гурӯҳҳои мавзуӣ ва семантикӣ, бо мутазодҳо (антонимҳо) ва муродифҳо (синонимҳо), муайян кардани маънои возеҳи калима, қоидаҳои калимасозии мушаххасро аз худ мекунад [55, с. 126-127].

Маҳорати лексикӣ дорои хусусиятҳои зерин аст:

- автоматикунонӣ (мавҷудияти суръат ва нормаи иҷрои амалҳо, мутамарказии диққат ба мундариҷаи нутқ, на ба самти луғавӣ ва грамматикии он);

- тағйирпазирӣ (дохил кардани калимаҳо ба таркибҳои гуногун);

- мураккабии нисбӣ (мавҷудияти чандин ҷузъиёт дар таркиби маҳорати лексикӣ);

- шуурнокӣ (қобилияти гӯянда дар назорати фаъолияти нутқи худ ва ҳамсуҳбаташ дар сатҳи зери шуур).

Муаллимро зарур аст, ки бо маводҳои лексикӣ ҳамроҳи хонандагон мунтазам кор кунад. Дар баробари ин, ӯ бояд барои фаҳмонидани луғатҳои нав пешакӣ тайёрӣ бинад. Бо мақсади муайян намудани душвориҳои азхудкунии луғатҳои нав барои дарс, омӯзгорро зарур аст, ки калимаю ибораҳои навро таҳлил намуда, роҳҳои пайдо кардани маънои воҳидҳои лексикиро муайян созад. Ҳамчунин, агар дар китоби дарсӣ тафсири вожаҳои нав мавҷуд набошанд, пас омӯзгор бояд онро мустақилона тартиб дода, мақсаднокӣ, пайдарҳамӣ ва кифоя будани машқҳои синфиро ҳангоми омӯхтани луғати нав, муайян созад [44, с. 194-201].

Ворид намудани воҳидҳои луғавии нав ба рафти дарс аз муаррифию шарҳи онҳо оғоз мешавад. Дар ин марҳила диққати хонандагон бояд ба истифодаи калима дар дохили матн, мутобиқат ва шакли он дар ҷумлаҳо равона карда шавад. Пас аз ин, таҳлили овозию ҳарфӣ ва маъноии (семантикии) калимаҳо гузаронида мешавад. Семантизатсияи луғатҳо бо ду роҳ амалӣ мегарданд: бо тарҷума (тарҷумавӣ) ва бе тарҷума.

Усули тарҷумавии семантизатсия ду марҳиларо дар бар мегирад:

- тарҷумаи воҳиди луғавӣ ба забони модарӣ;

- тафсири маънои калима дар забони модарӣ.

Усули бе тарҷумаи семантизатсия бо роҳҳои зерин амалӣ мегарданд:

- возеҳиятҳои визуалӣ;

- кинестетикӣ;

- шунавоӣ;

- аудиовизуалӣ.

Дар марҳилаи ҳозираи инкишофи методикаи таълими забони хориҷӣ ба усули бе тарҷумаи семантизатсия афзалият дода мешавад. Дар баробари семантизатсияи луғатҳо бо роҳҳои болозикр, ҳамчунин маънои калимаро бо ёрии муродифоту мутазодҳо; таърифҳо, калимасозӣ, таҳлили этимологии калима ва дохили матн (контекст) шарҳ додан мумкин аст. Интихоби усули семантизатсияи калима, пеш аз ҳама, ба марҳилаи омӯхтан ва хусусияти худи калима: шакл, сохтор ва маънои он вобаста аст [16, с. 52-58].

Дар баробари семантизатсияи калимаҳо аз болои садою графики калимаҳо, мувофиқату омезиши онҳо бо якдигар низ кор кардан лозим аст. Муаллим бояд дар хотир дошта бошад, барои он ки хонанда воҳидҳои луғавиро устувор дар хотир нигоҳ доранд, ҳаҷми онҳо набояд аз ҳаҷми миёнаи хотираи кӯтоҳмуддат зиёд бошад. Равоншинос Ҷ.А. Миллер рақами «7»-ро сеҳрнок номид, зеро вай онро «ҳадд»-и хотираи кӯтоҳмуддати инсон медонист. Тибқи қонуни ӯ, шахс қодир аст дар як вақт 7 мафҳуми навро дарк кунад, ки инҷо сухан дар бораи фаҳмиши лаҳзавӣ меравад. Албатта, ин рақам тахминист, бинобар ин, Ҷ.А. Миллер ду воҳиди ҷамъ/тарҳ тасҳеҳ кард. Мутаассифона, имрӯз олимон иддао доранд, ки шумораи сеҳрнок то 5 адад кам шудааст, зеро инсоният дар давраи пурборшавии иттилоот зиндагӣ мекунад [163, с. 81-97].

Марҳилаи навбатии кор бо луғати нав мустаҳкамкунӣ ва иҷрои корҳои амалӣ дар ҳолатҳои гуногуни муошират мебошад. Барои каме амиқтар ворид шудан ба масъалаи таҳқиқ, зарур донистем, ки баъзе роҳҳои кор бо луғати навро ба таври мухтасар пешниҳод созем.

Дар методикаи таълими забони хориҷӣ барои дар амал татбиқ намудани маҳоратҳо, аз ҷумла, маҳорати лексикӣ, низоми машқҳо таҳия шудаанд, ки онҳоро *машқҳои забонӣ, шартии гуфторӣ* ва *муоширатӣ* дар бар мегиранд. Қайд кардан ба маврид аст, ки тақрибан 2/3 ҳиссаи ҳаҷми

умумии машқҳоро бояд ду гурӯҳи охирин ишғол кунанд, зеро маҳз ҳангоми иҷрои онҳо татбиқ амалии нутқи забони хориҷӣ ба вуҷуд меояд.

*Машқҳои забонӣ* ба талаффузи дурусти калимаҳо таъсир расонида, маҳорати хонандагонро дар калимасозӣ, тағйирдиҳии калимаҳо ва шаклҳои онҳо ташаккул медиҳанд. Ба ин гурӯҳ метавон машқҳои *фарққунӣ* ва *муайянкуни*ро ворид намуд. Мисол:

- калимаҳои вобаста ба матни хондашуда ё мавзуи дарсиро баъд аз гӯш кардан мебояд муайян кард;
- калимаҳоро аз рӯйи баъзе хусусиятҳо бояд ҷудо кард;
- барои калимаҳои дилхоҳ дар матн синоним ё антонимҳо пайдо намуд.

*Машқҳои тақлидӣ*, чун машқҳои забонӣ, вазифадор мекунанд, ки воҳидҳои лексикӣ пас аз гӯянда (омӯзгор, натток) гӯш карда шуда, дуруст такрор карда мешаванд. Ба ин гурӯҳ, ҳамчунин, *машқҳои тахминҳои забонӣ* низ дохил шуда, муайян кардани маънои калимаро аз рӯйи реша, пешванд ё аффикси он пешниҳод менамояд.

Дар марҳилаи ворид намудани *машқҳои шартии нутқӣ* хонанда маводди зарурии забониро фаъолона ва амалан дар нутқ истифода мебаранд. Ин намуди машқ ба мо имкон медиҳад, ки дараҷаи автоматикунонии лексикаро назорат карда, барои гузаштан ба машқҳои коммуникативӣ шароит ва заминаи мусоид фароҳам намоем. Ба ин гурӯҳ *машқҳои таълимии пешгӯӣ* (мисол: охири ҷумларо аз якчанд вариантҳои пешниҳодшуда пайдо кунед, ҷумларо бо назардошти мазмуни пешинааш пурра намоед), инчунин с*упоришҳои саволу ҷавоб, тарҷумаи шифоҳии матн ва тавсифи расму схемаҳо* дохил мешаванд.

*Машқҳои муоширатӣ* яке аз намудҳои муҳимтарини машқаҳо дар таълими забони хориҷӣ ба шумор мераванд, зеро онҳо масъалаҳои хоси вазъияти воқеии муоширатро ҳал мекунанд. Дар ин марҳила воҳидҳои луғавии омӯхташуда ба баёния ва суҳбатҳо атрофи ҳолату масъала ва

мавзуъҳои муайян дохил карда мешаванд. Машқҳои муоширатӣ метавонанд вазифаҳоеро, аз қабили изҳороти мустақилона ё суҳбат дар атрофи ҳолатҳои пешниҳодшуда, изҳори андешаи бетайёрии худ оид ба масъалаи мушаххасро дар бар гиранд [127, с. 45-48].

Забоншинос ва методисти маъруфи рус Е.И. Пассов шаш марҳилаи ташаккули малакаҳои лексикиро муайян мекунад:

- дарки калима дар ҷараёни истифодашавӣ ва пайдоиши образи овозии он;

- донистани маънои калима;

- тақлиди калимаҳо дар алоҳидагӣ ва дар дохили мант (контекст);

- номгуи объектҳое, ки воҳиди луғавии алоҳида муайян мекунанд;

- пайвастани калимаҳо дар пайвандҳои нав;

- корбурди воҳиди луғавӣ дар дохили матнҳои гуногун [106, с. 27-35].

Ҳамин тариқ, маҳорати лексикӣ як ҷараёни психологие мебошад, ки калимаюибораҳо аз хотираи дарозмуддат ба хотир оварда шуда, дар вазъияти мушаххаси муошират истифода карда мешаванд. Маҳорати лексикӣ дорои чандин сифат мебошад: автоматизатсия, тағйирпазирӣ, мураккабии нисбӣ ва шуур. Дар масъалаи марҳилаҳои ташаккули маҳорати луғавӣ олимон нуқтаи назари гуногун доранд, аммо ҳамаи равишҳоро метавон ба чанд марҳила ҷамъбаст кард: шиносоӣ бо маънои калима, вазифаи он, омӯзиш ва азхудкунии воҳиди нави лексикӣ, истифодаи он дар ҷараёни минбаъдаи муошират.

Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ, бисёре аз хонандагон бо костагии захираи луғавӣ рӯ ба рӯ шуда, намедонанд, ки чӣ гуна аз ин ҳолат бароянд. Тадқиқотҳои зиёде низ ба омӯзиши ин мушкилот бахшида шуда, натиҷаҳои назаррасе ба даст омадааст. Бисёри олимон (Шарифзода Ф., Негматов С.Э., Гулмадов Ф., Гадоев К.Х., Коряковцева Н.Ф., Кличникова З.И., Маркина М.И., Никитенко З.Н., Шамов А.Н.,

Браун Х.Д., Брунер Ҷ.С., Хармер Ҷ., Миллер Ҷ., Оксенден С.), ки ба таҳқиқи таълими лексика, ғанигардонии захираи луғавӣ, роҳҳои истифодаи амалии луғати нав машғул шудаанд, аксар ба хулосае омадаанд, ки иштироки фаъолонаи хонандагон дар синф, дар саволу ҷавоб ва муоширати бо забони хориҷӣ, бартараф сохтани монеаҳои забонӣ, бевосита аз сатҳи луғатдонии онҳо вобастагӣ дорад. Муҳошидаҳо нишон медиҳанд, ки хонандагони дорои захираи васеи луғавӣ, нисбат ба нафароне, ки дониши зиёди сохтори забонӣ (фонетикию грамматикӣ) доранд, дар дарс нисбатан фаъолтар мебошанд. Таъкид кардан бамаврид аст, ки луғатдониро набояд ҳамчун омили асосии рушди салоҳияти муоширатӣ шуморид, аммо он метавонад таъсири бевоситаи худро дар ин раванд расонад.

Моҳиятан аз худ кардани мафҳумҳои илмӣ барои таълими бомуваффақият, алалхусус барои инкишофи тафаккури зеҳнӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва пурмазмунии он заминаи устувор мегузорад.

Аксарияти мафҳумҳое, ки ҳангоми омӯзиши фанҳои гуманитарӣ аз худ карда мешаванд, ба хонандагон кумак мерасонанд, ки моҳияти зуҳуроту равандҳои ҷомеаро амиқ дарк созанд ва бо ин васила ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорату малака ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон ва билохира, самарабахшии фаъолияти таълимӣ таъмин мегардад [52, с.17].

Масъалаи дигаре, ки мехостем мавриди омӯзиш қарор диҳем, таваҷҷуҳи худи хонандагон ба азхудкунии луғат, ҳаҷми вақт ва ҳолатҳои муайяни ҷудокардаи онҳо ба луғатомӯзӣ мебошад. Чунончи маълум аст, луғатомӯзӣ ба ғайр аз корҳои синфӣ, боз худомӯзию корҳои мустақилонаро низ талаб мекунад. Вақти ҷудонамудаи беруназмактабӣ ба омӯзиши забономӯзӣ ва ворид намудани забони англисӣ ба ҳаёти ҳамарӯза метавонад ба сатҳу сифати дониши забонии хонандагон

таъсири мусбат расонад. Истифодаи забони англисӣ ҳангоми сайру гашт ва саёҳат, тамошои барномаҳои телевизионӣ, филмҳои бадеӣ, гӯш кардани суруду мусиқӣ бо забони англисӣ, мутолиаи китобҳои бадеӣ, рӯзномаю маҷалла, мақолаҳо бо забони англисӣ захираи луғавии хонандагон афзун менамояд. Истифодаи дурусти калимаю ибораҳо дар ҳолатҳои болозикр хеле хуб ва табиӣ азхуд карда шуда, дар хотираи шахс низ устувор ҳифзу нигоҳ дошта мешаванд. Маҳз дар ҳамин ҳолатҳо ҷараёни беихтиёри азхудкунии ҳама ҷанбаҳои забон, аз ҷумла ғанӣ гаштани захираи луғавӣ ба амал меояд. Яъне, ҳангоми тамошо ва гӯш кардан, мутолиаю муҳокимаронӣ ва муоширaт намудан бо забони англисӣ калимаю ибораҳо, истилоҳот ва луғати нав бо усули бетарҷума, тавассути дарку фаҳмиши луғати нав дар дохили матн аз худ карда мешаванд. Ин бошад яке аз роҳҳои самараноки забономӯзӣ шуморида шуда, нисбат ба фаъолияти синфӣ афзалияти зиёд дорад.

Барои ҳамгиро сохтани фаъолияти синфӣ ва мустақилонаи хонандагон дар самти омӯзиши забони англисӣ, алалхусус ҳангоми кор бо луғати нав, омӯзгорро зарур аст, ки аз роҳу усулҳои гуногуни кор бо луғатро истифода намояд. Ин кор аз як ҷониб назарияи омӯзиши забонро дар амалия татбиқ намуда, аз ҷониби дигар, табодули зеҳнии хонандагонро таъмин менамояд. Яъне, чизеро, ки хонандагон дар рафти дарс вобаста ба сохтори забон, ҷанбаҳои гуногуни он омӯхтаанд, ҳангоми истифода дар тамошои филмҳо, гӯш кардани сабти аудиоӣ, хониши мустақилона ба хотир оварда, таҳлилу хулосабарорӣ мекунанд. Табодули афкор миёни хонандагон, аз якдигар фаҳмидан ва омӯхтани калимаю ибораҳо, луғати нав ва истифодаи дурусти онҳо дар дохили матнро ба амал меорад. Хонандагон метавонанд ҳангоми дарси синфӣ ё дарси хониши хонагӣ луғати нави пайдо кардаашонро ба ҳамсабақон пешниҳод карда, тарҷума ва тарзи истифодаи дурусти онҳоро дар ҷумла ва матн фаҳмонанд.

Шумораи зиёди роҳу усул ва корҳои таълимии анъанавию муосир вобаста ба аз ёд кардани калимаҳои нав вуҷуд дошта, онҳоро метавон дар вақти дарс истифода бурд ё барои истифодаи мустақилона ба хонандагон тавсия намуд. Чанде аз усулҳои серистеъмоли аз ёд кардани луғати нав ҳамчун намуна пешниҳод мегарданд.

**Кор бо варақчаҳо.** Яке аз маъмултарин усулҳои аз ёд кардани луғати нав ин аст, ки дар як тарафи коғаз калимаи англисӣ навишта шуда, дар тарафи дигари он тарҷумаи калима ё мисолеро бо он калима навишта, тарзи истифодаи дурусти калимаро нишон диҳед. Ҳамчунин метавон барои ҳар як ҳиссаи нутқ ранги мушаххаси коғазро истифода бурд. Дар ин кор варақчаҳои рангаи худчасп (стикер), ки ҳаҷми гуногун доранд, истифода бурдан мумкин аст. Бо худ нигоҳ доштан, тарафи калимаи англисии онҳоро ба боло тоб дода, маънои калимаҳоро дар хотир нигоҳ доштан бо чунин варақчаҳо хеле осон аст. Агар ягон калимаро фаромӯш карда бошед, метавонед варақчаро боло баргардонед ва тарҷума ё мисолро бубинед.

**Кор бо кроссвордҳо.** Дигар намуди фаъолият, ки дар забономӯзӣ, аз ҷумла ҳангоми кор бо луғат истифода мешавад, кор бо кроссворд мебошад. Калимаҳои нави англисиро дар шакли кроссворд ҷо ба ҷо карда, шарти иҷрои онро метавон гуногун пешниҳод намуд. Яке аз шартҳои маъмулии он, ёфтани калима, ки атрофи он маълумот пешниҳод шудааст. Дигар намуд шарти он метавонад пайдо намудани тарҷумаи калимаи пешниҳодшуда бошад.

**Навиштани ҳикоя.** Як усули классикии фаъолсозӣ ва аз ёд кардани луғат ин навиштани ҳикоя мебошад. Бо даҳ-дувоздаҳ калимаю ибораҳои нави англисӣ дар мавзуъҳои алоҳида ё озод навиштани ҳикоя тавсия дода мешавад. Аксарияти калимаҳои англисӣ якчанд маъно доранд, бинобар ин, маънои дақиқи калимаро танҳо аз дохили матн (контекст) фаҳмидан мумкин аст. Усули беҳтари дар хотир доштани маънои

калимаҳо навиштани ҷумлаҳо ва ҳикояҳое мебошад, ки дар онҳо калимаҳо бо маънои гуногуни худ истифода шаванд. Ин намуди кор ҳам ба устувор аз ёд кардани луғати нав ва ҳам рушди нутқи хаттӣ таъсири мусбат мерасонад.

Дигар намудҳои кор бо луғати нав, роҳу усулҳои таълими истифодаи дурусти онҳо ва тарзи ғанигардонии захираи луғавии хонандагон аз забони англисӣ вобаста ба мавзуи мушаххаси таҳқиқ дар қисматҳои дигари диссертатсия таҳқиқу баррасӣ мегардад. Махсусан, масъалаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ ҳангоми ташкили хониши мустақилона дар қисмати амалии кори таҳқиқотии мазкур бо овардани мисолҳо пешниҳод мегардад.

Ҳамин тавр метавон ба хулосае омад, ки бо дарназардошти мақсади таълими забони хориҷӣ дар МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти лексикӣ дар ин раванд ҷойгоҳи махсус дорад. Барои рушди салоҳияти лексикӣ маводҳои иловагии таълимӣ таҳия намуда, дар раванди таълим пиёда намудани онҳо зарур мебошад. Барои натиҷаи хуб ба даст овардан на танҳо омӯзгор, балки худи хонандагон низ бояд масъулият нишон диҳанд. Ташкили корҳои гуногуни таълимии синфӣ, мустақилона ва инфиродӣ дар азхудкунии луғати нав, шавқманд намудани хонандагон ба иҷрои машқу супоришҳо метавонанд ба рушди салоҳияти лексикии хонандагон таъсири мусбат расонад.

# ХУЛОСАИ БОБИ ЯКУМ

Баъди таҳқиқи назариявӣ, омӯзишу таҳлил ва баррасии паҳлуҳои гуногуни масъалаи таҳқиқ, метавон ба чунин хулоса омад, ки хониш ҳамчун ҷараёни мураккаби фаъолияти ретсептивӣ дорои хусусияти аналитикӣ ва синтетикӣ буда, дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ мавқеи ниҳоят муҳимро касб мекунад. Дар баробари дигар навъҳои фаъолияти нутқ (навиштан, гуфтор, тафоҳум) омӯзиши забони хориҷиро бидуни хониш тасаввур кардан номумкин аст. Илова бар ин, хониш ба ташаккули гуфтор ва тафоҳум таъсири бевосита расонида, бо ҳама намудҳои фаъолияти нутқ робитаи ногусастанӣ дорад.

Хониш муҳимтарин воситаи муошрати ғайримустақим буда, аз матни хаттӣ гирифтани маълумотро дар бар мегирад. Ин нукта аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ (С.Э. Негматов, Х.Г. Сайфуллоев, К.Х. Гадоев, Д.Б. Элконин, В.Г. Горетский, Н.Д. Галскова, А.Л. Василевич, Н.Ф. Коряковсева, Гудмен (K. Goodman), Ҳ. Видовсон (H. Widdowson) С. Крашен (S. Krashen), К. Грейвз (K. Graves), П. Нейшн (P. Nation)) баён гардида, ҳамчун яке аз воситаҳои қабул ва интиқоли иттилоот арзёбӣ гардидааст. Ҳам аз нигоҳи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва ҳам аз нигоҳи педагогика ва психолингвистика хониш ҷараёни мураккабест, ки ташаккули он дар хонандагон кори хеле заҳматталаб, аммо дорои афлазиятҳои зиёд мебошад.

Азбаски ҳадафи аввалиндараҷаи таълими забони хориҷӣ дар синфҳои болоӣ ташаккули сифатҳои асосии шахсияти забоншиносии хонандагон, рушди қобилияти муошрати байнифарҳангӣ, ташаккули салоҳиятҳои лингвистӣ ва муошратӣ дар сатҳи муайян арзёбӣ гадидааст, таълими техникаи хониш, омӯзонидани навъҳои гуногуни он, талқини хонандагон ба худомӯзию худтакмилдиҳӣ ва хониши мустақилона хеле зарур мебошад.

Таснифи намудҳои хониш, асосан, ба хусусияти фаъолияти хонанда, мақсад ва натиҷаҳои интизории хониш асос меёбад. Ҳар як намуди хониш алгоритми махсуси кор бо матнро талаб мекунад, зеро ҳадафҳои хониш гуногунанд. Талаботҳои баҳодиҳии техникаи хониш риояи меъёрҳои зада, интонатсия, ритм, оҳанг ва дарки матни хондашуда мебошанд. Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар МТМУ раванди таълими хониш ба он нигаронида шудааст, ки хонандагон қобилияти на танҳо дуруст хонданро аз худ кунанд, балки ба мазмуну мундариҷаи он сарфаҳм раванд, малакаи таҳлили матнро омӯзанд, нуктаҳои асосии онро муайян ва хулосабарорӣ намоянд, дигар малакаю маҳорат ва салоҳиятҳоро аз бар намоянд.

Ташаккули малакаҳои хониши мустақилона барои фаъолияти минбаъдаи мустақилона, омӯзиши мустақилонаи забони англисӣ, худтакмилдиҳии ҳамешагӣ вазифаҳои асосии таълими забони хориҷи (англисӣ) дар синфҳои болоӣ ба шумор меравад. Хониши мустақилонаро метавон яке аз воситаҳои вусъатбахшии равандаи таълими забони англисӣ шуморид. Агар дар назари аввал он ҳамчун як навъ фаъолияти нутқ барои гирифтани маълумоти гуногун ва воситаи азхудкунии сохтори забон, ҷузъиётҳои он (фонетика, грамматика, лексика) хизмат кунад, пас аз дигар ҷониб хониши мустақилонаро метавон ҳамчун муҳаррике дар роҳи пайдоиши донишҳои гуногунсоҳа ва заминавӣ, сабаби васеъ шудани доираи тафаккуру ҷаҳонбинӣ ва рушди салоҳияти муоширатии хонандагон арзёбӣ намуд.

Нақши хониши мустақилона дар таълими забони англисӣ хеле намоён буда, метавонад сабаби интихоби дурусти касбу кори ояндаи хатмкунандагон гардад. Давраи таҳсил дар синфҳои болоии МТМУ барои хонандагон давраест, ки онҳо бояд ҳамаҷониба, ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳату руҳию равонӣ, ақлу дониш рушд ёбанд. Дар ин давра хонандагон бояд мустақилона фикр кардан, хулоса баровардан,

иқдом гирифтан ва ба коре амал карданро ёд гиранд. Маҳз барои ҳамин дар синфҳои болоӣ бояд ба хониши мустақилона таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд. Хониши мустақилонаро метавон ҳамчун воситаи зарурӣ дар татбиқи гуфтаҳои боло пиёда сохт.

Дигар чизе, ки дар раванди таҳқиқу баррасиҳои боби мазкур ошкор гардид, зарурати таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан ба захираи луғавии хонандагон ҳангоми таълими забони англисӣ мебошад. Яке аз омилҳои фаъолона истифода намудани забони англисӣ дар амал, ҳаҷми захираи луғавии хонандагон мебошад. Барои водор намудани хонанда ба муошират, дар баробари таълими қоидаҳои фонетикию грамматикӣ ва лексикӣ, ба ӯ омӯзонидани калимаю ибораи зарурӣ мебошад. Рушди салоҳияти лексикии хонандагон дар рафти таълими забони англисӣ сабаби хондан, муошират кардан, истифодаи амалӣ намудани забон ва онро ҳамчун воситаи омӯзиши дигар илмҳо қарор доданд хоҳад гашт.

Чунончи маълум аст, ба таври сунъӣ ташкил намудани фазои забонӣ, бартараф сохтани монеаҳои забонӣ ва водор сохтани хонандагон ба муошират бо забони англисӣ, корест хеле заҳматталаб. Барои ба забономӯзии хонандагон ва сатҳи забондонии онҳо расонидани таъсири мусбат, шогирдонро ба истифодаи амалии забон бояд водор сохт, истифодаи забони англисиро на танҳо дар рафти дарс дар муассисаи таълимӣ, балки берун аз он низ роҳандозӣ ва хонандагонро ба худомӯзӣ ва фаъолияти мустақилона талқин намуд. Тавассути намудҳои гуногуни хониш, метавон ба ин ҳолат таъсири мусбат расонд. Дар синфҳои поёнӣ ва миёна хониши синфӣ, баъдан хониши хонагӣ ва ниҳоят дар синфҳои болоӣ мебояд хониши мустақилона пиёда карда шавад.

# БОБИ 2. МЕТОДҲО ВА ТАРЗИ ТАШКИЛИ ХОНИШИ МУСТАҚИЛОНА АЗ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БО МАҚСАДИ ҒАНИГАРДОНИИ ЗАХИРАИ ЛУҒАВИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

## 2.1 Меъёру талаботҳо оид ба интихоби матни хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ

Хусусияти матн бинобар шартӣ будани доираи муошират, вобаста ба ҳолатҳои нутқ, метавонад аз гуфтугӯи ҳаррӯза ба навъи таълимӣ, илмӣ ва публитсистӣ тағйир ёбад. Дар ҷараёни таълим матн метавонад ҳамчун маводди дидактикӣ истифода шуда, вазифаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳиро низ иҷро намояд. Дар баробари аз худ намудани низоми омӯзиши забон тавассути матн, ҳамчунин, аз матн метавон ғизои маънавӣ гирифта, рушду инкишоф ёфт. Матн сарчашмаи илму маърифат ва иттилоот буда, маҳз дар он метавонад маълумоте нуҳуфта бошад, ки барои хонанда манбаи илҳом, шавқу завқ ва сабаби такони ҷиддие дар бедорсозии ӯ гардад. Барои мушоҳида намудани самаранокии матн ва аз истифодаи он натиҷаи назаррасе ба даст овардан дар интихоби матн ё маводди хониш чандин талаботҳоро бояд риоя намуд. Зербоби мазкур низ ба масъалаи аҳаммияту риояи талаботу меъёр ҳангоми интихоби матни хониш бахшида шудааст. Барои асоси илмӣ ва амалӣ пайдо намудани масъалаи баррасишаванда, ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, диссертатсияҳо, натиҷаи кори олимон рӯй оварда, тавсия, фикру ақида ва назари олимону мутахассисони соҳа ҳамчун иқтибос пешниҳод мегардад.

Ҳангоми интихоби маводҳои хониш, порчаҳои матнӣ, китобҳои хониш ва дигар маводҳои асосию иловагӣ дар ташкили намудҳои гуногуни хониш, аз ҷумла, хониши мустақилона дар раванди таълими забони хориҷӣ (англисӣ) бояд чандин талаботу меъёрҳои муайян ба назар гирифта шаванд. Матни интихобшуда метавонад дорои ду ҷанба

бошад: мусбат ва манфӣ. Вобаста ба оне, ки матни хониш барои кадом синну сол, бо кадом тарзу усул ва чигуна пешниҳод мегардад, ҷанбаи мусбат ё манфии он дар натиҷаи ниҳоӣ муайян мегардад. Барои ҳамин, дар марҳилаи мазкур, интихоби матн дар ташкили хониш нақши муайян ва муҳим мебозад.

Пеш аз он ки баррасии масъалаи асосии ин бахшро шуруъ кунем, мехостем, каме дар бораи хусусиятҳои синнусолии хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11) маълумот пешниҳод намуда, муносибат ва назари шогирдонро нисбат ба мавзуи матнҳо, доираи шавқу рағбат, масъалаҳои мавриди муҳокима қарор додани онҳоро дар ин синну сол аз нуқтаи назари илми равоншиносӣ баррасӣ намоям.

Дар давраи наврасӣ ва аввали давраи ҷавонӣ хониш, нутқи монологӣ ва хаттӣ инкишоф меёбад. Ҳангоми таҳсил дар синфҳои 10-11 хониш аз рӯйи қобилияти дурусту равон ва ифоданок хондан то маҳорати тавассути хониш аз худ кардани маводди таълимӣ инкишоф меёбад. Нутқи монологӣ ба таври гуногун ташаккул меёбад: аз қобилияти такроран нақл кардани асар ё порчаи матн то қобилияти мустақилона баён кардани фикрҳо ва баҳсу муҳокимаронӣ атрофи матни хондашуда. Нутқи хаттӣ аз қобилияти баёни хаттии фикр то эҷоди мустақилонаи мавзуи озод ё махсус ва алоҳида такмил меёбад.

Дар ин марҳилаи таҳсилот хонандагон дониш, малака ва маҳорати дар давраҳои қаблӣ гирифтаашонро такмил медиҳанд. Нутқи шифоҳии забони хориҷӣ ҳамчун шакли муошírати бевосита хусусиятҳои нутқи муколамавӣ ва монологиро табиатан синтез мекунад, аз ин рӯ, барномаи таълимиии фанни забони хориҷӣ на ин ки нисбат ба шаклҳои алоҳидаи нутқ, балки нисбат ба ҷараёни инкишофи нутқ дар маҷмуъ талабот ба миён мегузорад. Ҳамаи намудҳои хониш боз ҳам инкишоф меёбанд. Навиштан ҳамчун воситаи тайёр кардани баёнияи нутқи шифоҳӣ ва коркарди иттилооти матн истифода мешавад [123, с. 142].

Наврасӣ бо афзоиши фаъолияти зеҳнӣ хос аст, ки на танҳо бо кунҷковии табиии синну соли наврасон, балки инчунин бо хоҳиши инкишоф ёфтан ва нишон додани қобилиятҳои худ, баҳои баланд гирифтан, худро ҳамчун беҳтарин нишондод ба вуҷуд меорад. Маҳз ҳамин аст, ки наврасон дар ҷомеа кӯшиш мекунанд, то вазифаҳои душвортаринро иҷро намоянд. Асоси афзоиши фаъолияти зеҳнӣ ва меҳнатии наврасон шавқу рағбати табиӣ ва афзоиши кунҷковии ин синну сол мебошад.

Аксарияти хонандагони синфҳои болоӣ бар ин ақидаанд, ки шахс бояд ҳамон чизеро омӯзад, ки барои касбиояндаашон ва дар ҳаёт фоиданок бошад. Дар баробари ин, онҳо ба илмҳои гуманитарӣ чандон аҳаммият надода, ба арзиши ин илмҳо дар инкишофи ҷаҳони маънавиашон на ҳамеша баҳои дуруст медиҳанд.

Забони хориҷӣ дар ин марҳила бояд ҳамчун воситаи муассири қонеъ гардонидан, инкишоф ва зиёд гардонидани шавқу рағбатҳои мактаббачагон ба соҳаи дониши интихобкардаашон, аз ҷумла, ҳамчун воситаи ба даст овардани маълумоти пурмазмун ва муҳим барои касбиояндаи онҳо амал кунад. Ин ҳадафро вариантҳои гуногуни таълими забони хориҷӣ дар синфҳои 10-11 (бо фанҳои гуманитарӣ, табиӣ, риёзӣ ва дигар соҳаҳо) бо барномаҳои махсус таъмин мекунанд. Агар барои чунин омӯзиш шароит вуҷуд надошта бошад, он гоҳ барномаеро истифода бурдан мумкин аст, ки фарогири омӯзиши ҳама чизҳое, ки бояд дар курси забони хориҷӣ азхуд карда шавад, дар бар мегирад.

Дар ин синну сол мебояд ба масъалаи ҳавасмандгардонӣ низ таваҷҷуҳи хосса дод. Усулҳои гуногуни ҳавасмандгардонии шавқи маърифатии хонандагон ба раванди таълим, махсусан, ба омӯзиши забони хориҷӣ вуҷуд дорад. Дар раванди таълими забони хориҷӣ се намуди ҳавасмандгардониро метавон истифода бурд: *навгонии*

*мундариҷаи маводди таълимӣ, такмили донишҳои пешина ва омӯзиши ҳамгиро.*

***Навгонии мундариҷа*** ҷузъи муҳимми ҳавасмандгардонӣ ба ҳисоб рафта, шавқи маърифатии хонандагонро нисбат ба маводди таълимӣ ба вуҷуд меорад. Ҳолатҳои муҳимтарини инсон – ногаҳонӣ, ҳайрат ва тааҷҷуб мебошад. Навгонӣ ангезаи муҳити берунаест, ки ин ҳолатҳоро дар шахс ба вуҷуд оварда, ба ӯ имкон медиҳад, то бо эҳсосоти мусбат ба коре муносибат кунад. Навгонӣ иборат шумораи зиёди далелҳо, маълумотҳо, назарияҳои навест, ки аксари хонандагон дар бораи онҳо қаблан тасаввуроте надоштанд. Ворид намудани навгонӣ ба маводди таълимӣ, аз ҷумла, мавҷудияти навгонӣ дар матн барои хониш метавонад ҳиссиёту ҳаяҷони хонандагонро бедор созад.

***Такмили донишҳои пешина.*** Барои бедор кардани шавқу ҳавас ба фанни таълимӣ, маводди пешниҳодшаванда бояд қисман нав ва қисман барои хонанда шинос бошад. Дониши нави дар натиҷаи муқоисаи донишҳои кухна ва нав гирифташуда барои талаба аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Дар мактаб бисёр чизҳое омузонида мешаванд, ки аз сабаби такрори доимӣ ба хонандагон ниҳоят шинос буда, «таровати»-и худро гум мекунанд. Такмили дониш як ҷанбаи нави баррасии он чизест, ки алакай барои шахс маълум аст. Бознигарии донишҳои қаблӣ метавонанд бо кушодани паҳлӯҳои нави дониш ва маълумоти тоза хонандаро ба ҳайрат оварда, ба ӯ таассуроти аҷибе бахшад. Ин як ангезаи хеле муҳимест, ки тавaҷҷуҳи маърифатии хонандаро ба донишомӯзӣ ҷалб месозад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, барои хониши мустақилона матнҳои дорои мавзуъҳои ба хонанда шинос ва дар доираи завқу фаҳмиши ӯ афзалият доранд. Интихоби порчаҳои матнӣ аз фанҳои омӯхташаванда, рӯзмарра ва ҷолиби диққати хонандагон ба манфиати

кор хоҳад буд. Аз ин гуна матнҳо хонандагон маълумоти зарурӣ гирифта, донишҳои қаблии худро такмил медиҳанд.

***Омӯзиши ҳамгиро.*** Роҳандозии омӯзиши ҳамгиро дар МТМУ дорои паҳлуҳои зиёди мусбӣ буда, хонандаро метавонад аз чанд ҷиҳад ҳавасманд гардонад. Омӯзиши ҳамгиро – истифодаи маълумот ва маводди таълимии як фан ҳангоми таълими фанни дигар дар назар дошта шудааст. Тавре ки маълум аст, аксарияти фанҳои мактабӣ аз ҳар ҷиҳате бо ҳамдигар наздикӣ ё робида доранд. Ҳангоми дар алоқамандӣ таълим додани ду ва зиёда фан, ҳамгиро сохтани онҳо сабаби устувор гаштани донишҳои бадастомада мегардад. Масалан, хонанда ҳангоми омӯхтани фанни «Забони хориҷӣ» бояд ҳисоб карданро омӯзад, дар бораи ҷуғрофияи кишварҳои гуногун маълумот дошта бошад, ҳамчунин, маълумотҳои иқтисодиро азхуд кунад. Соҳиб шудани чунин донишҳо бо забони хориҷӣ, албатта, ба хонанда метавонад илҳом ва шавқу ҳавас бахшад. Аз ҳамин лиҳоз истифодаи маълумот ва порчаҳои матни дилхоҳ фанни таълимиро метавон ба ҷараёни хониши мустақилона ворид намуд. Илова бар ин, истифодаи асарҳои миёнаҳаҷм ва осонфаҳм, фарогири масъалаю мавзуъҳои мактабӣ низ ҳангоми хониши мустақилона ҷоиз мебошад.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи илми равоншиносӣ дар синну соли наврасӣ (синфҳои 10-11) барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас, бояд ба паҳлуҳои гуногуни масъала аҳаммияти ҷиддӣ дод. Пеш аз интихоби маводди таълимӣ, матни хониш ва ташкили намудҳои гуногуни хониш, омӯзгорро зарур аст, ки бо ҳолати руҳию равонӣ, шавқу рағбат, доираи дарку фаҳмиш, қобилияти зеҳнӣ ва кори хотираи хонандагони синф хеле хуб шинос бошад. Барои коста нагаштани таваҷҷуҳи хонандагон ба омӯзиши фанни таълимӣ ҳолатҳои болозикрро бояд ба назар гирифт.

Айни замон, яке аз меъёрҳои муҳим дар интихоби маводди таълимӣ аз забони хориҷӣ, аз ҷумла, интихоби матн, бояд ба назар гирифт, ки

матни хониш дорои иттилооти дуруст ва мубрам бошад. Ба хонандагон матнҳое мебояд пешниҳод кард, ки маълумоти заруриро дар бар гирифта, барои фаъолияти минбаъдаи онҳо истифодашаванда бошанд. Яъне, новобаста ба фаъолияти ояндаи хонандагон, маълумоти аз матни англисӣ гирифтаи онҳо бояд дар ҳаёти шогирдон истифода шавад. Ин метавонад маълумоти иқтисодӣ, фарҳангӣ, лингвистӣ, илмӣ, оммавӣ, ҷуғрофӣ ва амсоли инҳо бошад. Чунин маълумотро метавон ба таври мустақим ё ғайримустақим дар дилхоҳ маврид истифода бурд. Масалан, донистани давраҳои рушд ё коҳиш ёфтани иқтисодиёти давлатҳои англисзабон (Британияи Кабир, Амрико, Канада ва ғ.) ба мо маълум менамояд, ки кадом омилҳо метавонанд сабаби пешрафт ё қафомонии давлат гарданд. Мисоли дигар метавонад робитаҳои фарҳангии давлатҳои англисзабон (Британияи Кабир, Амрико, Канада ва ғ.) бо мамлакатҳои Осиё (Осиёи Миёна) бошад. Ин маълумот низ новобаста ба фаъолияти касбӣ метавонад аз шахсияти маърифатии инсон дарак диҳад. Хонандагоне, ки дар оянда забони англисиро дар фаъолияти касбии худ истифода мебаранд, ҳатман бо масъалаҳои иқтисодиёту фарҳанг, таъриху тамаддун, рушду пешрафт ва ҳаёти ҳамаррӯзаи ин давлатҳо ҳатман рӯ ба рӯ мешаванд. Агарчи дар оянда забони англисӣ истифода карда нашавад ҳам, метавон барои рангорангии суҳбат аз чунин маълумотҳо истифода бурд.

Донишҳое, ки талабагон аз матн меомӯзанд, арзиши амалӣ дошта, дар фаъолияти таълимӣ, берун аз таълимӣ, ҳангоми муошират дар ҳолатҳои гуногун бояд истифода бурда шаванд. Яъне, муҳтавои матн бояд ба замон, макон, тафаккур ва сатҳи дарку фаҳмиши хонанда мутобиқат намояд. Илова бар ин, тарзи расонидани мазмуни матн ба хонанда ва таҳлилу ҳазми он аз ҷониби хонанда низ масъалаи хеле муҳим буда, аз омӯзгор маҳорати касбиро талаб мекунад.

Методикаи муосири таълими забонҳои хориҷӣ раванди фаъолияти муоширатии забони хориҷиро ҳамчун муошырати байнифарҳангӣ шарҳ медиҳад. Муошырати байнифарҳангӣ бошад як қатор ҷанбаҳои алоҳидаро дар бар мегирад. Ҷанбаҳои забоншиносӣ (таълими луғати бемуодил), прагматикӣ (тарзи рафтор дар вазъият ва ҳолатҳои мушаххас), эстетикӣ (он чизе ки дар фарҳанги дигар миллат зебо ё нафратовар ҳисобида мешавад) ва мушкилоти ахлоқӣ (арзишҳои ахлоқӣ)-ро метавон ба муоширати байнифарҳангӣ ворид намуд [122, с.8].

Барои муоширати байнифарҳангӣ заминаҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд овардан лозим аст, ки дар асоси он забони омӯхташаванда истифода хоҳад шуд. Ин талаб мекунад, ки маводди таълимӣ бо тамоми воқеиятҳои кишвари забони омӯхташаванда комилан мувофиқ бошад. Бо назардошти имконнопазирии ворид намудани хонандгон ба муҳити табиии забони хориҷӣ, омӯзиши шогирдон дар асоси маводди асл, яъне матни аслӣ (бо забони асл) аҳаммияти калон пайдо мекунад. Матни аслӣ метавонад дар худ тамоми нозукиҳои забон, фарҳанг, реалияҳо ва дигар унсурҳое, ки ба як миллати алоҳида дахл дорад, таҷассум намояд. Пас, дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки талаботи дигар ҳангоми интихоби матн, афзалият додан ба матнҳо бо забони асл мебошад.

Дар таҷрибаи таълими забони англисӣ матн ҳам ҳадаф ва ҳам воситаи таълим ба ҳисоб меравад. Матн ҳамчун мақсади раванди таълим бояд барои омӯзандагони забонҳои хориҷӣ дар азхудкунии малакаҳои мураккаби хониш – тарҷумаи матн, гӯш карда фаҳмидан, нақл, суханронӣ, баёни фикр дар шакли шифоҳӣ ва хаттӣ – имконият фароҳам оварад. Матн ҳамчун воситаи таълим бошад, ба он маъност, ки фаъолияти нутқӣ асоси таълими хониш, тарҷума ва нутқи шифоҳӣ мебошанд [28; 104; 105; 124; 143].

Масъалаи дигари муҳимме, ки донистани он пеш аз интихоби матн зарур аст, дарку фаҳмиши матни хондашуда мебошад. Барои дарки матн як қатор нишондиҳандаҳоеро, ки ба шароити эҷоди он, инчунин мазмуну сохтори худи матн вобастаанд, ба назар гирифтан лозим аст. Ин нишондиҳандаҳоро мутаносибан экстралингвистикӣ (ғайризабонӣ) ва интралингвистикӣ (дохилизабонӣ) меноманд.

Ҳангоми интихоби матн, барои таълими стратегияҳои фаҳмиши хониш, баъзе омилҳои асосиро бояд ба назар гирифт:

1. Мураккабии матн. Матнҳоеро мебояд интихоб кард, ки барои сатҳи умумии аҳли синф ва қобилиятҳои хониши хонандагон ба қадри кофӣ душвор бошад. Матни интихобшуда набояд чандон сода ва ё баръакс мураккаб бошад.

2. Ҷалбсозӣ ва шавқмандсозӣ. Матнеро интихоб кардан зарур аст, ки эҳтимоли бештари ҷалб намудани хонандагонро дошта, шавқу рағбати онҳоро ба вуҷуд оварда тавонад. Ин намуди матнҳо имкон медиҳанд, ки ҳар як хонанда бо дараҷаи дарку фаҳмиши худ дар вақти дарсҳои хониш ё кор бо матн ҳамеша фаъол бошад.

3. Мушкилоти консептуалӣ. Матн бояд амиқ ва мураккабии кофии консептуалӣ дошта бошад, то истифодаи самараноки стратегияҳои хониш, аз қабили хулосабарорӣ, муайян кардани ғояҳои асосӣ ва таҳлили сохторҳои матниро фароҳам оварад.

4. Ҳадафҳои таълимӣ дар матн. Матнро бо малакаҳои мушаххаси фаҳмиши хониш ва стратегияҳое, ки мехоҳем таълим диҳем, мебояд мувофиқ кард. Яъне, бояд матн дорои унсурҳои таълимӣ буда, стратегияҳои ба нақша гирифташударо амалӣ намояд.

5. Унсурҳои ҳамгирой. Бояд муайян намуд, ки чӣ гуна матни интихобшуда метавонад бар замми маълумоти пешниҳодкарда, инчунин, мавзуъҳо ва масъалаҳои дигар фанҳои таълимиро бо фанни «Забони хориҷӣ» мепайвандад. Яъне, ҳамгиро намудани мундариҷаи

забони англисӣ бо дигар фанҳои таълимӣ метавонад мавзуи матн ё масъаларо ба таври васеъ кушояд.

6. Инъикоси ҳаёти хонандагон. Матнҳое, ки ҳаёт ва таҷрибаи ҳамарӯзаи хонандагонро таҷассум менамоянд, ба шогирдон хеле писанд меоянд. Ин гуна матнҳо метавонад ба ҷалб намудани хонандагон ва беҳтар фаҳмидани мундариҷаи матн мусоидат кунанд.

7. Хусусиятҳои матн. Унсурҳои алоҳидаи матн аз қабили сохтори луғавии матн, истифодаи ибораю истилоҳоти мураккаб ва воҳидҳои фразеологие, ки метавонанд ба дарку фаҳмиши хонандагон монеа эҷод кунанд, таҳлил карда шуда, ба равиши таълим мувофиқу танзим кардан зарур аст.

Ба инобат гирифтани омилҳои болозикр, ба мо имконият медиҳад, ки сатҳи дарку фаҳмиши матни интихобшударо барои хонандагон таъмин намуда, тавонем онҳоро ба фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ҷалб созем.

Матни асари интихобшуда барои хониш бояд ҷолиб ва барои фаҳмидани хонандагон дастрасу фаҳмо бошад. Асари ниҳоят сода низ метавонад ҷолибияти ин равандро коста гардонида, таваҷҷуҳ ва шавқи хонандагонро ба омӯзиш суст намояд. Барои хониши хонагӣ ва мустақилона чунин маводҳои хониш, ба монанди новелла, повест, ҳикоя ё асарҳои дигар жанрҳоро интихоб кардан мумкин аст. Чунин асарҳо аз бобҳо ва қисматҳои алоҳида иборат мебошанд, ки барои ташкили хониши хонагӣ хеле муфид мебошад. Интихоби ин гуна мавод имконият медиҳад, ки дар ҳар як дарс қисматҳои алоҳидаи он баъди хондани мустақилона таҳлилу баррасӣ гардид.

Истифодаи матнҳои бадеӣ барои хониши хонагӣ ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ дар МТМУ устувор ва ҳусни анъана даромадааст. Порчаҳои матнҳои ба раванди таълим мутобиқшудаи асарҳои бадеии аслӣ низ барои хониши хонагӣ истифода мешаванд. Хониши

мустақилона бошад дорои хусусиятҳои худ буда, ба инхтихоб ва истифодаи маводди хониш муносибат каме дигар мебошад. Дар ин намуди хониш, дар баробари асарҳои бадеӣ, дигар намуди маводҳо, ба монанди порчаҳои матнӣ ва мақолаҳо аз рӯзномаю маҷаллаҳо ва дигар сарчашмаҳо низ истифода мешаванд. Маводди хонишро дар дарсҳо (курс)-и хониши хонагӣ асосан омӯзгор, пешниҳод намуда, аксари маврид асар барои ҳама якхела мебошад. Дар вақти ташкили хониши мустақилона маводди хониш на танҳо аз ҷониби омӯзгор, балки аз ҷониби хонанда низ метавонад ихтихоб гардад. Илова бар ин, маводди хониш ба аҳли синф бояд ба таври инфиродӣ интихоб гардада, назорати он низ дар алоҳидагӣ сурат гирад.

Дар баробари он, ки стандарти муайяни ташкили хониши хонагӣ ва мустақилона алакай вуҷуд дорад, ҷустуҷӯи роҳҳои оқилонаи интихоби маводу асарҳои хониш ҳанӯз ҳам идома доранд. Барои ҳарду намудни хониш дастурҳои махсус, маҷмуи матнҳо ҳамчун замима ба китобҳои дарсӣ, маҷмуаи ҳикояҳо, афсонаҳо мавҷуданд. Матнҳои ин маводҳо ба дараҷа ва сатҳи дониши мактабии хонандагон мувофиқ карда шудаанд. Мутаассифона, мундариҷаи аксарияти ин мавод давра ба давра арзиши худро аз даст дода, маълумоти ба замони имрӯза мутобиқро доро нестанд. Аз ин лиҳоз, дар баробари асарҳои бадеӣ интихоб ва истифодаи маводу матнҳое, ки дар замони муосир таълиф шудаанд ва бо ҳаёти хонандагон наздиканд, зарурат пеш меоранд.

Матни хониши мустақилона нисбат ба хониши синфӣ метавонад каме мураккаб ва душворфаҳм бошад. Ҳангоми кор бо матн дар хона ва ба таври мустақил хонандагон вақти кофӣ ва имконияти васеъ доранд, ки аз луғату сарчашмаҳо ва адабиёти иловагӣ истифода намоянд. Агар асар барои аҳли синф якхела интихоб шуда бошад, хонандагон метавонанд аз ҳамсабақон мафҳуми нофаҳмои онро пурсанд, мушкилоти дар матн ҷойдоштаро якҷоя ҳал намоянд. Дар сурати интихоби маводди

хониш ба таври инфиродӣ, барои ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ, хонандагон бо мавод мустақилона кор мекунанд, аммо мушкилоту нофаҳмоии матни асар ё маводди хонишро бо тавсияви омӯзгори фаннӣ ҳал менамоянд.

Қобили қайд аст, ки барои ташкили хониши мустақилона, ҷалби хонандагон ба ин намуди фаъолият, истифодаи амалии забони омӯхташаванда дар ин ҷараён ба интихоби матн ё маводди хониш аҳаммияти махсус додан зарур аст. Мавод ё манти хонишро на танҳо омӯзгор, балки худи хонанда низ метавонад интихоб намояд. Дар ҳарду ҳолат ба инобат гирифти як қатор талаботу принсипҳо хеле муҳим мебошад. Мундариҷаи матне, ки омӯзгор барои хониши мустақилона ба хонандагон пешниҳод месозад, албатта ба ӯ маълум аст. Дар интихоби матне, ки аз ҷониби хонандагон амалӣ гаштааст, омӯзгор ҳатман бояд иштирок намояд. Ҳадди ақал дар бораи ин матн маълумоти умумӣ доштани омӯзгор зарур мебошад. Дар сурати ба талаботҳои муайян ҷавобгӯ набудани матн, омӯзгор метавонад матни интихобнамудани хонандагонро рад намояд.

Таҳлили адабиёту асарҳои илмӣ, натиҷаи таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ нишон дод, ки талаботҳои интихоби матни хониш гуногун ва хеле зиёд мебошанд. Вобаста ба шароит, муҳит, давраи таҳсил, марҳилаҳои омӯзиш, синну сол ва дигар нишондодҳо муаллифони асарҳои илмӣ, монографияҳо ва диссертатсияҳо талабот ва принсипҳои муайянро пешниҳод намудаанд.

Мо низ бо такя ба фикру андешаи олимони ватанӣ (Шарифзода Ф., Негматов С.Э., Сайфуллоев Х.Ғ., Алиев С.Н., Гулмадов Ф. Ҳоҷиматова М.М. ва дигарон) ва хориҷӣ (Шерба Л.В., Гез Н.И., Сандерсон П, Гудман К. Андерсон И.Х. ва дигарон) талаботҳоеро пешниҳод месозем, ки ҳангоми интихоби мавод ё матни хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11) муҳим дониста мешаванд.

Дар шароити МТМУ мамлакат ба инобат гирифтани талаботҳои зерин ҳангоми интихоби матни хониш, ба ташкилу баргузории хониши мустақилона таъсири мусбат расонида, ҷараёни таълими забони англисиро барои хонандагони синфҳои болоӣ метавонанд шавқовар созанд.

Ба ақидаи мо, ҳангоми интихоби мавод ё матни хониши мустақилона аз забони хориҷӣ (англисӣ) барои хонандагони сифҳои болоӣ (синфҳои 10-11) талаботҳои зеринро мебоояд ба назар гирифт:

1. **Мақсади таълимӣ ва амалӣ дар матн.** Матни интихобшуда, новобаста аз шакл, намуд ва сарчашмаи гирифташуда бояд дорои хусусиятҳои таълимӣ ва амалӣ бошад. Яъне, дар баробари мавҷудияти маълумоти зарурӣ, матни хониш бояд дорои қоидаҳои истифодашудаи дурусти забон бошад. Хонанда тавонад бо тарзи истифодаи дурусти зада, қоидаҳои истифодаи бомавриди замонҳо ва тасрифи феълҳо, истифодаи дурусти зарфу сифат ва дигар қоидаҳое, ки дар рафти дарс омӯхтааст, ошноӣ пайдо кунад. Матни хониши мустақилона бояд дорои машқу супоришҳое бошад, ки қоидаҳои забонии дар худ доштаро амалан ба хонанда омӯзонад.

2. **Арзишҳои тарбиявӣ ва рушддиҳанда.** Агар барои хониши мустақилона асари бадеӣ интихоб шавад, аз мавҷудияти ҷиҳатҳои тарбиявӣ ва рушддиҳанда дар он шубҳае нест. Вақте порчаи матне аз рӯзномаю маҷалла ва дигар сарчашмаҳо гирифта мешаванд, ба мундариҷа, арзишҳои тарбиявӣ ва рушддиҳандаи он аҳаммияти додан хеле зарур аст. Ҳарчанд чунин маводҳо доираи дарку фаҳмиш ва ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ намоянд, аммо мавҷудияти арзишҳои миллӣ, инсондӯстӣ, тарбиявӣ ва хусусиятҳои рушддиҳанда дар матн хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Маводҳое ки барои таълим мутобиқ нестанд, бояд ҳатман аз назари омӯзгор гузаронида шаванд, то ин ки аз мазмуну мундариҷаи мусбати он мутмаин гашт. Асари интихобшуда бояд

хонандаро дар руҳияи арзишҳои умумибашарӣ тарбия намуда, ба рушди минбаъдаи ӯ, аз қабили илмомӯзӣ, рушди зеҳнию ҷисмонӣ, худтакмилдиҳӣ ва худомӯзӣ таъсири мусбат расонад.

**3. Мувофиқии синну солӣ.** Мавод ё асари хониши мустақилона бо тавсияи омӯзгор ва ё бе кумаку иштироки ӯ метавонад сурат гирад. Вале баъзе паҳлуҳои маводди хониш бояд ҳатман бо омӯзгор мувофиқа карда шавад. Дар баробари ошно шудан бо муҳтавои умумии матн, омӯзгорро зарур аст, ки ҷиҳатҳои синну солии матни маводро низ аз назар гузаронад. Масъалаҳои зиёде ҳастанд, ки хонандагони синфҳои болоӣ метавонанд сарфаҳ нараванд ва ҳангоми хондани асар ё маводди хониш ин ҷараён дилгиркунанда гардад. Аз ҳамин лиҳоз, барои пешгирии чунин ҳолатҳо саривақт бо маводди хониш шинос шудани омӯзгор шарт ва зарур мебошад.

**4. Мубрамии мундариҷаи матн.** Бо тағйир ёфтани вазъи кунунии ҷаҳон, шароити зиндагӣ, пиёда гаштани раванди ҷаҳонишавӣ, пешрафти босуръати илму техника масъалаҳое, ки мадди назари инсоният, аз ҷумла наврасон қарор мегиранд, аз даҳсолаи пеш ба куллӣ фарқ мекунанд. Баъзе масъалаю иттилоот, аз қабили соҳаҳои барномарезии компютерӣ, рушди зеҳни сунъӣ, тағйирёбии иқлим ва амсоли инҳо ҳамасола рӯ ба тағйироти куллӣ мениҳад. Маҳз бо назардошти ҳамин омилҳо дар баробари асарҳои бадеӣ, интихоби матнҳои хониши мустақилона дар дигар шаклҳо низ тавсия дода мешаванд. Вақте хонанда мубрамии масъаларо дар матн эҳсос мекунад, тасаввур мекунад, ки то кадом андоза масъала бо ҳаёти имрӯзаи ӯ алоқаманд мебошад, таваҷҷуҳи хонанда боз ҳам зиёд гардида, ҳисси кунҷковиаш метавонад боло равад.

**5. Мураккабии сатҳи фаҳмиши асар.** Тавре дар боло қайд гардид, асар ё маводде, ки ба сатҳи дарку фаҳмиши хонанда мувофиқ набошад, шавқу ҳаваси хонанда ба хониш коста мегардад. Ҳам асари душворфаҳм ва ҳам асари дорои мундариҷаи ниҳоят сода ба ин раванд ҳатман

таъсири манфӣ мерасонад. Риояи мувофиқати сатҳи душвории матн бо сатҳи донишу фаҳмиши хонандагон ҳангоми ташкили хониши хонагӣ ва мустақилона шарт ва зарур мебошад. Дар рафти ташкили хониши хонагӣ, ки як асар барои аҳли синф ихтихоб мегардад ва хонандагон дорои сатҳи гуногуни донишанд, риояи ин талабот чандон имконпазир нест. Дар вақти хониши мустақилона, ки маводди хониш барои ҳар як хонанда ё гурӯҳи хонандагон метавонад гуногун бошад, метавон ин талаботро риоя намуд.

**6. Ҷолибияти мундариҷаи асар.** Ҷолибу хонданӣ будани асари интихобшуда барои хонанда метавонад паҳлуҳои гуногуни масъаларо кушояд. Яке аз муҳимтарин хусусияти чунин маводҳо, талқин ва ҳавасманд намудани хонанда ба хониши асару маводҳои дигар мебошад. Дар баъзе матни асарҳо ҷавҳаре ниҳон аст, ки хонандаро ба идома додани хониш, ҷустуҷӯи маълумоти иловагӣ, фикр кардан, таҳлил ва хулосабарорӣ водор месозад. Асари интихобшуда барои хонанда метавонад аз ҷиҳати мундариҷа, жанр, тарзи пешниҳоди маълумот, таҳлилу баррасии масъала, пешниҳоди идеяҳо ва дигар ҷиҳатҳо ҷолиб гардад.

**7. Арзишҳои адабию фарҳангӣ.** Забон ва фарҳанг дар ҳама ҳолат робитаи хеле устувор дошта, дар ҷараёни забономӯзӣ ба шахс таъсири худро мерасонанд. Барои пурра ворид гаштан ба ҷаҳони фарҳангии як миллат, донистани танҳо забон басанда нест. Бархурдор будан аз адабиёт, фарҳанг, маданият ва ҳаёти ҳамарӯзаи он метавонад моро бо ин миллат бипайвандад. Бо мақсади дарки амиқи матни хондашуда, эҳсоси нозукиҳои дар асар дарҷгардида ва барои истифодаи бенуқсони забон дар ҳолатҳои гуногун, интихоби асарҳои дорои арзишҳои адабию фарҳангӣ муҳим дониста мешаванд. Барои ворид гаштан ба муоширати байнифарҳангӣ, мутолиаи асарҳои адабӣ, фарҳангӣ ва аслӣ (аутентӣ) шарт ва хеле зарур мебошад. Матнҳои аслӣ (аутентӣ) хусусиятҳои

мансуб ба минтақаҳоро инъикос намуда, дорои арзиши фарҳангӣ мебошад. Онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ба фарҳанги миллии дигар кишвар ворид шуда, луғати ҳаррӯзаи забони онҳоро азхуд кунем [131, с.205].

**8. Гуногуншаклии маводди хониш.** Риояи талаботи мазкур метавонад раванди фаъолияти мустақилонаи хонандагонро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дорад. Яъне, дар шаклҳои гуногун (порчаҳои хеле кӯтоҳи матнҳо, мақолаю қиссаҳо, ҳикояҳо, асарҳои на онқадар дарози бадеӣ, ҳикояҳо ва ғ.) интихоб ё пешниҳод шудани маводди хониш хонандагонро аз эҳсоси дилгиршавӣ нигоҳ медорад. Маводҳое, ки хусусияти аслият (аутентӣ) доранд ва аз реалия иборат мебошанд, доираи дарку фаҳмиши хонандагонро боз ҳам васеъ мегардонад. Матнҳои аслӣ (аутентӣ), мақолаҳои рӯзномаҳо, эълонҳо, брошюраҳо, чиптаҳои ҳавопаймову қатораҳо, мактубҳо, таблиғот, барномаҳои хабарӣ, маводу манбаъҳои интернетӣ маълумотеро дар бар мегиранд, ки аз ҳаёти воқеии кишвари забонаш омӯхташаванда истифода мешаванд. Интихоби маводу матнҳои гуногунҳаҷм барои марҳилаҳои гуногуни раванди хониши мустақилона хеле манфиатовар мебошанд. Порчаҳои матнҳои кӯтоҳ дар марҳилаи аввали ташкили хониши мустақилона, дар синфи 10 ва интихоби асарҳои гуногунжанр ва ҳаҷман калонтар барои синфҳои 11 ҳангоми хониши мустақилона судманд аст.

**9. Мавҷудияти маводҳои иловагӣ.** Дастурҳо ва китобҳое, ки барои хониши хонагӣ аз забони хориҷӣ (англисӣ) омода гаштаанд, дорои маводҳои иловагӣ, аз қабили луғати дар матнҳо истифодашуда, машқу супоришҳои дар заминаи матни овардашуда, шакли сабти аудиоии матнҳо мебошанд. Баъзе китобҳои хониши муосир дорои маводҳои видеоӣ низ мебошанд. Маводҳои иловагӣ ва замимашуда арзиши китоби хонишро зиёд намуда, таъсирнокии онро меафзояд. Чунин дастурҳоро метавон барои хониши мустақилона низ васеъ истифода бурд. Барои

асарҳо ва дастурҳое, ки чунин мавод надоранд, таҳия ва коркарди маводҳои иловагӣ, пайдо намудани порчаҳои аудиоӣ ва видеоӣ зарур мебошад.

10. **Робитаи баргашта.** Талаботи дигаре, ки ҳангоми интихоби дастур, мавод ё матни хониши мустақилона зарур мебошад, робитаи баргашта аст. Матни хондашудаи асар бояд дорои машқу супоришҳо бошад, то ин ки хонандагон тавонанд маълумоту донишҳои гирифтаи худро такмил дода, аз натиҷаи ба даст овардаи худ ба омӯзгор ва ҳамсабақон маълумот дода тавонанд. Нақли матни хондашуда, истифодаи калимаю ибораҳои нави азхудшуда дар амал ба забономӯзии хонанда таъсири мусбат мерасонад.

Шумораи талаботҳои болозикрро метавон аз ин адад низ зиёд намуд, аммо даҳ талаботи овардашуда дар интихоби матн барои хониши мустақилонаро метавон асосӣ ва хеле муҳим арзёбӣ намуд. Таҳқиқот нишон дод, ки талаботу принсип ва меъёрҳои интихоби матн барои хониши хонагӣ хеле зиёд ва гуногун мебошанд. Атрофи талаботҳо вобаста ба интихоби матну асарҳои хониши мустақилона маълумот хеле кам мебошад. Муаллифон миёни ин ду намуди фаъолият чандон фарқият нагузошта, талаботу меъёрҳоро мушаххас намесозанд. Аз ҳамин лиҳоз, ҳангоми таҳия ва пешниҳоди маҷмуи талаботҳо асарҳои гуногуни илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла мамлакатҳои англисзабон таҳлилу таҳқиқ гардиданд.

Дар хулосаи зербоби мазкур метавон қайд кард, ки тартиби ташкили хониши мустақилона аз интихоби дурусти матни хониш оғоз мегардад. Риояи талаботҳо ҳангоми интихоби дастур, мавод ё матни хониш метавонад ба марҳилаҳои минбаъдаи ин намуди фаъолият таъсири мусбат расонад. Матни хониш маводест, ки як муддати муайян хонанда бо он мустақилона кор карда, дар натиҷа ҳам забонро такмили медиҳад ва ҳам маълумоту ғизои маънавиро ғанӣ мегардонад. Илова бар

ин, хониши матн ҷаҳонбинии хонандаро васеъ намуда, захираи луғавии ӯро ғанӣ мегардонад ва ба ӯ имкон медиҳад, то ки донишҳои андӯхтаашро дар амал истифода намояд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки дар интихоби маводди хониш талаботҳои мавҷударо ба инобат гирифта, ба хонанда маводди хубу хонданӣ пешниҳод намояд.

## 2.2 Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ

Барои рушди малакаю маҳорати муоширатии хонандагони синфҳои болоӣ, рушди муҳимтарин салоҳиятҳо, бартараф сохтани монеаҳои забонӣ ва водор намудани шогирдон ба сухан гуфтан бо забони англисӣ корҳои зиёдеро на танҳо дар рафти дарсҳо, балки берун аз дарсҳо, анҷом додан зарур мебошад. Яке аз корҳое, ки дар ин самт метавон анҷом дод, то ин ки ҳам вақти омӯзгор ва ҳам вақти хонанда сарфа шавад, водор сохтани шогирдон ба худомӯзӣ ва фаъолияти мустақилона мебошад. Хониши мустақилона аз зумраи чунин навъи фаъол ият буда, самаранокии он хеле калон мебошад.

Дар боби аввали диссертатсия масъалаи мавриди таҳқиқ ба таври назариявӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти хониши мустақилона дар ҷараёни таълими забони англисӣ пешниҳод гардидааст. Перомуни меъёр ва талаботҳо нисбати матн, мавод ва дастурҳои забони англисӣ барои хониши мустақилона дар зербоби аввали боби дуюми баҳси алоҳида ба миён оварда мешавад. Масъалаи нисбатан муҳимми дар диссертатсия баррасишаванда, тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ, дар зербоби мазкур мебошад.

Қобили қайд аст, ки бомуваффақият ташкил намудани хониши мустақилона бартараф сохтани монеа ва мушкилоти ҷойдоштаро талаб менамояд. Ин раванд дорои хусусияти фаъолияти инфиродӣ буда,

натиҷабахш будани он на танҳо аз омӯзгор, балки аз хонандагон низ вобастагии калон дорад.

Ҷараёни ташкил ва баргузории хониши мустақилона аз омӯзгор ва хонандагон робитаи мутақобила ва пайвастаро талаб менамояд. Омӯзгорро зарур аст, ки дар ин ҷода ҳамеша бо хонандагон дар робита буда, ба онҳо дар рафъ сохтани мушкилоташон мусоидат намояд. Вазифаи дигари омӯзгор аз он иборат аст, ки ба шогирдон на танҳо хондан ва фаҳмидани мундариҷаи матнҳоро бо забони англисӣ таълим диҳад, балки шавқу ҳаваси онҳоро ба хондан бедор ва зиёд гардонад. Бо ин мақсад, онҳоро бо адабиёти бадей, публисистӣ, оммавӣ ва дигар маводҳои хониш ба забони англисӣ шинос кардан лозим аст. Илова бар ин, зарур аст, ки ба хонандагон мустақилона ҳал намудани мушкилоти пешомадаро ҳангоми хониш омӯзонанд.

Вобаста ба масъалаи мушкилоти хониш ду мафҳумро шарҳ додан зарур аст: *мураккабии маводди хониш* ва *душвории хониши мавод.* Мураккабии матн дар дароз будани ҷумлаҳои он, истифодаи ибораҳои сохтаи душворфаҳм, ҷумлаҳои тобеъ ва дигар сохторҳои мураккаби грамматикӣ зоҳир мегардад. Душвории хониши мавод бошад, ба тайёрии хонанда, таҷрибаи истифодаи забон, донишу ҷаҳонбинии ӯ оид ба масъалаи маводди хониш вобаста аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки хонандагони синфҳои болоӣ дар тарзу усулҳои хониш, дарки сохти грамматикӣ, фаҳмиши калимаю ибораҳо ва истилоҳот ба хатогиҳои зиёд роҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии марҳилаи аввал ҳангоми ташкили хониши мустақилона, ба шогирдон омӯзонидан ва такмили механизмҳои хониш иборат мебошад. Дар марҳилаҳои минбаъда бошад, хониши мустақилона дигар мушкилотҳои ҷойдоштаро рафъ намуда, автоматикунонии раванди хониш, дарку фаҳмиши иттилооти забонӣ ва ғайризабонӣ (экстралингвистӣ)-ро таъмин намояд.

Барои фаҳмидани мазмуну мундариҷаи матн танҳо донистани забон кифоя нест. Вақте матнеро мехонем ё мешунавем, онро дарк намуда, таҳлил мекунем. Дар асоси таҷриба ва ҷаҳонбиниамон аз рӯйи маълумоти матн хулоса мебарорем. Ҳангоми таълими хониш мо бояд дар шогирдон қобилияти пешгӯӣ кардани хотимаи асар, таҳлилу хулосабарорӣ ва истифодаи ҷанбаҳои мусбати асарро ташаккул диҳем. Барои бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон ба хониши мустақилона маводдеро пешниҳод кардан лозим аст, ки дарку фаҳмиши мазмуну мундариҷаи асар ё матн дар асоси чизҳои барояшон ошно интихоб шуда бошад.

Мутаассифона, дараҷаи умумии дониш ва ҷаҳонбинии аксарият хонандагони мо дар сатҳи начандон баланд қарор дошта, интихоби маводди нисбатан мураккаб метавонад барояшон душворӣ эҷод кунад. Бартараф сохтани ин мушкилот моро водор менсозад, ки хонандагонро ба мутолиаи доимӣ, на танҳо бо забони англисӣ, балки бо забони модарӣ низ талқин намоем. Илова бар ин, малакаҳое вуҷуд доранд, ки барои хондан ва дарку фаҳмиши мундариҷаи матн зарур буда, соҳиб шудани онҳо барои хонандагон муҳим арзёбӣ мегардад.

Е.Н. Соловова малакаҳои зеринро барои кор бо матн муайян мекунад:

– мавзуъ, мушкилот, навъ ва жанри матнро муайян кардан;

– пайдо кардани маълумоти зарурӣ аз сарчашмаҳои гуногун;

– бо истифода аз манбаъҳои иловагӣ санҷидани эътимоднокии маълумот;

– кор бо роҳнамо ва махзанҳои иловагии китоб ё матн;

– аз худ кардани намудҳои гуногуни хониш;

– муайян кардани ғояи асосӣ ва мавзуи матн;

– ҷудо кардани маълумоти асосӣ ва дуюмдараҷа;

– сабт кардани маълумоти заруриро дар шакли қайдҳо, тезисҳо, нақша, калидвожаҳо;

– дарки маълумот дар сатҳи мазмун ва маъно;

– арзёбии арзишҳои шахсии худро асоснок карда, муносибати хешро ба мавод ё матни хондашуда ё шунидашуда муайян кардан [124, с. 34].

Барои соҳиб шудан ба малакаҳои болозикр шогирдон бояд ба хониши ҳамешагӣ машғул бошанд. Худомӯзию худтакмилдиҳиро пеша намуда, бо тавсия ва ҳавасмандсозии омӯзгор дар интихоби маводди хониш, мутолиа, таҳлилу баррасӣ ва хулосабарорӣ мустақилона амал намояд. Дар ин сурат, омӯзгор ба шогирдон танҳо роҳнамоӣ намуда, ба онҳо тавсия ва маслиҳатҳои мудиф медиҳад.

Ташкили хониши мустақилона ва гирифтани натиҷаҳои назаррас риояи чандин талаботҳоро дар бар мегирад. Ин талаботҳо барои ҳадафмандона, самаранок, ҷолиб ва натиҷабахш баргузор намудани хониши мустақилона, ҷалби ҳарчи бештари хонандагон, дар як сатҳи муайян ва нигоҳ доштани ҳавасмандии шогирдон ба хониш мусоидат менамояд. Аз ҷониби муҳаққиқон (Соловова Е.Н., Фадеев В.М., Умнов Б.Г.,  Фоминко С.К., Ҳармер Ҷ., Морров К., Вернон М.) дар ин хусус фикру ақидаҳо гуногун вуҷуд дорад.

Брунер Ҷ.С. (Bruner J.S.) чунин мешуморад, ки барои ташкили раванди хониш низоми муайян роҳандозӣ гардида, синну сол, шавқу ҳавас, сатҳи дониш ва малакаҳои забонии хонандагон бояд ба эътибор гирифта шаванд [158, с.243].

Муҳаққиқи англис Вернон М.Д. (Vernon M.D.) риояи вақт, ҳаҷми маводди хониш, мубрамияти масъала ва ҷолибияти матнро ҳамчун талабот ҳангоми ташкили хониши мустақилона муайян намудааст. Ҳамчунин, ӯ таъкид мекунад, ки раванди ин намуди фаъолияти

хонандагон ҳамеша зери назорати омӯзгор қарор гирифта, ба ҷуз тавсия додан, ба кори онҳо халал эҷод насозад [170, с.85].

Дар ҳақиқат, гуфтаҳои муҳаққиқони болозикр манфиатбахшанд ва мо ба ақидаи онҳо розӣ ҳастем. Ҳангоми интихоби мавод ё матни хониш, ҳамчунин, дар вақти баргузории раванди хониши мустақилона ба синну соли хонандагон, ҳавасмандкунии онҳо, ҷолибияти мундариҷаи асар, риояи вақт ва дигар талаботҳо таваҷҷуҳ намудан зарур аст.

Баъди таҳлили асарҳои илмӣ ва ақидаи олимону муҳаққиқон метавон ба хулосе омад, ки панҷ талаботи зерин дар баргузор намудани хониши мустақилона муҳим дониста шуда, риояи онҳо самараи назаррас хоҳад дод:

1. **Мақсадгузорӣ.** Ҳар як фаъолияти инсон дорои мақсад ва вазифаҳои худ мебошад. Мақсадгузорӣ ҳангоми ташкил намудани раванди хониш яке аз талаботҳои муҳимми ин ҷараён ба ҳисоб меравад. Хондан бояд мақсаднок буда, муҳтавои маводди хондашуда ба рушду ташаккули шогирдон мусоидат намояд. Муаллим ё хонанда бояд муайян кунад, ки мутолиаи матни интихобшуда бо кадом мақсад амалӣ мегардад. Тавассути хондани матни интихобшуда ба кадом муваффақиятҳо (масалан, рушди ҷаҳонбинӣ, ғанигардонии захираи луғавӣ, азхудкунии қоида ва сохторҳои грамматикӣ, ташаккули салоҳияти муоширатӣ ва ғ.) ноил шудан мумкин аст.

2. **Шавқмандсозии доимӣ.** Шавқмандсозии хонандагон, зиёд намудани ангезаи дохилӣ дар ниҳоди онҳо ва ҳамеша нигоҳ доштани ин ҳолат, талаботи дигарест, ки риоя намудани он дар баргузории хониши мустақилона зарур дониста мешавад. Дар сурати коста гаштани шавқи шогирдон ба мутолиа, мундариҷаи матн ва умуман ба забономӯзӣ, натиҷаи раванди таълим низ паст хоҳад гашт. Пешниҳоди матнҳои ҷолибу шавқовар, фаҳмонидани аҳаммияти забондонӣ, нақши забони англисӣ дар фаъолиятиояндаи хонандагон, тавсияи тамошои филмҳои

ҷолибу пандомез бо забони англисӣ ва амсоли инҳо метавонанд ҳавасмандии ҳамеша хонандагонро дар самти забономӯзӣ устувор нигоҳ доранд.

**3. Низомнокӣ.** Хониши мустақилона бояд мунтазам ташкил карда шавад. Ин намуди фаъолияти хонандагонро метавон ҳамчун қисми доимӣ ва ҷудонашавандаи раванди таълими забони англисӣ роҳандозӣ намуд. Ҳаҷми муайяни матнҳо ё маводди хонишро барои ҳар ҳафта (агар мақола ё порчаҳои кӯтоҳи матнҳои англисӣ интихоб шуда бошанд), ҳар моҳ, ҳар чоряк ё нимсола ва ҳатто то охири соли хониш интихоб ва муайян намудан мумкин аст. Тавре ки дар боло қайд гардид, барои соҳиб шудан ба малакаҳои хониш мутолиати доимӣ ва пайдарпай зарур мебошад. Аз ҳамин сабаб, пешниҳоди талаботи мазкур дар баргузории хониши мустақилона муҳим动 дониста мешавад.

**4. Таҳлил ва мулоҳизаронӣ.** Талаботи дигаре, ки дар рафти ташкили хониши мустақилона мебояд ба назар гирифт, таҳлилу мулоҳизаронии мазмуну мундариҷаи матни хондашуда мебошад. Пас аз мутолиаи матн хонандагон бояд байни якдигар мазмуни матнро таҳлил намуда, донишҳои гирифтаашонро муҳокима намоянд. Бо вуҷуди иҷрои машқу супоришҳо дар заминаи матни хонадашуда, таҳлил, муҳокима ва мулоҳизаронии мундариҷаи матн барои дарки амиқи муҳтавои он ва соҳиб шудани донишҳои зарурӣ мусоидат мекунад. Таҳлилу муҳокимаи мундариҷаи матн ба рушди салоҳияти муоширатии хонандагон низ метавонад таъсири калон расонад.

**5. Робита пайваста.** Хонанда бояд ҳамеша, аввал бо муаллим ва баъдан бо ҳамсинфон робитаи пайваста дошта бошад. Муаллим аз рафти хондан, кор бо матн (тарҷума, навиштани нақли кӯтоҳ, иҷрои машқу супоришҳо ва ғ.), аз мушкилоти пешомада, монеаҳои забонӣ ва амсоли инҳо огоҳӣ пайдо намуда, ба хонанда саривақт кумак мерасонад. Ҳадафи робита доштан бо ҳамсинфон аз он иборат аст, ки вожаю

ибораҳо ва порчаҳои душворфаҳми матнро аз якдигар пурсида, бо лафзу фаҳмиши синну соли худ ба якдигар кумак расонидан аст.

Ин талаботҳо на танҳо дуруст ташкил намудани раванди хониши мустақилонаро таъмин менамоянд, балки ба васеъ намудани захираи луғавӣ, соҳиб шудани донишҳои бунёдии забонӣ, ташаккули тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ мусоидат мекунанд.

Ташкили раванди хониши мустақилона асосан аз се марҳилаи пайдарпайи зерин иборат мебошад:

I. Марҳилаи омодагӣ / пеш аз мутолиа (**Pre-reading period**);
II. Марҳилаи асосӣ / ҷараёни мутолиа (**While-reading period**);
III. Марҳилаи ниҳоӣ / баъди мутолиа (**Post-reading period**).

Ҳар як марҳилаи болозикр дорои мақсаду вазифаҳои худ буда, дар равандаи татбиқи онҳо корҳои зиёде амалӣ гардонида мешаванд. Талаботҳое, ки болотар оварда шуд, дар марҳилаҳои гуногуни хониш мебояд риоя гарданд, то ин ки мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта татбиқи худро ёбанд. Барои боз ҳам амиқтар ворид шудан ба масъала, шарҳи ҳар як марҳила, мақсаду вазифаҳои он, пешниҳоди супоришҳо ва фаъолияти хонандагон дар ин ҷараён ба таври мушаххас оварда мешавад.

**I. Марҳилаи омодагӣ / пеш аз мутолиа (Pre-reading period)**

Марҳилаи омодагӣ ҳангоми ташкили хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ аз забони хориҷӣ нақши асосиро мебозад, зеро он барои дарку фаҳмиши самарабахши матн ва ғанигардонии захираи луғавии шогирдон дар марҳилаи минбаъда замина мегузорад.

**Мақсади марҳилаи омодагӣ** аз пешниҳоди маълумоти умумӣ дар бораи матн ё асари хониш, шавқмандсозии шогирдон ва аз ҷиҳати руҳию равонӣ омода намудани онҳо ба ин навъи фаъолият иборат мебошад.

Татбиқи мақсади гузошташуда иҷрои **вазифаҳои зерин**ро талаб менамояд:

- пешниҳоди маълумоти умумӣ дар бораи матн ё асари барои хониш пешниҳодшуда (агар маводди хониш аз ҷониби омӯзгор пешниҳод шуда бошад);

- гирифтани маълумоти умумӣ оид ба матн ё асари барои хониш ва шарҳи он ба хонанда (агар маводди хониш аз ҷониби хонанда интихоб шуда бошад);

- шавқмандсозии шогирдон тавассути иҷрои машқу супоришҳои марҳилаи мазкур;

- истифодаи фаъолонаи дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон ҳангоми иҷрои супоришҳо;

- таълими мақсадгузорӣ ба хонандагон вобаста ба мутолиаи матн ё асар.

**Тарз ва усулҳои ташкили марҳилаи омодагӣ**

Барои ташкили марҳилаи омодагӣ ду омили асосиро мебояд ба назар гирифт: **вақт** (давомнокӣ) ва **иҷрои фаъолиятҳо**.

Марҳилаи омодагӣ ба хониши мустақилона вобаста ба сатҳи дониши хонандагон, ҳадафҳои омӯзиш, ҳаҷми маводди хониш ва амсоли инҳо метавонад вақти гуногунро дар бар гирад. Омилҳо зерин метавонанд ба давомнокии ин марҳила таъсир расонанд: *сатҳи дониши забонии хонандагон, мақсад ва вазифагузорӣ, шиносоии қаблӣ бо маводди хониш, воридшавӣ ба мавзуъ ва шавқмандсозии хонандагон, омӯзиши методҳои хониш.* Ба ҳисоби миёна, дар синфҳои 10-11 ин марҳила метавонад аз якчанд дарс ва аз ду то се ҳафта давом кунад.

Ҳангоми ташкили марҳилаи омодагӣ чандин намудҳои фаъолият дар шаклҳои гуногун амалӣ мегарданд. Иҷрои ин корҳо ва фаъолиятҳо хонандагонро ба марҳилаи минбаъда омода ва наздик месозад. Намудҳои фаъолият аз рӯйи хусусияташон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки дар ҷадвали поён оварда шудааст:

**Ҷадвали 3.**

**Намудҳои**
**фаъолияти марҳилаи омодагӣ / пеш аз мутолиа (Pre-reading Activities)**

| **Фаъолияти инфиродии марҳилаи омодагӣ (Individual Pre-reading Activities)** | **Фаъолияти синфии марҳилаи омодагӣ (Classroom Pre-reading Activities)** |
|---|---|
| Азназаргузаронии қаблии сохтор **(Previewing the structure)** | Муҳокимаронӣ **(Discussion)** |
| Азназаргузаронӣ (скимминг) ва сканкунӣ **(Skimming and scanning)** | Ҳуҷуми зеҳнӣ **(Brainstorming)** |
| Кор бо луғатҳои марҳилаи омодагӣ **(Pre-reading vocabulary works)** | Ман шуморо гӯш мекунам **(I am listening to you)** |
| Пешгӯӣ аз сархатҳо ва расмҳо **(Prediction from title or images)** | Чарти (нақшаи) Д-Х-О **(K-W-L Chart)** |
| Навишти фаврӣ **(Quick write)** | Машқҳои талаффузкунӣ **(Pronunciation tasks)** |
| Муайянкунии ҳадафҳои хониш **(Set a Purpose for Reading)** | Машқҳо бо луғатҳо **(Vocabulary tasks)** |
| Роҳнамои ҷамшдошт (интизорӣ) **(Anticipation guide)** | Машқҳо бо калимаҳои калидӣ **(Key words tasks)** |

Корҳо ва фаъолиятҳои овардашуда вобаста ба хусусияташон, ба таври инфиродӣ ва бо гурӯҳи хонандагон дар синф (берун аз дарсҳо) дар давоми давраи муайяншуда иҷро карда мешаванд. Ҳар як навъи фаъолият аз таҷрибаи таълими забони англисӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ, бо такя ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи олимони соҳа (Олрайт Д. (Allwright D.), Байли К. (Bailey K.), Ҳаймер Ҷ. (Harmer J.), Морров К. (Morrow, K.) ва дигарон) интихобу пешниҳод шуда, дорои ҳадафҳои худ мебошанд.

Барои амиқтар сохтани фаъолиятҳо, шарҳи мухтасари ҳар яки он пешниҳод мегардад.

**Фаъолиятҳои инфиродӣ (Individual Activities)**

Азназаргузаронии қаблии сохтор **(Previewing the structure).** Бо мақсади шиносоии умумӣ бо сохтори маводди хониш, асар ё матни пешниҳодшуда, азназаргузаронии қаблии сохтори он амалӣ гардонида мешавад. Хонанда бо мундариҷаи асар, бобҳо, қисматҳо, луғатнома ва сарчашмаю иттилооти иловагии асар ошноӣ пайдо мекунад.

Азназаргузаронӣ (скимминг) ва сканкунӣ **(Skimming and scanning).** Барои гирифтани маълумоти умумӣ оид ба муҳтавои умумии асар ё матни пешниҳодшуда мутолиа дар шакли азназаргузаронӣ ва сканкунӣ анҷом дода мешавад. Аксарияти асарҳои бадеӣ, мақолаю маводҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, ҳикояҳо ва дигар навъи матнҳо дорои аннотатсия, маълумоти мухтасар дар бораи асар, фикру ақида ва навиштаҷотҳои алоҳида мебошанд. Мутолиаи ин қисматҳо барои хонандаи маълумоти зиёд ва гуногунро оид ба асар ифшо месозанд.

Кор бо луғатҳои марҳилаи омодагӣ **(Pre-reading vocabulary works).** Асарҳои бадеии барои таълим мутобиқшуда аз қисмати луғатҳои истифодашуда, ки баъди ҳар як қисмати асар ё дар охири асар ҷой дода шудаанд, иборат мебошад. Дигар намуди маводҳои хониш (барои таълим мутобиқ нашуда), аз қабили асарҳо бо забони асл, мақолаю порчаҳои матни рӯзномаю маҷаллаҳо, ҳикояҳо низ дорои луғатҳои зиёди барои хонандагон ношинос мебошанд. Дар ҳарду ҳолат низ хонандагон бояд ба таври инфиродӣ бо луғатҳои нав кор кунанд (луғатҳоро ёфта, аз ёд кунанд, онҳоро тарҷума ва бо калимаю ибораҳои нав ҷумла тартиб диҳанд).

Пешгӯӣ аз сархатҳо ва расмҳо **(Prediction from title or images).** Пешгӯӣ намудани мундариҷа, муҳтаво ва сюжети матни хонишро шогирдон метавонанд аз рӯйи бобҳо, зербобҳо, сархатҳо ва расму

тасвирҳои маводди хониш муайян кунанд. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар бораи асар пеш аз мутоилаи он маълумот пайдо намуда, диққаташонро ба масъалаҳои баррасишавандаи он равона созанд. Пешгӯӣ метавонад як навъ ҳавасмандиро низ нисбат ба матн дар ниҳоди шогирдон ба вуҷуд оварда, ҳисси кучковии онҳоро бедор месозад.

Навишти фаврӣ **(Quick write).** Баъди азназаргузаронии қаблии сохтори матн, кор бо луғатҳои нав, пешгӯӣ намудани мундариҷа, муҳтаво ва сюжети матни хониш, хонанда метавонад ба таври фаврӣ маълумоти кӯтоҳи умумиеро дар бораи асар нависад. Дурустии натиҷаи навишти хонанда баъди мутолиаи матн муайян мегардад, аммо ин намуди фаъолият ба ӯ имкон медиҳад, ки маҳорати дарку фаҳмиш ва сатҳи дониши забонии худро муайян созад. Баъди иҷрои фаъолиятҳои боло то кадом андоза ошноӣ пайдо намудан бо асар, маҳз ҳангоми навишти фаврӣ, дар шакли нақли хаттӣ дар бораи маводди хониш муайян мегардад.

Муайянкунии ҳадафҳои хониш **(Set a Purpose for Reading).** Барои муайян гаштани троекторияи омӯзиш, дақиқ шудани чашмдоштҳо оид ба ташаккулёбии малакаю маҳоратҳо ва маҷмуи салоҳиятҳои хонандагон ва билохира ба саволи "Ҳадафи хондани ин матн/асар аз чи иборат аст?" посух ёфтан, бояд ҳадафи хониш муайян карда шавад. Инчунин, муайян намудани мақсади хониш ба хонанда ва омӯзгор имконият медиҳад, ки ба дигар саволҳо ба монанди «Хонанда аз ин матн ё асар чи бардошт мекунад?», «Дар кадом самт хонанда ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд?», «Калимаю ибораҳо ва истилоҳоти кадом соҳаҳоро аз худ мекунад?», «Дар кадом ҳолат ва таҷрибаҳои ҳаётӣ маълумот ё донишҳои аз матн/асар бардошткардаро метавонад истифода намояд?» ва амсоли инҳо ҷавобҳои мушаххас пайдо намоянд.

Роҳнамои чамшдошт (интизорӣ) **(Anticipation guide).** Дар заминаи корҳои анҷомдода хонанда метавонад барои худ як роҳнамои

чашмдоштҳо (интизорӣ) омода намояд. Яъне, то ин давра, хонандагон алакай дар бораи асар ё матни хониш маълумоти умумӣ доранд. Таҳияи ин роҳнамо ба хонандагон имконият медиҳад, ки интизории худро аз натиҷаи мутолиаи асар қайд намуда, дар марҳилаи ниҳоӣ аз татбиқи онҳо хулоса намояд.

**Фаъолиятҳои синфӣ (Classroom Activities)**

Муҳокимаронӣ **(Discussion).** Бо мақсади гирифтани маълумоти умумӣ мундариҷа ва мавзуи матни хониш тавассути саволу ҷавоб баррасӣ мегарданд. Дар ҷараёни ташкили хониши мустақилона принсипи фардикунонии таълим ба хубӣ татбиқ мегардад, аз ин лиҳоз, муҳокимаи мавзуи матн ё асар метавонад ба таври умумӣ, барои аҳли синф ва ё инфиродӣ, бо ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ сурат гирад. Дар сурати интихоби як маводди хониш барои тамоми синф, муҳокимаи мавзуи матн бо аҳли синф амалӣ мегардад. Вақте ки ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ ё барои чанд нафар як маводро интихоб шудааст, пас муҳокимаи мавзуи матн низ ба таври дигар, бо ҳар як хонанда ё гурӯҳи хонандаро сурат мегирад.

Ҳуҷуми зеҳнӣ **(Brainstorming).** Муаллим ба хонандагон номи асари хондашаванда, номи бобҳо, қисматҳо ва ё аннотатсияи асарро пешниҳод месозад, шогирдон бояд тамоми донишҳои худро истифода бурда, атрофи он сухан гӯянд. Мақсади ин фаъолият аз он иборат аст, ки ба хонандагон интизориҳои худро вобаста ба асар ифшо намуда, дар марҳилаи минбаъда натиҷаи онро муқоиса кунанд. Фаъолияти мазкур бо фаъолияти “Роҳнамои чамшдошт” монанд буда, фарқияти онҳо дар шакли иҷроиш, шифоҳӣ ва хаттӣ муайян мегардад.

Ман шуморо гӯш мекунам **(I am listening to you).** «Ман шуморо гӯш мекунам» яке аз намудҳои фаъолияти гурӯҳи «Гӯшкунии қаблӣ / Pre-listening task» ба ҳисоб рафта, таъсири самаранок дорад. Ин фаъолият талаб мекунад, ки хонандагон дунафарӣ кор кунанд. Яке аз онҳо дар

бораи номи асар, бобҳо ё қисматҳои он фикру ақидаҳои худро иброз дошта, нафари дигар ӯро давоми то 5 дақиқа бо диққат гӯш мекунад. Сипас, нақшҳо иваз шуда, нафари гӯшкунанда сухан мегӯяд ва ҳамсуҳбаташ ӯро давоми то 5 дақиқа гӯш мекунад. Ҳадафи ин фаъолият аз рушди маҳорати муоширатӣ ва тафоҳум (шунида фаҳмидан) иборат мебошад. Инчунин, тарзи расонидани ақидаи хеш ба шунаванда такмил дода мешавад.

Чарт (нақша)-и **Д-Х-О (K-W-L Chart).** Ин навъи фаъолият низ дар марҳилаи омодагӣ иҷро карда шуда, ба хонандагон имконият медиҳад, ки вобаста ба маводди хониш нақшаи муайяне дошта бошанд. Ҳар як хонанда дар дафтари худ се сутун кашида, онҳро бо чунин тарз ва мақсад истифода мекунад:

**Д (Донистан / Know)**, дар ин сутун тамоми маълумот ё чизҳое навишта мешаванд, ки хонанда алакай оид ба мавзуъ, масъала ё асар (маводди хониш) ***медонад***.

**Х (Хостан / Want)**, дар ин сутун тамоми маълумот ё чизҳое навишта мешаванд, ки хонанда оид ба мавзуъ, масъала ё асар (маводди хониш) ***мехоҳад донад***.

**О (Омӯхтан / Learn)**, ин сутун то ба охир расидани мутолиаи асар холӣ меистад. Баъди хондани асар, тамоми маълумот ё чизҳое, ки хонанда аз мутолиаи ин асар ***меомӯзад***, дар ҳамин сутун навишта мешавад.

Машқҳои талаффузкунӣ **(Pronunciation tasks).** Тарзи дуруст талаффуз кардани исмҳои хос, номи шаҳру минтақаҳо, калимаю ибораҳои душворфаҳм, истилоҳот ва калимаҳои аз дигар забон иқтибосшуда барои хонандагон хеле муҳим мебошад. Ҳангоми кор бо луғатҳо дар марҳилаи омодагӣ, ҳатман бояд бо истифода аз маводҳои аудиовизуалӣ, тасвирӣ, пешниҳоди транскрипсия (овознигорӣ), тарзи талаффузи луғати нав ба хонандагон фаҳмонида шавад.

Машқҳо бо луғатҳо **(Vocabulary tasks).** Ҳар як калимаи забони англисӣ ҳангоми омезиш бо калимаҳои дигар, вобаста ба ҷойгиршавӣ дар ҷумла ва дар матн метавонад мафҳуми худро ба куллӣ тағйир диҳад. Истилоҳот ва калимаю ибораҳои алоҳидаи дар матни асар истифодашуда метавонанд ба хонанда душвориҳоро пеш орад. Аз ҳамин илҳоз, омӯзгорро зарур аст, то ки бо истифода аз машқҳои гуногун луғати навро ба хонандагон омӯзонад.

Машқҳо бо калимаҳои калидӣ **(Key words tasks).** Ҳар як матну маводди хониш дорои калимаю ибораҳои калидӣ мебошад. Барои дуруст ва фаҳмо роҳандозӣ шудани раванди хониш, баҳрабардорӣ аз он ва дарки амиқи мундариҷаи маводди хониш, калимаю ибораҳои калидии матн ё асар муайян карда мешаванд. Дар марҳилаи мазкур ё марҳилаҳои минбаъда бо истифода аз вожаҳои калидӣ машқу супоришҳо иҷро карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи омодагӣ хонандагон аз ҷиҳати рӯҳию равонӣ, донишу маълумотҳои умумӣ оид ба матни хониш тайёр мешаванд. Ташкили ин марҳила дар сатҳи зарурӣ имконият медиҳад, ки шогирдон дар марҳилаи асосӣ аз уҳдаи иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташуда ба хубӣ бароянд.

**II. Марҳилаи асосӣ / ҷараёни мутолиа (While-reading period)**

Марҳилаи асосӣ ҳамчун марҳилаи калидӣ дар ташкили хониши мустақилона арзёбӣ гардида, раванди хониши асар ё матни пешниҳодшударо дар бар мегирад. Маҳз дар ҳамин марҳила хонандагон бо матн фаъолона кор мекунанд. Яъне, дар баробари мутолиаи матн, гирифтани маълумоту донишҳои зарурӣ аз он, инчунин, ба ‌таври инфиродӣ ё дар синф бо аҳли гурӯҳ машқу супоришҳои гуногунро иҷро мекунанд.

Ҳадафи марҳилаи мазкур аз дарку фаҳмиши мазмуну мундариҷаи асосии матн, равшан намудани маълумоти матн ва таҳлили он иборат

мебошад. Инчунин, омӯзиши қоидаҳои фонетикию грамматикӣ ва лексикӣ (сохтори забон), мафҳумҳо, калимаю ибораҳои нав, истилоҳот ва амсоли инҳо дар назар дошта шудааст. Се навъи дигари фаъолияти муоширатӣ (навиштан, тафоҳум ва гуфтор), салоҳиятҳои муоширатӣ, фарҳангӣ, таҳлилу хулосабарории хонандагонро низ метавон дар марҳилаи асосии хониш ташаккул дод. Аз ҳамин лиҳоз, ташкили марҳилаи мазкур аз омӯзгор маҳорати касбӣ ва масъулияти зиёдро тақозо мекунад.

Барои татбиқи мақсади марҳилаи асосӣ иҷрои **вазифаҳои зерин** зарур дониста мешавад:

- Риояи талаботҳои мавҷуда ҳангоми роҳандозии марҳилаи мазкур;
- Таъмини принсипи фардикунонии раванди таълим;
- Назорати доимии ин раванд, пешниҳоди маслиҳату машваратҳои ҳамешагӣ ва шавқмандсозии хонандагон то ба анҷом расидани хониши мустақилона;
- Ташкили нишастҳо ва дарсҳои синфӣ (берун аз ҷадвали дарсӣ ва дарси асосӣ) бо мақсади натиҷагирӣ аз рафти мутолиаи асар;
- Пешниҳоди машқу супоришҳо ва намудҳои гуногуни фаъолият дар шакли инфиродӣ ва гурӯҳӣ (барои иҷроиш ва натиҷагирӣ дар синфхона);
- Тавассути намудҳои гуногуни фаъолият рушди салоҳиятҳои муоширатӣ, хондан, таҳлилу хулосабарорӣ ва ғанигардонии захираи луғавии хонандагон.

**Тарзи ташкили марҳилаи асосӣ / ҷараёни мутолиа**

Раванди ташкили марҳилаи асосии хониши мустақилона аз оғози соли таҳсил шуруъ гардида, то охири соли таҳсил метавонад идома ёбад. Вобаста ба ҳаҷми маводди интихобшуда, ин раванд аз чанд давра иборат мебошад. Яъне, то охири соли таҳсил як асари калонҳаҷм, иборат аз

бобҳо ё қисматҳои зиёдро интихоб намудан мумкин аст. Инчунин, метавон ҳикояву қиссаҳои миёнаҳаҷм, матни мақолаҳоро аз рӯзномаю маҷаллаҳо ва ё дигар навъи матнро бо дарназардошти мавзуъ ва мазмуни мувофиқ ба хонанда барои хониш ба онҳо пешниҳод намуд.

Назорати рафти иҷрои кор (ҷараёни хониш), дарки маълумот, мазмуну мундариҷаи матн, иҷрои машқу супоришҳои вобаста ба матнро ҳам ба таври маҷозӣ (фосилавӣ ё онлайн) ва ҳам тариқи ҳузурӣ (дар синфхона, берун аз дарси асосӣ) дар шакли инфиродӣ ва гурӯҳӣ ташкил кардан мумкин аст. Татбиқи ин корҳо робитаи омӯзгор ва хонандагонро таъмин намуда, шогирдонро воқиф месозад, ки натиҷаи меҳнати онҳо аз мадди назари омӯзгор дур нест. Пешниҳоди маслиҳату машваратҳои ҳамешагӣ ва шавқмандсозии доимии хонандагон низ ҳангоми ташкили корҳои назоратию санҷишӣ амалӣ мегарданд.

Дар ҷараёни марҳилаи асосӣ намудҳои гуногуни фаъолият, машқу супоришҳо ва вазифаҳо иҷро мешаванд. Иҷрои ин корҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, то қобилияту маҳорат ва салоҳиятҳои онҳо рушд ёбад. Чанде аз намудҳои фаъолият дар ҷадвали поён оварда шудаанд:

**Ҷадвали 4.**

**Намудҳои**
**фаъолияти марҳилаи асосӣ / ҷараёни мутолиа (While-reading Activities)**

| | |
|---|---|
| Хониши матн **(Reading the text)** | Кор бо лексика (луғат) **(Lexical tasks)** |
| Таҳлили матн **(Text analyzing)** | Таҳлили сохторҳои грамматикӣ **(Analyzing grammar constructions)** |
| Пешниҳоди сархат ба матн ва қисматҳои он **(Suggesting a title to the text and its chapters)** | Машқҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ **(Individual and group exercises)** |

**Идомаи ҷадвали 4.**

| | |
|---|---|
| Таҳлили интиқодӣ<br>**(Critical analyzing)** | Навиштани нақли хаттӣ<br>**(Written narrative)** |
| Муҳокимаи синфии матн<br>**(Classroom discussion of the text)** | Хулосабарорӣ / Қарор қабул кардан<br>**(Making a decision)** |

Хониши мустақилона аз хонандагон иҷрои инфиродии корҳоро дар бар мегирад. Ҳангоми ташкили марҳилаи асосӣ, ҷараёни мутолиа ва аксарият навъҳои фаъолиятҳои ин раванд низ ба таври инфиродӣ ба иҷро мерасанд. Аз шумораи зиёди намудҳои фаъолият, даҳ навъи он, ки муҳим шуморида мешаванд, дар ҷадвали боло оварда шудааст. Шарҳи мухтасари ҳар як намуди фаъолият дар поён оварда мешавад.

**Хониши матн (Reading the text).** Фаъолияти калидӣ ва асосӣ дар ташкили хониши мустақилона ва марҳилаҳои он, албатта, хониши матн мебошад. Барои самарабахш роҳандозӣ гаштани ин фаъолият, ба шогирдон омӯзонидани навъҳо ва техникаи хониш (намудҳои хониш: хониши азназаргузаронӣ (*skimming*), хониши сканкунӣ (*scanning*), хониши босуръат (интенсивӣ) (*intensive reading*), хониши васеъ (экстенсивӣ) (*extensive reading*), хониши интиқодӣ (*critical reading*); техникаҳои хониш: хониши боовоз (*loudly reading*), хониши хомӯшона (*silence reading*), хониши боист (*pausing technique reading*), хониш бо ҷудо кардани калидвожаҳо (*keyword highlighting reading*)) хеле муҳим мебоашд. Истифодаи навъҳо ва техникаи хониш ба шогирдон имконият медиҳад, ки мазмуну мундариҷаи матни асарро амиқ дарк карда, аз он бардошти зиёд намояд ва баъди анҷоми мутолиа хулосаҳои дуруст баровarда тавонад.

**Кор бо лексика (луғат) (Lexical tasks).** Ҳангоми мутолиаи матн, хонандагон ҳатман бо луғати нав, ибораҳо, истилоҳот ва воҳидҳои фразеологӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ин ҳолат барои онҳо метавонад

мушкилот эҷод намуда, раванди хонишро каме коҳиш диҳад. Вобаста ба сатҳи дониши забонӣ ва захираи луғавӣ, мушкилоти мазкурро як гурӯҳи хонандагон ба осонӣ ва гурӯҳи дигар каме вазнинтар паси сар мекунанд. Барои осону ҷолиб намудани азхудкунии луғати нав, пешниҳоди машқу супоришҳо (gap-fill exercises, making up sentences, word maps), фаъолияти азхудкунии лексика (matching, question-making), истифодаи амалии калимаю ибораҳои нав дар нутқи хаттию шифоҳӣ (role-playing, situational dialogues, debates or discussions) ва иҷрои дигар корҳо бо лексика бояд анҷом дода шаванд.

Дар марҳилаи асосӣ ин навъи фаъолият муҳим арзёбӣ гардида, барои рушди салоҳияти муоширатии хонандагон мусоидат менамояд.

**Таҳлили матн (Text analyzing).** Зери мафҳуми «Таҳлили матн (Text analyzing)» дар марҳилаи асосӣ иҷрои корҳои зерин дар назар дошта шудааст:

- **Ҷустуҷӯи ғояҳо ва тафсилоти асосӣ:** хонандагон матнро таҳлил мекунанд, то ғояи асосӣ ва ҷузъиёти муҳиммеро, ки мақсади матнро ифода мекунанд, пайдо намоянд. Метавон чунин вазифаҳоро монанди нақли мухтасари матн ё тартиб додани нақша бо нуқтаҳои асосии асар барои иҷро пешниҳод намуд.
- **Кор бо саволҳои марбут ба матн:** хонандагон ба саволҳое ҷавоб медиҳанд, ки метавонанд аз мундариҷаи матн посух ёфт. Инчунин, саволҳо бо хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикӣ низ метавонанд алоқаманд бошанд.
- **Таҳлили персонажҳо ва ҳодисаҳо:** дар асарҳои бадеӣ хонандагон ангезаи рафтори персонажҳо, хислатҳои онҳо ва муносибатҳои мутақобила бо персонажҳои дигарро таҳлил мекунанд. Дар матни мақолаю рӯзномаҳо ва дигар жанрҳо, шогирдон ҳодисаҳои рухдода ва ҳолатҳои дар матн тасвиршударо таҳлилу баррасӣ месозанд.

**Таҳлили сохторҳои грамматикӣ (Analyzing grammar constructions).** Таҳлили сохторҳои грамматикӣ барои хубтар фаҳмидани қоидаҳои грамматикаи забон мусоидат менамояд. Ҳангоми таҳлил хонандагон истифодаи дурусти қоидаҳои грамматикиро дар ҷумлаҳои содаю мураккаби матни асар аз худ намуда, онҳоро дар амал метавонанд истифода баранд. Барои татбиқи ин масъала метавон чунин вазифа ва супоришҳоро барои иҷро кардан ба хонандагон пешниҳод намуд: муайян кардани замони феълҳо (identify the tense of the verbs), тағйир додани замони феълҳо (change the tense of the verbs), пайдо намудани тарзи фоил ва мафъул дар ҷумлаҳо (find active and passive voicesin the sentences), муайян кардани намуди ҷумлаҳо (identify types of the sentences) ва ғ. Пас аз таҳлил хонандагон машқҳоро барои мустаҳкам намудани қоидаҳои грамматикии дар матн дучоршуда иҷро мекунанд.

**Пешниҳоди сархат ба матн ва қисматҳои он (Suggesting a title to the text and its chapters).** Мақсади пешниҳоди чунин супориш ба хонандагон, аз муайян намудани сатҳи дарку фаҳмиши шогирдон аз мундариҷаи матн иборат аст. Дар сурати ба хубӣ дарк намудани муҳтавои матн, хонандагон метавонанд аз рӯйи дарку фаҳмиши худ ба асар, қисматҳои он ва ё матни хондашуда сархат гузоранд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки иҷрои чунин супоришҳо барои ташаккули қобилияти таҳлилкунӣ ва хулосабарорӣ мусоидат менамояд. Яъне, бо пешниҳоди сархат ба матн хонанда мавқеи худро нишон медиҳад. Ба ақидаи ӯ сархати матн метавонад тамоман дигар унвон гирад. Сархатти пешниҳодкардаи шогирдон аз сархатти мавҷудаи матн ба куллӣ фарқ карда, метавонад ба пуррагӣ дигаргун бошад.

**Машқҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ (Individual and group exercises).** Дар ҷараёни хониш навъҳои гуногуни машқҳоро барои иҷрои инфиродӣ ва гурӯҳӣ пешниҳод кардан мумкин аст. Азхудкунии техникаи хониш, омӯзиши сохтори забон, ғанигардонии захираи луғавӣ, рушди маҷмуи

салоҳияту маҳоратҳо, васеъ намудани доираи ҷаҳонбинӣ ва ташаккули фикрронии хонандагон иҷрои машқу супоришҳоро талаб менамояд. Адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методии сифатан хуб ва тибқи талаботу стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷониби муаллифону мураттибони соҳибзабон барои омӯзандагони забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ (EFL – Engilsh as foreign language) таҳия шудаанд, ки метавон дар ин марҳила истифода намуд.

Инчунин, худи омӯзгор низ метавонад маҷмуи машқу супоришҳоро ҷамъоварӣ ё таҳия намуда, дар ин марҳилаи хониш истифода барад.

**Таҳлили интиқодӣ (Critical analyzing).** Таҳлили интиқодии матн пас аз мутолиа, баҳодиҳии амиқи мазмуни асарро дар бар мегирад, ки ба тафаккур, тафсир ва баҳодиҳии ҷанбаҳои гуногуни матн равона мегардад. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки на танҳо дар бораи чӣ гуна будани асар тасаввурот пайдо намояд, балки, аз нуқтаи назари танқидӣ низ мулоҳиза кунанд, ки муаллиф ақидаи худро чӣ тавр баён мекунад, матн дар роҳи расидан ба мақсади худ то чӣ андоза муваффақ аст, бо контексти васеътари иҷтимоӣ ё адабӣ чӣ гуна алоқа дорад.

Таҳлили интиқодӣ ба таври инфиродӣ, дар шакли пешниҳоди маълумотномаи мухтасар, пешниҳоди ақидаҳои интиқодӣ дар ҳаҷми ду саҳифаи чопи компютерӣ иҷро гардида, ба омӯзгор пешниҳод карда шавад.

**Нақли хаттӣ (Written narrative).** Мақсади навиштани нақли хаттӣ – муайян намудани сатҳи нутқи хаттии хонандагон аз натиҷаи хониши мустақилонаи матн иборат мебошад. Лаҳзаву ҳодисаҳо, тасвири ҷою макон ва манзараҳо, персонажҳои мусбату манфӣ, нуктаҳои ҷолиби асар ва дигар ҳолатҳое, ки ҳангоми мутолиа дар хотира нақш мебандад, хонанда ба таври хаттӣ пешниҳод менамояд. Иҷрои ин навъи фаъолият барои дубора, баъди хондани матн, мазмуни онро ҳазм намуда, пешниҳод сохтан ба хонанда кумак мекунад. Дар ҷараёни навиштани

нақли хаттӣ такрори сохторҳои грамматикӣ, истифодаи луғатҳои нави дохили матн, ташаккули нутқи хаттӣ, махсусан, навишти хонанда сурат мегирад.

Навишти нақли хаттӣ низ ба таври инфиродӣ сурат гирифта, натиҷаи он барои омӯзгор донишу малака, маҳорат ва салоҳиятҳои хонандаро аз чанд ҷиҳат ошкор месозад.

**Муҳокимаи синфии матн (Classroom discussion of the text).** Муҳокимаи синфии матн яке аз намуди фаъолиятест, ки дар синф, бо аҳли гурӯҳ амалӣ мегардад. Фаъолияти мазкурро метавон дар марҳилаҳои гуногун, вобаста ба нақшаи таҳиягашта низ амалӣ намуд. Баргузории дарсҳои берун аз синфӣ (ё берун аз нақша) вобаста ба хониши мустақилона ҳафтае як маротиба ё дар моҳе ду маротиба ба нақша гирифта мешаванд. Дар баробари иҷрои дигар фаъолиятҳо, муҳокимаи қисмати матни хондашуда низ бо аҳли синф ҳатман амалӣ гардонида мешавад.

**Хулосабарорӣ / Қарор қабул кардан (Making a decision).** Баъди ба анҷом расонидани хониш, таҳлилу баррасӣ, омӯхтани лексикаи нав ва сохторҳои грамматикӣ, навъи дигари фаъолият, хулосабарорӣ ё қарор қабул кардан амалӣ гардонида мешавад.

Ин навъи фаъолият аввал мустақилона иҷро гардида, баъдан дар синф бо табодули афкор бо ҳамсабақон анҷом дода мешавад. Ҳар як хонанда вобаста ба матни хондааш хулосаи худро баровარда, қарор қабул мекунад. Ин фаъолият як навъ баҳодиҳӣ ба асар ё матн, баъди мутолиа дониста мешавад.

**III. Марҳилаи ниҳоӣ / баъди мутолиа (Post-reading period)**

Марҳилаи ниҳоӣ (баъди мутолиа) ҳангоми хониши мустақили забони англисӣ барои мустаҳкам намудани мавод, таҳлили матнҳои хондашуда ва рушди минбаъдаи малакаҳои забонӣ муҳим аст. Дар марҳилаи мазкур хонандагон бо табодули афкор ва таҷриба аз матн ё

асари хондашуда фикру ақида ва донишҳои андӯхтаи худро устувор месозанд. Ин марҳилаест, ки баъзе мафҳуму масъалаҳои марҳилаи пешин (марҳилаи асосӣ), дар вақти омӯзишу иҷрои мустақилона ва инфиродии фаъолиятҳо аз худ карда нашуданд, боз ҳам хубтар фаҳмида мешаванд. Иҷрои машқу супоришҳо ва фаъолиятҳои баъди мутолиа низ барои такрори маводҳои гузашта, мустаҳкамкунии донишҳо, нишон додани маҳорату малака ва салоҳиятҳои соҳибшуда равона мегардад. Дар ин қисмати хониши мустақилона худи хонандагон метавонанд ба худбаҳодиҳӣ машғул шуда, ба донишҳои гирифтаи худ ва ҳамсабақонашон баҳои сазовар диҳанд.

Қобили қайд аст, ки дар марҳилаи омодагӣ иҷрои яке аз намудҳои фаъолият, чарт (нақша)-и Д-Х-О (K-W-L Chart) пешниҳод гардида буд. Ҳарфи О (Омӯхтан / Learn), ки сутун он то ба охир расидани мутолиаи асар холӣ мондааст, маҳз дар ҳамин марҳила пур карда мешавад. Тавре ки дар боло баён гардида буд, баъди хондани асар, маълумоту донишҳои аз мутолиаи асар *омӯхташуда ё азхудгардида* дар ҳамин сутун навишта мешавад.

**Мақсади** асосии ин марҳила амиқтар дарки матн, васеъ намудани захираи луғавӣ, рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва ҳавасмандгардонии истифодаи маводди нави забонӣ дар нутқи шифоҳӣ ё хаттӣ ба ҳисоб меравад. Пас аз хондани матн ё асар хонандагон матнро таҳлил намуда, бо гирифтани маълумоти зарурӣ донишҳои андӯхтаашонро мустаҳкам мекунанд. Калимаю ибораҳои нав ва истилоҳоти азхудшуда ҳангоми иҷрои машқу супоришҳои марҳилаи мазкур дар амал истифода гардида, мустаҳкам карда мешаванд.

Иҷрои **вазифаҳои зерини** марҳилаи ниҳоӣ барои татбиқи мақсади ин марҳила мусоидат хоҳад кард:

- ташкили муҳокимаи ғояҳои асосӣ ва ҷузъиёти матни хондашуда, бо мақсади дарку фаҳмиши амиқи матн;

- роҳандозии таҳлили ангезаҳои персонажҳо, андешаҳои муаллиф, маъноҳои пинҳонӣ ва робитаҳои байни қисмҳои матн барои ташаккули малакаи тафаккури интиқодии хонандагон;
- истифодаи маводҳои нави забонӣ: фаъолсозӣ ва истифодаи амалии лексикаи нав, мустаҳкамкунии сохторҳои грамматикӣ тавассути иҷрои супоришҳои амалӣ (хаттӣ ва шифоҳӣ);
- ташаккули малакаю маҳорати баёни андеша: муҳокимаи матни хондашуда ва алоқаманд намудани он ба ҳаёти хонандагон.

**Ташкили марҳилаи ниҳоӣ**

Ҷараёни марҳилаи ниҳоӣ ва ташкили он дорои хусусиятҳои худ буда, чунин намудҳои фаъолият, машқу супоришҳо ва вазифаҳо ба монанди нақли муҳтавои матн, таҳлилу баррасии қисматҳои алоҳидаи он, иҷрои супоришҳо вобаста ба азхудкунии луғати нав ва амсоли инҳо иҷро карда мешаванд. Иҷро амалӣ ва мустақилонаи машқу супоришҳои марҳилаи мазкур хонандагонро боз ҳам ба омӯзиши забони англисӣ наздиктар сохта, маҳорату малакаҳои муоширатии онҳоро рушд медиҳад. Намудҳои фаъолият ва машқу супоришҳои марҳилаи ниҳоӣ дар ҷадвали зерин пешниҳод гардидааст:

**Ҷадвали 5.**

**Намудҳои**
**фаъолияти марҳилаи ниҳоӣ (Post-reading Activities)**

| | |
|---|---|
| Нақли матн **(Retelling the text)** | Муҳокимаи матн **(Discussion the text)** |
| Саволу ҷавоб вобаста ба матн **(Answering the questions based on the text)** | Машқҳои лексикӣ-грамматикӣ **(Vocabulary and Grammar Focus)** |
| Фаъолиятҳои хаттӣ ва шифоҳӣ **(Written and oral tasks)** | Робитаи матн бо таҷрибаи ҳаётӣ **(Text connection with life experience)** |
| Ташкили бозиҳои нақшофарӣ **(Role-playing games)** | Худбаҳодиҳӣ **(Self-assessment)** |

Хониши мустақилона бо марҳилаи ниҳоӣ ба анҷом расида, иҷрои корҳои инфиродию гурӯҳиро дар бар мегирад. Дар ҷараёни баргузории марҳилаи ниҳоӣ фаъолият ва машқу супоришҳоро на танҳо ба таври анъанавӣ, балки бо истифода аз воситаҳои техникии таълим (фаъолиятҳои хаттӣ ва шифоҳӣ (*written and oral tasks*)) низ метавон роҳандозӣ намуд. Муҳимтарин намудҳои фаъолият ва машқҳои марҳилаи мазкурро дар ҷадвали боло пешниҳод кардаем, аммо ин шумораро боз ҳам метавон идома дод.

Агар ҷадвали намудҳои фаъолияти марҳилаи ниҳоиро бо ҷадвалҳои марҳилаҳои омодагӣ ва асосӣ мушоҳида намоем, пас такрори намудҳои фаъолият дида мешавад. Дар ҳақиқат, баъзе намудҳои фаъолият дар ҳама марҳилаҳои раванди ташкили хониши мустақилона зарурати истифода доранд. Бо мақсади такрор нашудани фикрҳо, шарҳи ҷавали 7 ба таври умумӣ пешниҳод хоҳад гашт.

Нақли матн (Retelling the text), аз ёд кардан ва иҷрои амалии муколамаҳо ҳамчун як роҳи таълими нутқи шифоҳии забони хориҷӣ имрӯз аз ҷониби омӯзгорон хеле кам истифода мешавад. Мо чунин мешуморем, ки нақли матни хондашуда метавонад дар таълими забони хориҷӣ, махсусан дар ҳама марҳалаҳои хониш «ҳамчун раванди маърифатии қабул ва коркарди иттилооте, ки дар ҳама гуна асари нутқ мавҷуд аст», самаранок буда, бояд чун ҷузъи муҳимми ин раванд боқӣ монад [49, с. 263].

Нақли матн пайвандест дар омӯзиш, ташаккул ва рушди салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативӣ. Аз ҳамин лиҳоз, он яке аз аввалин фаъолиятҳои марҳилаи ниҳоии хониши мустақилона ба шумор меравад. Маҳз баъди нақл, муҳокимаи матн, саволу ҷавоб, истифодаи амалии луғати нав ва дигар намудҳои фаъолияти марҳилаи ниҳоӣ пай дар пай амалӣ мегарданд.

Ташкили муҳокимаи матн ва саволу ҷавоб атрофти матни хондашуда бо мақсади табодули афкор бо ҳамсабақон, беҳтар фаҳмидани фикру ақидаи ҳамсинфон, истифодаи амалии луғатҳо ва мустаҳкам намудани донишҳои лингвистӣ роҳандозӣ мегардад [71, с.117].

Машқҳои лексикӣ-грамматикӣ (*Vocabulary and Grammar Focus*) иҷрои супоришҳоеро дар бар мегирад, ки ба самти лексикӣ ва грамматикии матн равона гаштаанд. Ин раванд на танҳо азхудкунии лексика ва грамматикаи дар матн истифода шударо дар бар мегирад, балки луғатҳои нав ва қоидаҳои грамматикӣ дар мисоли дигар ҷумлаҳо машқ карда мешаванд. Машқҳои лексикӣ-грамматикӣ имкониятҳои васеъ дошта, раванди иҷрои онҳо хеле ҷолиб ва натиҷабахш мебошанд.

Барои татбиқи амалии донишҳои лексикию грамматикӣ, фарҳангию иҷтимоӣ ва васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон, машқҳои хаттию шифоҳӣ, машқҳо вобаста ба пайдо намудани робитаи матн бо таҷрибаи ҳаётӣ ва ташкили бозиҳои нақшофарӣ пешниҳод мегарданд.

Машқҳои хаттию шифоҳӣ омӯзиши ҳолатҳоеро дар бар мегиранд, ки барои фаъолияти минбаъдаи хонандагон зарур мебошанд. Пур кардани анкета, навиштани эссе, баёни хаттӣ ва шифоҳии фикр, мукотиботи расмӣ (хаттӣ ва шифоҳӣ), навиштани мактуб ва иҷрои дастурҳо дар синфҳои болоӣ ва баъди хатми муассисаи таълимӣ барои хонандагон корҳои муқаррарӣ хоҳанд буд. Аз ҳамин лиҳоз, донистани ҳар яки ин корҳо, махсусан, бо забони англисӣ барои хонанда заминаи хубе хоҳад буд.

Барои татбиқи принсипи таълимии робитаи таълим бо ҳаёт, машқҳое, ки робитаи матнро бо таҷрибаи ҳаётиро муайян месозанд, бояд роҳандозӣ гарданд. Дар заминаи ин машқҳо ташкили бозиҳои нақшофарӣ хеле бомаврид мебошад.

Худбаҳодиҳӣ (Self-assessment) ба хонандагон имкон медиҳад, то ин ки ба маҳсули кор худ ва ҳамсабақон баҳогузорӣ намоянд.

## 2.3 Системаи машқҳо барои ғанигардонии захираи луғавӣ дар асоси хониши мустақилона аз забони англисӣ

Яке аз масъалаҳои муҳим ва калидии мавзуи кори илмии мазкур, таҳқиқоту омӯзиш ва баррасии машқу супоришҳо барои ғанигардонии захираи луғавии хонандагон дар асоси хониши мустақилона аз забони англисӣ ба шумор меравад. Таснифоту гуруҳбандии машқу супоришҳо, навъҳои фаъолиятҳо дар заминаи хониши мустақилона аз забони англисӣ дар зербоби мазкур баррасӣ мегардад. Инчунин, талаботу принсипҳои интихоб ва роҳҳои истифодаи машқу супоришҳо ҳангоми ташкили хониши мустақилона, таъсири онҳо ба азхудкунии луғати нав ва ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ ва дигар масъалаҳои атрофи ҳамин қисмат баррасӣ хоҳад гашт.

Хониши мустақилона ва супоришҳои вобаста ба он барои рушди зеҳнии хонандагон ва баланд бардоштани ҳавасмандӣ имкониятҳои калон фароҳам меорад. Кори мустақилонаи донишҷӯён бо матни забони хориҷӣ бояд асоснок, мақсаднок, идорашаванда ва ҷараёни он аз ҷониби худи донишҷӯён ва муаллим назорат карда шавад. Аз ин рӯ, вазифаи хониши мустақил ин автоматикунонии минбаъдаи амалиётҳои нокифоя ташаккулёфта барои аз матн гирифтани иттилооти забонӣ ва экстралингвистӣ (моддӣ) хоҳад буд.

Самаранокии ташаккули малакаи хониши мустакилона ба дуруст ичро намудани амалхои додашуда вобаста аст, ки онхо чузъхои навъи фаъолияти нутки дар назар дошташуда буда, дар чараёни хониш вобастагии иерархй ва алокамандии мутакобила мебошанд.

Муҳаққиқону методистон, педагогҳо, психологҳо ва забоншиносони ватанию хориҷӣ масъалаи интихобу истифодаи машқу

супоришҳоро дар ҷараёни таълим таҳқиқ намуда, вобаста ба давру замон ва шароит тавсияҳои амалӣ низ пешниҳод кардаанд. Ба масъалаи мазкур олимони рус, аз қабили С.Ф. Шатилов, А.Н. Шукин, М.С. Илин, И.Л. Бим, Б.А. Лапидус таваҷҷуҳ зоҳир намуда, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом додаанд.

М.С. Илин аҳамият, арзиш ва афзалияти машқу супоришҳои таълимиро баланд арзёбӣ намуда, чунин қайд менамояд: «Маҳаки асосию марказии ҷараёни таълим машқҳое мебошанд, ки барои ташаккули забонӣ ҳамчун як навъи фаъолият иҷро карда мешаванд.» [59, с.102]

И.Л. Бим бошад, зери мафҳуми «машқ» воҳиди хурдтарини ташкили фаъолияти таълимии хонандагонро барои азхудкунии унсурҳои системаи забонҳои хориҷӣ мебинад [23, с.34].

Яке аз олимони соҳаи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, С.Ф. Шатилов зери мафҳуми машқ «як ва ё якчанд маротиба иҷро кардани маҷмуи амалиётҳои дорои хусусияти нутқӣ ё забонӣ, ки махсусан дар шароити таълим ташкил карда шудааст» мебинад [150, с.59].

Вобаста ба аҳамияти машқҳо А.Н. Шукин низ ақидаи худро иброз дошта, онҳоро чунин шарҳ медиҳад: «амалҳои мақсадноку ба ҳам алоқаманд, ки бо тартиби афзоиши мушкилоти забонӣ ва амалиётӣ, бо назардошти пайдарпайии ташаккули малакаю маҳорати нутқӣ ва хусусияти амалҳои воқеан мавҷудбуда амалӣ мегарданд.» [153, с.352].

Машқ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷараёни таълим асоси азхудкунии намудҳои гуногуни фаъолияти нутқро дар раванди дарсҳои забони англисӣ ташкил медиҳанд. Ин навъи фаъолият вобаста ба шароити таҳсил ва равияи муассисаи таълимӣ, бо назардошти талаботи метавонанд гуногун таҳия ва истифода карда мешаванд.

Ҳангоми интихоб ва истифодаи машқҳо дар шароити МТМУ, махсусан дар раванди таълими забони англисӣ ва ташкили хониши

мустақилона дар синфҳои болоӣ ба талаботу принсипҳо ва ҷабҳаҳо таваҷҷуҳ намудан зарур аст. Ҳатто ҷойгиршавӣ ва шароити моддию техникии муассисаи таълимиро ҳангоми интихоб ва истифодаи машқҳои таълимӣ бояд ба назар гирифт.

Бояд дар хотир дошт, ки забони англисӣ дар синфҳои болоӣ ҳамчун воситаҳои муошират таълим дода шуда, барои азхудкунии дигар илмҳо ҳамчун пул хизмат кунад. Васеъ гардонидани донишҳои бунёдии барои хатмкунандагон зарур метавонад тавассути забони англисӣ амалӣ гардад. Бо як шавқи баланд пешниҳод шудани маводҳои хониши мустақилона, машқу супоришҳо маҳз аз омӯзгорони фаннӣ вобастагӣ дошта, аз онҳо маҳорату малакаи касбиро талаб мекунад.

Муҳаққиқи тоҷик Ҷумаева Д. қайд кардааст, ки «Дар вақти сохтани маҷмӯи машқҳо ҷанбаҳои забонӣ, психологӣ ва методиро ба ҳам пайвастан лозим аст» [54, с. 125]. Аз гуфтаҳои мавсуф бармеояд, ки ҳангоми коркарди маҷмӯи машқҳо ба инобат гирифтани як қатор омилҳои педагогию психологӣ зарурат пеш меоранд. Ҳангоми ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ талаботҳои умумии интихоби машқҳо, меъёру талаботҳое низ вуҷуд доранд, ки набояд аз мадди назар дур гузошт.

Навъу намунаи машқу супоришҳо аз ҷониби Б.А. Лапидус чунин оварда шудааст:

а) пурра машқҳои таълимӣ;

б) машқҳои оддии омехта;

в) машқҳои омехта [75, с. 60].

Б.А. Лапидус машқҳои омехтаро пешниҳод карда бар ин назар аст, ки «барои баёни андешаи худ ба забони хориҷӣ хонандагон, пеш аз ҳама, дорои захираи воҳидҳои лексикӣ, шаклу сохти грамматикӣ ва малакаи истифодаи ин маводҳои забониро дар нутқ дошта бошанд, баъдан, ба

самти семантикии нутқ таваҷҷуҳ зоҳир гардад, ин унсурҳои сохти забонро барои ифодаи фикр омехта намоянд.» [75, с. 62].

Методикаи таълими забонҳои хориҷӣ таснифоти гуногуни машқҳоро пешниҳод менамояд. Илова бар ин, меъёрҳои гуногун, талаботи мураттабшуда барои машқҳо анҷом дода мешавад. Робитамандии машқҳое, ки ба ташаккули малакаю маҳоратҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ нигаронида шудаанд, ҳамеша таъкид мегарданд. Яъне, машқу супоришҳо ва фаъолияти хонандагонҳоро тавре мебояд ба роҳ монд, ки ташаккули якҷояи чор рукни фаъолияти муоширатӣ таъмин гардад.

Аз ҷониби муҳаққиқон, дар баробари шарҳи назариявии машқҳо, инчунин, маҷмуи машқҳо ва низоми истифодаи онҳо низ пешниҳод гардидаанд.

Молчанова Ю.А. бошад, бар он ақидааст, ки «Зери маҷмӯи (аз лотинии complexus пайвастагӣ, якҷоякунӣ) машқҳо ҷамъи машқҳоеро метавон дар назар дошт, ки бо назардошти хусусиятҳои психологии донишҷӯён амалӣ намудани оқилона ва мунтазами онҳо сатҳи зарурии ташаккули маҳорату малакаҳо ва салоҳиятҳоро таъмин менамояд» [92, с.132].

Системаи вазифаҳо хонандагонро ба ҳалли пайгиронаи масъалаҳои мушаххаси таълимӣ ҳидоят мекунад. Ҳар як супориш ба азхудкунии яке аз амалҳои дар боло зикршуда дар фаъолият нигаронида шудааст. Худи далели он, ки системаи супоришҳои пешниҳодшуда барои азхудкунии амалҳои алоҳидае, ки мо дар намуди фаъолияти нутқӣ муайян кардаем, нишон медиҳад, ки динамикаи инкишофи маҳорат ва маҳорат дар сатҳҳои рӯзафзуни маводи матнӣ таъмин карда мешавад.

Чунин ташкили маводи таълимӣ дар машқҳо, чунон ки Е.А. Ленская қайд мекунад, бо худи характери хониш ба забони хориҷӣ дар шароити таълими мактабӣ, бо диққати талаба на танҳо ба мазмун, балки

дар паҳлӯи забоншиносии он низ хос мебошад. [76, с.15]. Модели ташкили хониши мустақилона, ки мо таҳия кардаем, барои хонандагон дар ҳалли вазифаҳои проблемавӣ шароит фароҳам меорад.

Фарқи асосии байни вазифаи проблемавӣ аз вазифаи муқаррарӣ мавҷудияти зиддият дар байни донише, ки хонандагон доранд ва он чизе, ки барои ҳалли масъала зарур аст. Онҳо метавонанд барои ҳалли онҳо нокифоя бошанд, ё дониши мавҷуда бо талаботи мушкилот мухолифат кунад. Самти камтар омӯхташуда истифодаи вазифаҳои проблемавӣ дар таълими хониш мебошад. Аммо маълум аст, ки онҳо бояд дар байни усулҳои эҷодии кор бо матн ҷои сазовори худро ишғол кунанд.

Он калимаю ибораҳое, ки ҳамеша дар муошират истифода мешаванд, захираи луғавии фаъол ва луғати ғайрифаъол буда, ҳангоми гӯш кардан ё хондани китоб истифода мешаванд. Ҳар як шахс ҳам дар забони модарӣ ва ҳам дар забони хориҷӣ дорои захираи фаъол ва ғайрифаъоли луғавӣ мебошад. Ин ду навъи луғат, ҳаҷми мавҷудияти онҳо дар хонандагон дониши забонӣ ва фаъолнокии онҳоро ҳангоми муошират муайян мекунанд. Ҳарду навъи луғат барои хонандагон муҳим арзёбӣ гардида, мебояд давра ба давра дар ташаккул дода шаванд.

Аз рӯи қоида ва талаботҳои методикаи таълими забонҳои хориҷӣ оид ба таълими лексика, ҳаҷми лексикаи нави интихобшуда бояд бо вақт ва шароити дарси забони хориҷӣ (англисӣ) алоқаманд бошад. Илова бар ин, барои нафарое, ки нисбат ба дигар хонандагони синф дорои қобилияти махсус, зеҳни тез ва дониши нисбатан баланди забони англисӣ мебошанд, супоришҳои иловагии мустақилона ва инфиродӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Сарфи назар аз гуногунии методҳо, тарзу усулҳо ва воситаҳои таълим, инчунин фаровонии манбаъҳои иттилоотӣ, ки барои хонандагони ҳар синну сол дастрасанд, бояд эътироф кард. Аксар вақт ҳаҷми зиёди маводи омӯхташаванда ва корҳои хонагию мустақилона,

мавқеъи авторитарии муаллим, нотавонбиниро дар таълиму тарбияи хонандагон ба вуқуъ меорад. Омӯзгори касбӣ ва пуртаҷриба барои бартараф намудани душвориҳои ҷараёни таълим ва якрангии ҳаёти мактаббачагон, боло бурдани фаъолияти маърифатии хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонанд.

Як қатор усулҳои анъанавии таълим дар ташкилу баргузории хониши мустақилона ва ғанигардонии захираи луғавии шогирдон барои толибилмони имрӯза номувофиқанд. Илова бар ин, методҳое, ки барои қисматҳои гуногуни дарс, ҷараёни таълими забони англисӣ ва азхудкунии луғати нав дар заминаи гуфтаҳои беасос ва илман асоснаёфта амалӣ мегарданд, натиҷа дода наметавонанд. Аз ин ру, муаллимро зарур аст, ки раванди таълими маъмулию муқаррариро аз нав таҳия намуда, дар он чунин методу усулҳоеро ҷорӣ ва роҳандозӣ намояд, ки барои баланд бардоштани ҳавасмандии мактаббачагон ба таълим, ошкор намудани нерӯи шахсияти онҳо, инкишофи эҷодкорӣ ва рушди мустақилияти шогирдон мусоидат намояд.

Мувофиқи назарияи Г.И. Шукина [5] шавқовар шудани раванди дарс аз 3 ҳолати зерин вобастагӣ дорад:

- мазмуни иттилооти таълимӣ (вақте, ки ба хонанда омӯзиши маводи таълимӣ писанд аст);

- истифодаи дуруст ва бомавриди тарзу усулҳо ва методҳои таълим (роҳандозӣ гаштани методҳои муосир дар тамоми раванди таълим);

- шахсияти муаллим (агар ба шогирдон муаллими дӯстдоштаи онҳо таълим диҳад, маводи дилгиркунанда низ ба хубӣ аз худ карда мешавад).

Чи тавре ки таҷрибаҳо нишон медиҳад, аксарият хонандагон, хусусан хонандагони синфҳои 9 ва 10 (дар баъзе ҳолатҳо ҳатто синфҳо 11) матнҳои таълимиро бо забони англисӣ озод ва пурмазмун хонда

наметавонанд, бинобар ин ба ташаккули маҳорати кори мустақилона бо адабиёти бадеӣ диққати кофӣ додан хеле муҳим аст. Ҷанбаҳои пешбарандаи чунин кор малакаҳои зеринро талаб мекунад:

- муайян кардани ғояҳои асосии матн;
- муайян кардани хулосаи матн;
- пайдо кардани рӯйхати калимаҳои калидӣ;
- пайдо кардани маълумоти зарурӣ дар бораи мундариҷаи матн;
- саволҳои оддӣ гузоштан ба матни хондашуда;
- тартиб додани нақшаи қисматҳои матн;
- байни истилоҳот алоқаи дуруст мукаррар кардан/

Истифодаи шаклҳои номбаршудаи кор дар дарсҳо барои он хонандагоне, ки бо ягон сабаб вазифаи хонагии худро иҷро намекунанд, ба фаъолияти мустақилона чандон шавқу рағбат надоранд, махсусан муҳим хоҳад буд. Омӯзиши матнҳо асосан аз рӯи принсипи муайян ва мушаххас сурат мегирад. Барои бевосита ба даст овардани дониш ва малакаи муайяннамудаи стандарти таълимӣ ва вазифаи хонагӣ, барои инкишоф додани донишҳои бунёдии дарсҳои забони англисӣ, омӯзгор ба сифати мушовир ё баранда фаъолият намуда, метавонад дар вақти дилхоҳ ба таълим, иҷрои машқу супоришҳо ва азхудкунии луғати нав кӯмак расонад.

Таҳқиқотҳои илмҳои равоншиносонию педагогика ва методикаи таълим нишон медихад, ки дар дараҷаи аввал (ғайрифаъол) шахс танҳо 10% чизи хондааш дарк мекунад, 20% чизи шунидаашро, 30% чизи дидаашро дар хотир нигоҳ медорад; дар дараҷаи дуюм (фаъол) - 50% аз шунидаву дидааш, 70% аз гуфтаҳои худаш, 90% аз он чизе ки худаш анҷом додааст, такмил меёбад. Аз ин рӯ, ҳар қадаре, ки ба хонанда дар дарс мустақилият дода шавад, ҳамон қадар сатҳи эҷодкорию фаъолнокии онҳо баландтар мешавад. Барои ташаккули тафаккури эҷодӣ, пеш аз ҳама, ба талабагон истифода бурдани амалиёти ақлиро

ҳангоми омӯхтани матн ё истилоҳ омӯзондан ва баъдан омӯзонидан лозим аст.

Тавре ки амалия нишон медиҳад, чанд усулҳои муваффақу самаранок ҳангоми ташкили хониши мустақилона, коркарди иттилооти таълимӣ ва ғанигардонии захираи луғавӣ инҳоянд:

| **Мини лексия** | **Харитаи консептуалӣ ва истилоҳотӣ** |
|---|---|
| Маводи барои хониш пешниҳодшуда ба қисмҳои хурд тақсим карда мешавад. Барои ҳар яки онҳо рӯйхати калимаҳои калидӣ тартиб дода мешавад. Ҳар як калима коркард гардида, чунин ҳолатҳо пешниҳод мешавад: калимаю ибораҳои нав дар луғат навишта мешавад ва дар мавридҳои зарурӣ маънои «дуюмдарача»-и он муайян карда мешавад.<br><br>Пас аз омӯхтан ё шунидани блоки муайяни иттилоот, хонандагон бояд калимаҳои калидиро барои расонидани маънои он истифода баранд.<br><br>Барои мустаҳкам намудани ҷанбаи моҳияти лексия дар охири дарс супоришҳои инфиродӣ – варақаҳои дидактикӣ, тестҳо, масъалаҳо пешниҳод карда мешаванд. | Ин харитаи дорои калимаю ибораҳо ва истилоҳотест, ки бояд матни ҳамаҷонибаи жанрро истифода бурд – мақола дар бораи таърихи илм, ҳикоя дар бораи организм, таблиғ дар бораи ҷаҳони атроф. Ё баръакс: бо истифода аз матни параграф (қисматҳои матн) харитаи консептуалӣ ва истилоҳотӣ таҳия мегардад. Истифодаи ин усул дар охири омӯзиши мавзуъ ё қисмати ниҳоии хониши мустақилона муфид аст.<br><br>Ҳангоми ташкили кор дар гурӯҳҳо хеле қулай ва бомаврид хоҳад буд. Дар ин сурат як гурӯҳ танҳо бо сутуни якум кор мекунад — аз рӯи шартҳо ҳикоя тартиб дода мешавад; гурӯҳи дигар ҳуқуқ дорад танҳо маводи сутуни дуюм, яъне худи таърифро истифода барад, дар сеюмӣ мисолҳо медиҳад (сутуни охирин). Дар натиҷа, бо роҳҳои гуногун хониши мустақилонаро ташкил карда, машқу супоришҳоро низ метавонад истифода намояд. |

| Ҷамъоварии идеяҳо | Гиперматнҳо |
|---|---|
| Ин техника яке аз вариантҳои сохтори мушкилот мебошад. Ба аъзоёни гурӯҳ ё аҳли синф супориш дода мешавад, ки дар варақаҳои ранга бо истифода аз ручка ва фломастер дар мавзуи додашуда изҳороти кӯтоҳ ё калимаҳои калидӣ нависанд.<br><br>Сипас калимаҳои навишташударо бо лентаи дутарафа ё магнитҳо ба тахта часпонанд. Баъдан, шумо бояд кортҳоро дар асоси баъзе хусусиятҳо ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Кори паҳнкунии кортҳо барои муайян кардани робитаи байни калимаҳо, истилоҳот ва ибораҳои зикршуда кӯмак мекунад [20, с.25]. | Гиперматн маҷмӯи ҳуҷҷату маводҳои электронӣ мебошад, ки бо пайвандҳои махсус (гиперпайвандҳо) барои гузариши зуд аз як ҳуҷҷат ба маводи муайяни дигар ва ҳаракатҳои автомать дар дохили ҳуҷҷатҳо пайваст карда шудаанд. [174]. Ин ба корбарон имкон медиҳад, ки фаҳмиши пурраи мавзуъро ба даст оранд, маводи иловагӣ омӯзанд ё аз занҷири мантиқии иттилоот ҳаракат кунанд.<br><br>Ин техника барои кор кардани чунин мавзуъҳои таълимӣ муфид аст, дар ҳоле ки гиперматн муҳимтарин масъалаҳои мавзуи омухташавандаро ошкор мекунад. Матн ба блокҳои алоҳидаи калони семантикӣ тақсим карда мешавад, ки ба як қисми мушаххаси мавзуъ бахшида шудааст.<br><br>Сохтори гиперматнро (ба кисмхои семантикй таксим карда, идеяхои асосиро нишон додан) худи хонанда иҷро мекунад. |

| Панҷ ҷумла |
|---|
| Ин техника барои ба таври мухтасар баён кардани идеяҳои асосӣ оид ба мавзуи муайян кӯмак мекунад. Он метавонад барои тафтиши вазифаи хонагӣ ё ҳамчун худи вазифаи хонагӣ, инчунин барои мустаҳкам кардани маводи дар синф фаҳмондашуда истифода шавад [20, с.27].<br><br>Аз мактаббачагон хохиш карда мешавад, ки матни додашударо ба панҷ қисмат бо мафҳумҳои зерин табдил диҳанд:<br><br>– муқаддима (шарҳ медиҳанд, ки матн дар бораи чӣ аст; дар шакли ибораи умумӣ сохта шудааст, аксар вақт сарлавҳаи мақоларо истифода мебарад);<br><br>– моҳияти масъалаи дар матн пешниҳодшударо ошкор мекунад (доираи мушаххаси масъалаҳоро ошкор созанд); |

– метавонад дар шакли савол ё муроҷиат бошад (чӣ шуморо водор мекунад, ки дар бораи он ки чаро ин масъала муҳим аст, фикр кунед);

– далели нав (такрор кардан номатлуб аст) ба манфиати аҳамияти масъалаи омӯхташаванда ё ҷавоб ба саволи дар банди «3» гузошташуда;

– хулоса (ҷамъбасти натиҷаҳои супориш).

Илова ба интихоби маводе, ки ба шавқу ҳавас ва сатҳи донистани забони хонандагон мувофиқат мекунанд, бояд як ҳадафи мувофиқ ва системаи вазифаҳое вуҷуд дошта бошад, ки хоҳиши хонандагонро барои кор дар матн дастгирӣ кунад. Маҳорати методии муаллим дар ин ҷо дар хуб донистани шавқу ҳаваси мактаббачагон ва интихоби матну супоришҳое, ки ба талаботи дохилии онҳо ҷавоб медиҳанд, қобилияти гуногун карда тавонистани намудҳои фаъолият ва таъмини омодагии хонандагон ба иштирок дар онҳо зоҳир мегардад. Дар робита ба ин, вазифаҳое тавсия карда мешаванд, ки таваҷҷуҳи кӯдаконро пеш аз хондани матн таҳрик медиҳанд, аз ҷумла:

- Сарлавҳаро хонед ва муайян кунед, ки матн дар бораи чӣ хоҳад буд.

- Матнро то охир хонед ва бифаҳмед, ки рушди минбаъдаи ҳодисаҳо бо тахминҳои шумо мувофиқат кардааст ё не?

- Матнро хонед ва бигӯед, ки муаллиф ба қаҳрамонҳои худ чӣ гуна муносибат мекунад. Фикри ӯро бо фикри худ муқоиса кунед.

- Кадоме аз персонажҳо ба шумо бештар маъкул аст? Чаро?

Бисёре аз матнҳои хондашуда метавонанд барои ташаккули малака ва маҳорати нутқи шифоҳӣ асос хизмат кунанд. Дар сурати қонеъ кардани ниёзҳои маънавии онҳо, бедор кардани фикру ҳиссиёти хонандагон ва баъзе мушкилоте, ки хонандагон аз рӯи матни хондаашон баромад кардан ва мубодилаи афкор кардан мехоҳанд, комилан табиист. Дар ин ҳолат, вазифаҳои пас аз матн бояд фаъолияти нутқи кӯдаконро ҳавасманд кунанд ва хусусияти коммуникативӣ дошта бошанд.

Хусусияти муҳими матнҳо қобилияти комилан равшан муайян кардани субъекти семантикӣ (он чизе, ки дар матн гуфта мешавад) ва предикати семантикӣ (дар бораи он гуфта мешавад) мебошад.

Таҳлили навъҳои саволҳое, ки мо баррасӣ кардем, нишон медиҳад, ки баъзе аз ин саволҳоро метавон фавран пас аз шиносой бо сарлавҳа, баъзеи дигар ҳангоми хондан ва баъзеи дигарро танҳо баъди шинос шудан бо тамоми матн додан мумкин аст.

Хоҳиши таъмини ҳаҷми бештари амалияи муошырати шифоҳӣ дар забони омухташаванда муаллимонро водор мекунад, ки барои чунин амалия аз кучактарин имконият истифода баранд, хусусан азбаски худи матн барои ин шароити мусоид фароҳам меоварад. Дар асоси матн, шумо бояд кӯшиш кунед, ки саволҳо диҳед ва ба онҳо ҷавоб диҳед.

Марҳилаи муҳими кор мониторинги фаҳмиши матнҳо мебошад. Барои он ки ин гуна назорат мақсади худро иҷро кунад – ба талаба нишон диҳад, ки ӯ ба кадом дараҷаи таълим муяссар шудааст, ба муаллим маълум гардад, ки вай натиҷаи дилхоҳ гирифтааст ё не, назоратро дуруст ташкил кардан лозим аст. Ин, пеш аз ҳама, дуруст муайян кардани объектҳои назоратро дорад.

Ба сифати объекти назорати ниҳоии рушди қобилияти хондани матни забони хориҷӣ малакаҳои зерин метавонанд истифода шаванд:

а) мақсади мутолиаи матни мушаххасро дарк намуда, стратегияи мутолиаеро, ки ба ин мақсад мувофиқ аст, интихоб намоед, суръати хонишро тағйир диҳед;

б) тақсим кардани таваҷҷуҳ байни мазмун ва шакли матн (аз ҷумла маводи забонии он);

в) аниқ шинохти хусусиятҳои забони пештар дар матн воҳидҳо, фикрҳо, ҳолатҳои ҳаётӣ, маълумоти илмӣ ва ғайра;

г) дар мавҳудияти дастгирӣ мустақилона калимаҳои ношиносро маъной созад;

ғ) таҳлили семантикии матн бо нишон додани чизҳои асосӣ, нав, эътимоднок ва фоиданоки он;

д) коркарди маълумоти аз матн гирифташуда бо мақсади дар оянда истифода бурдани он.

Муваффақияти назорат ба усулҳои дуруст интихоб кардашудаи назорат низ вобаста аст. Чунин усулҳо, чунон ки маълум аст, нақл кардан, савол додан дар бораи матн ва ҷавоб додан ба саволҳои муаллим, муайян кардани мавзуи матн ва предикат, санҷиши фаҳмиш бо роҳи интихоби як қатор изҳоротҳои додашуда, ки ба матн мувофиқанд, инчунин хулосабарориро дар бар мегиранд. ва шарҳи матн. Интихоби усули назорат муҳим аст, ки ба шумо имкон медиҳад, ки бифаҳмед, ки оё хонанда метавонад бо душвориҳои навъи матни додашуда мубориза барад ва дастгирии онро пайдо кунад.

Дар ташкили хониши хонагӣ, тавре ки аллакай зикр гардид, ду марҳила ҷудо карда мешавад: марҳилаи якум – худи мутолиа ҳамчун раванди истихроҷи иттилоот аз матн ва марҳилаи дуюм – сӯҳбат дар асоси маводи хониши хонагӣ. Мавҷудияти ду марҳилаи номбаршуда дар ташкили хониши хонагӣ инчунин ду равишро барои назорати хониш муайян мекунад:

1) назорат ҳамчун воситаи тафтиши фаҳмиши иттилооти дар матн мавҷудбуда;

2) назорат-мубоҳиса ҳамчун воситаи инкишофи нутқ аз рӯи мазмуни матн.

Дар ҳолати якум назорат ба азхудкунии мазмуни матн нигаронида шудааст, ки амалиёти назорат барои дарки ҳодисаҳо ва муҳити ба амал омадани ҳодисахои дар матн тасвиршуда ва ошкор намудани ҳарактери актёрҳо кумак мерасонад. Системаи усулҳои мониторинги фаҳмиши матнро дар ин марҳила метавон дар шакли вазифаҳои зерин пешниҳод кард:

а) қисмҳои асосии маънoии матнро номбар кунед;

б) ҷумлаҳоеро, ки мақоми асосии қисмҳои алоҳидаи матнро ифода мекунанд, ёфтан (навиштан);

в) он пораҳоеро аз матн, ки ин ё он персонажро тавсиф мекунанд, хондан (навиштан);

г) ҷумлаҳои тасдиқ ё инкорро ёфтан (навиштан).

андешаи муайян;

г) ҳама аломатҳоро бо навбат номбар кунед;

д) бо тартиби номбар кардани ҳамаи ҷойҳои амали дар матн зикршуда;

ж) ба саволҳо ҷавоб диҳед.

Бояд гуфт, ки саволҳо дар ин маврид ҳам мисли ҳамаи вазифаҳои пештара бояд ба ақида намудани мазмуни умумии матн ё ҷузъҳои алоҳидаи он равона карда шаванд. Ҳамаи вазифаҳои номбаршуда то ҳадди имкон содда карда шудаанд ва тамоми диққат танҳо ба мундариҷа нигаронида шудааст. Онҳо метавонанд ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ, мувофиқи дастури муаллим анҷом дода шаванд.

Ин системаи назорат бояд то ҳадди имкон ба худидоракунии хонанда нигаронида шавад. Дар ин ҳолат, супоришҳои назоратӣ метавонанд пеш аз хондан ё баъд аз хондан ба хонанда расонида шаванд.

Дар ҳолати аввал, фикру мулоҳизаҳои назоратӣ дар ҷараёни хониш сурат мегиранд ва ба пурратар дарки иттилооти матн мусоидат мекунанд.

Дар равиши дуюм ба ташкили назорати хониши хонагӣ, фаҳмидани матн танҳо як қисми вазифа, омодагӣ ба марҳилаи навбатӣ - барои сӯҳбат дар бораи он чизе, ки хонда шудааст, мебошад.

Аслан, ин равиши дуюм ба назорати хониш бештар машқ дар гуфтор аст, на дар хондан. Муҳокима фаҳмидани мундариҷаи матнро пешбинӣ мекунад; Мундариҷаи даркшуда барои сохтани сӯҳбатҳо,

паёмҳо, моделсозии амалҳои шартии нутқ, баёни ҳукм, ифодаи муносибатҳо, эҳсосот ва ғ.

Машқҳои ташкили суҳбат аз рӯи чизи хондашуда бояд як қатор вазифаҳое бошанд, ки ба тадриҷан гузаштан аз нутки тайёр ба нутқи тайёрнашуда нигаронида шудаанд. Ин системаи машқҳо бояд аз ҳар ҷиҳат ба аниқ кардани муносибатҳои байни ҳарактерҳо, ба ошкор ва баҳо додан ба ангезаҳои амалиёти онҳо нигаронида шавад.

Дар ин ҷо вазифаҳои зерин имконпазиранд:

а) мазмуни эпизодхои алохидаро аз матн баён кунад;

б) нақл кунед, ки қаҳрамони ҳикоя дар вазъияти додашуда чӣ гуна рафтор кардааст.

в) ба ин ё он қаҳрамони достон характеристика медиҳад;

г) вақт, ҷой ва шароити амалро тавсиф мекунад;

г) мақсади муаллифро шарҳ медиҳад;

д) ба саволҳо ҷавоб дода, дар ҷавоб нуқтаи назари худро оид ба масъалаи ба миён гузошташударо баён намояд;

ж) шарҳи ҳодиса, эпизод ё амали дар он мавҷудбуда матн;

в) ба амали персонажҳои дар матн тавсифшуда баҳои муфассал диҳад.

Мутолиаи адабиёти бадеӣ дар забони омӯхташаванда дар рушди нутқи шифоҳӣ нақши муҳим мебозад, захираи луғавиро ғанӣ мегардонад, касро бо фарҳанги кишвари забони омӯхташаванда ба маънои васеъаш ошно мекунад.

Мақсади асосии хониши мустақил ин гирифтани маълумот аз матнҳои забони омӯхташаванда мебошад. Дар баробари ин хониши мунтазам ва ба нақшагирифтаи хонагӣ сарчашма ва воситаи муҳими зиёд кардани захираи луғат ва ташаккули маҳорати нутқи шифоҳии хонандагон мебошад. Хониши мустақилонаи адабиёти англисзабон, ки ба имкониятхои талабагон дохил аст, бояд ҷузъи ҷудонашавандаи

раванди омӯзиши забони англисӣ мебошад. Мутолиаи мустақилонаи асарҳои бадеии кишвари забони омӯзишшаванда ҷанбаи муҳим ва таркибии раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ мегардад.

Интихоб маҷмуи машқҳо ва супоришҳо барои азхудкунии луғати нави забони англисӣ ҳангоми хониши мустақилона, ба ҷанбаҳои гуногуни ин раванд метавонад таъсири калон расонад. Бо ҳамин мақсад зарурат ба миён меояд, ки ба пешниҳоди машқу супоришҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд. Дар баробари китобҳои дарсии забони англисӣ, вобаста ба равияҳои гуногун, матнҳои хонишро мебояд ба хонандагон пешниҳод намуд.

Китобҳои дарсӣ, бадеӣ ва маводҳои таълимӣ методие, ки аз ташхису экспертиза ва назари мутахассисони соҳаҳои педагогика, психология ва методика гузаштаанд ва ба талаботҳо ҷавобгӯ мебошанд, бештар мавриди истифода қарор додан зарур аст. Ин суханон асосан ба китобҳои бадеӣ ва жанрҳои гуногун аз забони англисӣ дахл доранд.

Ҳангоми таҳияи ин қисмати зерини кори илмӣ, аз ҷониби диссертант як дастури таълимӣ, вобаста ба масъалаи таҳқиқ таҳия ва рӯи чоп омад.

Дар рафти тадқиқоти илмӣ машқҳои таълимӣ таҳия гардида, баъдан дар вақти ташкил ва баргузории озмоиши таҷрибавӣ мавриди истифоди васеъ қарор гирифтааст. Маҳз дар заминаи интихоб, таҳия ва мураттаб сохтани матнҳои гуногунжанр, машқҳои забонӣ, шартӣ-нутқӣ ва нутқӣ аввал вазъи азхудкунии луғатҳои хориҷӣ дар вақти ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ муайян карда шуда, баъдан мавриди истифодаи васеъ  қарор мегирад.

# ХУЛОСАИ БОБИ ДУЮМ

Таҳқиқу омӯзиши моҳияти хониши мустақилона, ҷамбаҳои амалӣ, роҳандозӣ ва баррасии он ҳамчун як намуди фаъолияти мустақили таълимӣ, инчунин роҳҳои ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ фарогир дар боби мазкур буд. Қисмати амалии таҳқиқот дар боби дуюм дарҷ гардида, назарияҳо, ақидаҳо ва таҳлилҳои қисмати назариявии кор ба таври амалӣ, ҳангоми гузаронидани пусришномаю сӯҳбатҳо бо хонандагону омӯзгорон хулосабабрирӣ карда шуд.

Дар се зербоб масъалаҳои вобаста ба интихоби матни хониш, методҳои ташкили хониши мустақилона, системаи машқу супоришҳо дар асоси хониши матн ва барои азхудкунии луғати нав, роҳҳои ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ мавриди барраию таҳқиқ қарор гирифт.

Мушоҳидаю таҳлилҳо нишон дод, ки мутолиаи матнҳои аслии дорои хусусияти забонӣ ва минтақавӣ барои баланд бардоштани ҳавасмандии муоширатӣ ва маърифатӣ мусоидат мекунад; салоҳияти забонӣ ва фарҳангиро инкишоф медиҳад; ба ҳолати равонӣ ва эмотсионалии хонандагон таъсири мусбат мерасонад; имкони дастрасии ҳамзамон ба забон ва фарҳангро фароҳам меорад. Ташкили дурусти хониши мустақилона ва ҳавасманд намудани хонандугон ба ин навъи фаъолияти таълимӣ ба мо имконият медиҳад, ки яке аз мушкилоти дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро вобаста ба омӯзиши забони англисӣ, рушди салоҳияти муоширатии хонандагонро самаранок ҳал намоем. Монеаҳои дарку фаҳмиши нутқи шунидашуда, матни хондашуда ва умуман мураккабии ин ҷараёни психологиро метавон тавассути роҳандозии хониши мустақилона рафъ намуд.

Мушкилоте, ки мо ҳангоми азхудкунии маҳорати мутолиаи мустақилона муайян кардем, барои таҳияи талабот оид ба интихоб ва ташкили маводи матнӣ барои хониши мустақилонаи хонандагони синфҳои болоӣ асос гардид. Масъалаи мазкур дар зербоби 2.1.-и кор

“Меъёру талаботҳо оид ба интихоби матни хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ” дарҷ гардида, интихоби матну асарҳо барои хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ пешниҳод гардидааст. Аз ҷумла, вобаста ба синну сол, майлу рағбат ва таваҷҷуҳи хонандагон се намуди ҳавасмандгардонии хонандагон (*навгонии мундариҷаи маводди таълимӣ, такмили донишҳои пешина ва омӯзиши ҳамгиро*) ҳангоми интихоби матн ва рушди муошировати байнифарҳангӣ оварда шудааст. Ҳамчунин, барои таълими стратегияҳои фаҳмиши хониш баъзе омилҳои муҳим (*мураккабии матн, ҷалбсозӣ ва шавқмандсозӣ, мушкилоти консептуалӣ, ҳадафи таълимӣ дар матн ва ғайра*) пешниҳод шудаанд.

Методҳои ташкили хониши мустақилона дар зербоби 2.2. “*Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ*” оварда шуда, панҷ талаботи баргузор намудани ин навъи фаъолият (*мақсадгузорӣ, шавқмандсозии доимӣ, низомнокӣ, таҳлилу мулоҳизаронӣ, робитаи пайваста*) муҳим дониста шудааст. Талаботҳои болозикр дар баробари ташкили самараноки раванди хониши мустақилона, ҳамчунин барои васеъ намудани захираи луғавии хонандагон, азхудкунии донишҳои бунёдии забонӣ, ташаккули тафаккури интиқодии шогирдон мусоидат мекунанд.

Се марҳилаи ташкили раванди хониши мустақилона (*марҳилаи омодагӣ* (*Pre-reading period*), *марҳилаи асосӣ* (*While-reading period*), *марҳилаи ниҳоӣ* (*Post-reading period*)) ва намудҳои фаъолият (*фаъолиятҳои инфиродӣ* (*Individual Activities*), *фаъолиятҳои синфӣ* (*Classroom Activities*), *хониши матн* (*Reading the text*), *кор бо лексика* (*Lexical tasks*), *таҳлили матн* (*Text analyzing*), *машқҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ* (*Individual and group exercises*), *муҳокимаи синфии матн* (*Classroom discussion of the text*) ва ғайра) дар ҳар як марҳила дар зербоби мазкур ба таври мушаххас дарҷ гардида, роҳҳои ташкили

хониши мустақилона ва ҷабли шогирдонро ба ин навъи фаъолият нишон медиҳад.

Яке аз масъалаҳои таҳқиқоти мо, ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ ба шумор рафта, зербоби 2.3.-и диссертатсия "Системаи машқҳо барои ғанигардонии захираи луғавӣ дар асоси хониши мустақилона аз забони англисӣ" ба ин масъала бахшида шудааст. Таснифоти машқу супоришҳо, намудҳои фаъолияти таълимӣ дар заминаи хониши мустақилона аз забони англисӣ дар ин зербоб баррасӣ гардидааст.

Ҳамчунин, талаботҳо, принсипҳои интихоб ва роҳҳои истифодаи машқу супоришҳо дар раванди хониши мустақилона, таъсири онҳо ба азхудкунии луғати нав ва ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ дар ин қисмати кор баррасӣ гаштааст.

# БОБИ 3. ТАШКИЛИ ОЗМОИШИ ТАҶРИБАВӢ ВА ТАҲЛИЛИ НАТИҶАҲОИ ОН

## 3.1 Ташкили озмоиши таҷрибавӣ аз рӯйи масъалаҳои мавриди таҳқиқ

Дар қисмати аввали кор, ки хусусияти назариявӣ дошт, дар баробори муайян намудани мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот, инчунин, фарзияи масъалаи таҳқиқ низ пешниҳод гардидааст. Дар қисмати амалии кор, як қисмати вазифаҳои гузошташуда татбиқ гардида, натиҷаҳои зиёде ба даст оварда шуданд. Камбудию мушкилотҳои самти таҳқиқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, бо мақсади ҳалли онҳо тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардид.

Боби сеюми кор, ки қисмати ҷамъбастии кор ба шумор рафта, бо мақсади исботи фарзияи пешниҳодшуда натиҷаи озмоиши таҷрибавиро инъикос менамояд. Дар ин замина хулосаҳои ниҳоии таҳқиқот пешниҳод мегарданд. Қисмати мазкури диссертатсия таҳлилу баррасии таҳқиқотро дар ду зербоб ба таври амиқ дар ҷадвалу диаграммаҳо инъикос менамояд.

Зербоби мазкур марҳилаи ниҳоӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои умумии таҳқиқот, раванди баргузорӣ ва натиҷагирӣ аз озмоиши таҷрибавӣ (экспериментали)-ро, ки дар заминаи метод ва тарзу усулҳои пешниҳодшуда вобаста ба ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ ва роҳҳои ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ анҷом дода шудаанд, таҷассум менамояд. Истифодаи амалии намудҳои гуногуни фаъолият ва машқу супоришҳо дар ҷараёни озмоиши таҷрибавӣ нишон медиҳад, ки то кадом андоза онҳо дар раванди хониши мустақилона самарабахш буда, барои ғанигардонии захираи луғавии хонандагон чӣ гуна афзалият доранд.

**Мақсади** озмоиши таҷрибавӣ аз ошкорсозии амиқи мушкилоти мавҷуда ҳангоми ташкили хониши мустақилона, роҳҳои ғанигардонии

захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муайян намудани самаранокии метод ва тарзу усулҳои пешниҳодшуда вобаста ба масъалаи таҳқиқ иборат мебошад.

Барои расидан ба мақсади гузоштаашуда, дар рафти озмоиши таҷрибавӣ иҷрои **вазифаҳои зерин** зарур мебошанд:

- Омӯзиш ва таҳлили вазъи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ бо дарназардошти ғанигардонии захираи луғавии хонандагон дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Мушаххас ва муайян сохтани мушкилоти ҷойдошта ҳангоми ташкили хониши мустақилона дар ҷараёни таълими забони англисӣ.
- Тарҳрезӣ намудани нақшаи гузаронидани озмоиши таҷрибавӣ дар заминаи масъалаи таҳқиқ.
- Баргузории озмоиши таҷрибавӣ бо ташкил намудани гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ дар синфҳои болоии МТМУ.
- Таҳлили натиҷаи озмоиши таҷрибавӣ ва пешниҳоди хулосаҳои зарурӣ дар хусуси исботи фарзияи таҳқиқот.

**Методҳои гузаронидани озмоиши таҷрибавӣ.** Дар вақти ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти мазкур методҳои зерин истифода карда шуданд: таҳлили адабиёти зарурӣ (адабиёти илмӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, асарҳои илмӣ аз методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, илмҳои педагогика ва психология, сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва таълимӣ), пурсишномаҳо, саволу ҷавоб, назорат, мушоҳида, муқоиса, таҳлили натиҷаҳо, муайянкунӣ ва хулосабарорӣ.

**Марҳилаҳои озмоиши таҷрибавӣ.** Озмоиши таҷрибавӣ дар давоми панҷ сол (2020-2024) дар се марҳила гузаронида шуд: марҳилаи аввал – **муқарраркунанда** (солҳои 2020-2021); марҳилаи дуюм – **ташаккулдиҳанда** (солҳои 2022-2023); марҳилаи сеюм – **ҷамъбастӣ** (солҳои 2023-2024).

**Макони баргузории озмоиши таҷрибавӣ.** Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ва тибқи талаботҳои мавҷуда оғоз намудан ва ҷамъбаст сохтани таҳқиқот, ҷараёни он чунин сурат гирифт: қисмати назариявии таҳқиқот дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом ёфта, корҳои амалӣ ва озмоиши таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

**Марҳилаи муқарраркунанда (2020-2021).** Дар марҳилаи мазкур ҳолати кунунии масъалаи таҳқиқшаванда дар назария омӯхта шуда, шароити ташкил ва баргузории хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ, ваъзи таълим ва таваҷҷуҳ ба азхудкунии луғат ва ғанидардонии захираи луғавии хонандагон, фардикунонии раванди таълим, омӯзиши мустақилонаи маводҳои иловагӣ аз забони англисӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Бо мақсади хубтар ворид гаштан ба масъала монография, диссертатсияҳо, асарҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ мавриди мутолиа, омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт. Таҷриба, фикру ақида ва назари муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки дар маводҳои болозикр дарҷ гардидаанд, дар диссертатсия иқтибос шудаанд.

Таҳлилу омӯзиши барномаи таълимии забони англисӣ барои синфҳои болоӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои хониши хонагӣ, луғатномаҳо, фарҳангҳо ва дигар маводҳои самти омӯзиши забони англисӣ дар синфҳои болоии МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қисмати назариявии таҳқиқот заминаи устувор гузошт.

Назорат ва мушоҳидаи фаъолияти забономӯзии хонандагон, ташкили хониши хонагӣ ва мустақилона дар шакли машғулиятҳои беруназсинфӣ, таълими техникаҳои хониш ва намудҳои гуногуни он, истифодаи машқу супоришҳо оид ба азхудкунии луғат, методҳо ва роҳу

усулҳои ташкили раванди дарсҳои забони англисӣ барои мо ҳолати мавҷуда ва мушкилоти масъалаи таҳқиқро ошкор сохт.

Дар ин марҳилаи таҳқиқот диссертант бо омӯзгорони забони англисӣ ва хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таълимӣ ҳамкории зичро ба роҳ монд. Бо вуҷуди таҷрибаи зиёди педагогӣ ва роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии омӯзгории донишҷӯён дар МТМУ, унвонҷӯ ба дарсҳои муаллимони забони англисӣ дар синфҳои болоӣ иштирок намуда, ваъзи азхудкунии луғат, ташаккули маҳорати хониш, роҳҳои рушди салоҳияти муоширатиро муайян менамуд.

Суҳбату нишастҳо, саволу ҷавоб ва мулоҳизаронӣ бо хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боз ҳам вазъиятро вобаста ба масъалаи мавриди назар равшантар сохт. Муайян карда шуд, ки рафти дарсҳои забони англисӣ на танҳо бо забони давлатӣ, балки бо забони англисӣ низ сурат мегиранд. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки фаъолнокии хонандагон дар дарсҳои забони англисӣ гуногун буда, сатҳи тайёрӣ ба дарсҳо, донишҳои забонӣ, маҳорати муоширатӣ ва ҳозирҷавобии шогирдон дар вақти баромад бо забони англисӣ ва натиҷаи умумии забономӯзии хонандагон аз шароит ва маҳорати касбии омӯзгорон то ҷое вобастагӣ дорад.

Бо мақсади муайян намудани муваффақият ва мушкилоти раванди таълими забони англисӣ, махсусан, ҳолати ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ ва рафти луғатомӯзии шогирдон, гузаронидани пурсишнома зарурат ба амал овард.

Барои омӯзгорони забони англисӣ пурсишномаи, иборат аз 30 савол таҳия гардид. Мазмунан, пурсишномаи омӯзгорон ду масъаларо дар бар мегирифт: ташкили хониши мустақилона ва рафти азхудкунии луғатҳои забони англисӣ дар синфҳои болоӣ.

Барои хонандагон ду пурсишнома таҳия карда шуда, ҳар кадоме аз аз 25 савол иборат буд. Саволҳо ва масъалагузорӣ дар ҳарду пурсишномаҳо тақрибан як буда, муайянкунии ҳолати ташкили хониши мустақилона, ҷалб ва ҳавасмандии хонандагон ба ин намуди фаъолиятро дар бар мегирифт. Ҳамчунин, масъалаи шароити азхудкунии луғатҳои навро дар заминаи матнҳои мутолиашуда, пешниҳоди машқу супоришҳо ба хонандагон барои ғанигардонии захираи луғавӣ низ дар пурсишномаҳо инъикос меёфтанд. Сабаби барои хонандагон таҳия шудани ду пурсишномаи тақрибан монанд аз он иборат буд, ки яке аз онҳо дар марҳилаи аввали таҳқиқот гузаронида шуда, пурсишномаи дуюм дар ҳангоми ба итмом расидани озмоиши таҷрибавӣ гузаронида шавад.

Пурсишнома дар миёни муаллимони забони англисӣ ва хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таълимии чор ноҳияи шаҳри Душанбе (МТМУ №101 н. Сино, МТМУ №24 н. Фирдавсӣ, МТМУ №8, н. И.Сомонӣ, МТМУ №23 н. Шоҳмансур) ва дигар шаҳру ноҳияи кишвар (МТМУ №32 н. Фархор, МТМУ №53 н. Варзоб, МТМУ №11 ш. Роғун, МТМУ №20 н. Айнӣ ,МТМУ №1 н.Ҳамадонӣ, МТМУ №14, н.Дарғара, МТМУ №8 н.Рашт, МТМУ №1 ш.Истаравшан) гузаронида шуд. Дар ин раванд 75 омӯзгори забони англисӣ ва 2200 хонандагони синфҳои 10-11 аз МТМУ шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияи кишвар иштирок карданд.

Баёни фикру ақидаи омӯзгорон ва хонандагон дар пурсишнома ба таври махфӣ (бе нишон додани ному насаб), холисона сурат гирифт. Ин талабот ба мо имкон дод, ки аз ҳолати воқеии раванди омӯзиши забони англисӣ ва масъалаҳои ба миён гузошташуда дақиқ огоҳӣ пайдо намуда, аз пайи ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли камбудиҳо шавем.

Натиҷаи пурсишнома нишон дод, ки вазъи ба роҳ мондани хониши мустақилона дар муассисаҳои таҳсилоти миёна умумӣ нисбат ба 10 соли

охир нисбатан беҳтар гаштааст, аммо ин кор боз ҳам беҳбудӣ талаб мекунад.

Дар барномаи таълимии фанни «Забони англисӣ» ташкили хониши хонагӣ ё мустақилона барои хонандагон ба нақша гирифта нашудааст. Намудҳои фаъолият ё корҳои мустақилона аз забони англисӣ дар МТМУ хеле маҳдуд буда, принсипи фардикунонии раванди таълим татбиқ намегардад. Асосан, навъҳои зерини фаъолияти мустақилона, ба монанди субҳат дар мавзуи озод (My family, My best friend, Our school, Our English classroom, Seasons ва ғ.), навиштани матн дар ҳаҷми 15-20 ҷумла, дар мавзуъҳои муайян, иншои озод ё эссей (essay) навиштан, пешниҳоди реферат ва амсоли инҳо талаб карда мешаванд. Мутаассифона, ин намуди фаъолиятҳо наметавонанд комилан хонандагони синфҳои болоиро бо донишҳои зарурӣ аз забони англисӣ таъмин намуда, онҳоро ба фаъолияти мустақилона водор созанд.

Расман ба роҳ мондани хониши хонагӣ ё мустақилона аз фанҳои «Забони хориҷӣ» дар синфҳои болоӣ (синфҳои 10-11) метавонад ба омода шудани хатмкунандагони МТМУ барои дохил шудан ва таҳсил дар мактабҳои олӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, васеъ гаштани доираи донишҳо, малакаю маҳорат ва маҷмуи салоҳиятҳои зарурӣ ба шогирдон имконият медиҳанд, ки онҳо таҳсили худро баъди хатми МТМУ дар донишгоҳҳои давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон идома диҳанд.

Таҳлили пурсишнома, мушоҳидаи раванди дарсҳои забони англисӣ дар МТМУ, суҳбату мулоҳизаҳо бо омӯзгорону хонандагон нишон дод, ки баъзе омӯзгорон барои ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ чандон таваҷҷуҳ надоранд. Онҳо машқу супоришҳо ва корҳои инфиродиро дар доираи мавзуъҳои дарсӣ ба хонандагон пешниҳод месозанд.

Натиҷаи пурсишномаи хонандагон низ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар МТМУ ташкили хониши мустақилона аз фанни забони англисӣ хеле

кам ба назар расида, натиҷагирӣ аз он дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намегардад. Омӯзгороне, ки хонандагон ба хониши хонагӣ ё мустақилона ҷалб месозанд, дар баъзе мавридҳо онҳоро беназорат мегузоранд. Инчунин, ташкили азхудкунии луғат, ғанигардонии захираи луғавии хонандагон, роҳҳои истифодаи амалии лексикаи азхудшуда танҳо дар ҷараёни дарсҳо сурат мегирад.

Дар аввал мехостем, натиҷаи пурсишномаи омӯзгоронро баррасӣ намуда, чанде аз посуххои онро бо нишондоди фоиз пешниҳод созем. Таҳлили мазкур имкон медиҳад, ки гуфтаҳои боло то кадом андоза асоси воқеӣ доранд ва кор дар ин самт чигуна аст.

Саволҳои аввали пурсишнома атрофи хониши мустақилона, аҳаммияти ташкили он, тарзи ташкили хониши мустақилона буда, оид ба пешниҳоди навъҳои маводди хониш, жанри асарҳо ва таваҷҷуҳи шогирдон ба ин раванд посухи омӯзгоронро талаб мекард.

Аз шумораи умумии омӯзгорони ширкатдошта пурсишнома ба саволи якум «Шумо аҳаммияти хониши мустақилонаро дар ҷараёни таълими забони англисӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?» ҷавоб дода, 80% бар он ақидаанд, ки «Хониши мустақилона дар ин раванд мавқеи муҳимро касб мекунад». 20%-и омӯзгорони дигар ҷавоби «Ташкили хониши мустақилона дар ин раванд хуб аст»-ро интихоб карданд. Ба саволи дуюми пурсишнома – «Шумо дар раванди таълими забони англисӣ чанд маротиба хониши мустақилона ташкил мекунед?», ҷавоби омӯзгорон чунин буд: «Ҳафтае як маротиба» 11%, «Ҳар моҳ як-ду маротиба» 34%, «Гоҳ-гоҳ (як маротиба дар ду-се моҳ)» 52%, «Ҳеҷ гоҳ» 3%.

Ба саволи панҷум, ки нисбатан зарурӣ арзёбӣ мешавад – «Хонандагон ба хониши мустақилонаи забони англисӣ то чӣ андоза таваҷҷуҳ доранд?», посухи омӯзгорон чунин буд: «Онҳо ба ин кор бо шавқ муносибат мекунанд» 14%, «Баъзеи онҳо ба мутолиаи китобҳои англисӣ машғуланд» 22%, «Хеле каманд нафароне, ки ба хониш таваҷҷуҳ

кунанд» 62%, «Хонандагон ба хониши матнҳои англисӣ таваҷҷуҳ надоранд» 2%.

Посухи омӯзгорон ба саволи дувоздаҳум – «Дар ташкили хониши мустақилона кадом монеаҳоро мебинед?» низ натиҷаи посуххо чунин аст: «Набудани вақти холигӣ барои корҳои иловагӣ берун аз дарс» 11%, «Таваҷҷуҳи пасти хонандагон ба хондан ва забономӯзӣ» 68%, «Шумораи нокифояи матнҳои мувофиқ ба таълим» 8%, «Набудани китобҳои хониш ва порчаҳои матнҳои англисӣ» 13%.

Омӯзгорон ба саволи ҳаждаҳум – «Ба назари шумо, кадом ҷанбаҳо ва омилҳо метавонанд асосии ҳавасмандгардонии хонандагон ба мутолиаи китобҳо ба забони англисӣ мегарданд?» чунин ҷавоб доданд: «Метод ва тарзи таълими омӯзгори фаннӣ» 24%, «Ҷолибияти маводди хониш» 17%, «Ҳавасмандии дохилӣ ва берунаи худи хонанда» 13%, «Дигар вариант (муайян кунед)» 54%.

Агар натиҷаи саволномаи якумро таҳлил намоем, пас метавон мушоҳида намуд, ки 52% омӯзгорон посухи «Гоҳ-гоҳ (як маротиба дар ду-се моҳ)» ташкил намудани хониши мустақилонаро интихоб намуда, танҳо 11%-и онҳо ҷавоб доданд, ки ҳафтае як маротиба хониши мустақилона дар муассисаи таълимӣ ташкил карда мешавад. Шахсе, ки дар ташкили хониши мустақилона ва ҷалби хонандагон ба ин навъи фаъолияти таълимӣ бояд масъулияти зиёд ҳис кунад, албатта, муллими фаннӣ мебошад. Ҳадди ақал дар як моҳ як ё ду маротиба ташкили машғулияти беруназсинфӣ, вобаста ба хониши мустақилона, хеле хуб аст, аммо гоҳ-гоҳ ташкил кардан ё умуман ҷалб накардани хонандагон ба хониш, номумкин аст.

Дар хусуси натиҷаи посух ба саволи панҷум метавон чунин хулосабарорӣ кард, ки нафарони ба хониш камтаваҷҷуҳро бо роҳу усулҳои гуногун ҷалб ва шавқманд сохтан мумкин аст. 62% омӯзгорон бар он ақидаанд, ки таваҷҷуҳи хонандагон ба хондан кам аст. Дар посух

ба саволи дувоздаҳум низ фоизи зиёди омӯзгорон (68%) таваҷҷуҳи пасти хонандагон сабаб ё монеа дар ташкили хониши мустақилона медонанд. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки дар ҳама минтақаҳои мамлакат хонандагонро дар доираи дарку фаҳмиш ва дониши онҳо ба хондан ҷалб намудан мумкин аст. Албатта, сатҳи забони англисии хонандагони МТМУ дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат гуногун мебошад, аммо бо дарназардошти сатҳи забондонии хонандагон ташкили хониши мустақилона хеле муҳим мебошад.

Дар ҷавоб ба саволи ҳаждаҳуми пурсишнома, вобаста ба ҷанбаҳо ва омилҳои асосии ҳавасмандгардонии хонандагон ба хондан, 54%-и омӯзгорон фикру ақидаҳои гуногунро пеш оварданд. Аксарияти онҳо чунин андеша доранд, ки таваҷҷуҳи хонандагонро аз таълим технологияҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ дур месозанд, лекин онҳоро метавон бо истифода аз технологияҳо ва сомонаҳои таълимӣ ба хондани китобҳои англисӣ ҷалб намуд. Мо низ бар ақидаем, ки он чизе ки зери таваҷҷуҳи хонандагон қарор дорад, метавон ҳамчун воситае барои омӯзиши илму дониш барои худи хонандагон истифода намуд.

Бо мақсади амиқ муайян намудани мавқеи хонандагон вобаста ба масъалаи таҳқиқ, барои шогирдон ду пурсишнома таҳия гардид. Якум пурсишнома дар ҳамин марҳилаи таҳқиқот гузаронида шуда, пурсишномаи дуюм дар марҳилаи минбаъда гузаронида шуда, таҳлили он оварда мешавад.

Аз натиҷаи умумии пурсишнома танҳо посухи хонандагон ба ҳашт саволномаи он дар ҷадвал пешниҳод гардида, ба таври мухтасар таҳлил мегардад.

**Ҷадвали 6.**

**Натиҷаи**
**пурсишномаи хонандагон дар хусуси ташкили хониши мустақилона ва аҳаммияти он дар ғанигардонии захираи луғавӣ ва рушди дониши хонандагон аз забони англисӣ**

| № | Саволҳои пешниҳодшуда | | | Ҷавоби хонандагон (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | **Шумо мустақилона ба забони англисӣ китоб ё матне мехонед?** | | | |
| | Бале, қариб, ки ҳар рӯз | | | 11% |
| | Бале, якчанд маротиба дар як ҳафта | | | 16% |
| | Гоҳ-гоҳ мехонам | | | 60% |
| | Ҳеҷ гоҳ намехонам | | | 13% |
| 2. | **Ба фикри шумо хондани китоб ё матнҳо ба забони англисӣ барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои забони англисӣ то чӣ андоза муҳим аст?** | | | |
| | Хеле муҳим аст | | | 27% |
| | Муҳим аст | | | 52% |
| | На он қадар муҳим аст | | | 14% |
| | Муҳим нест | | | 7% |
| 3. | **Муаллими забони англисӣ чанд маротиба дарси “хондани хонагӣ / мустақилона”-ро ташкил мекунад?** | | | |
| | Зуд-зуд ( А. ҳар ҳафта, Б. ҳар моҳ) | | 10% | 17% |
| | Баъзан ( А. ҳар чоряк, Б. ҳар нимсола) | | 14% | 20% |
| | Гоҳ-гоҳ | | | 30% |
| | Ҳеҷ гоҳ | | | 9% |
| 4. | **Ҳангоми хондани матнҳо бо забони англисӣ шумо чӣ гуна мушкилотро эҳсос мекунед?** | | | |
| | Надонистани калимаҳо | | | 41% |
| | Грамматикаи мураккаб | | | 20% |
| | Набудани матнҳои ҷолиб | | | 17% |
| | Набудани вақт | | | 13% |
| | Набудани шавқу ҳавас | | | 9% |
| 5. | **Шуморо ки ё чи ба омӯзиши забони англисӣ, хондани матну китобҳо бо ин забон ва такмили донишу маҳорати забони англисӣ ҳавасманд месозад?** | | | |
| | Бисёр вақт: а) дарс; б) муаллим; в) таҳсил ё сафар ба хориҷа | 7% | 11% | 22% |

Идомаи ҷадвали 6

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Баъзан вақт: а) дарс; б) муаллим; в) таҳсил ё сафар ба хориҷа | 9% | 13% | 21% |
| | Гоҳ-гоҳ: (муайян кунед) ______________________________ | | | 13% |
| | Ягон ҳолат маро ҳавасманд намекунад. | | | 4% |
| 6. | **Ба фикри шумо то чӣ андоза хониши мустақилона барои ғанӣ гардонидани захираи луғавии шумо кумак мекунад?** | | | |
| | Ба таври назаррас, хеле зиёд | | | 65% |
| | Ба андозае метавонад кумак кунад | | | 19% |
| | Каму беш | | | 13% |
| | Кумак намекунад | | | 3% |
| 7. | **Кадом монеаҳо ба шумо барои бештар хондани китоб бо забони англисӣ халал мерасонанд?** | | | |
| | Набудани вақти холигӣ | | | 55% |
| | Мушкилфаҳм будани матнҳо | | | 25% |
| | Таваҷҷуҳ накардаи муаллим ба ин масъала | | | 12% |
| | Таваҷҷуҳ ва шавқ надоштани худи ман | | | 8% |
| 8. | **Барои ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар вақти дарс ё берун аз вақти дарсӣ, беҳтар намудан ва ҷалби хонандагон ба хониши мустақилона шумо чи пешниҳод доштед?** (Саволи кушода. Фикратонро хаттӣ пешниҳод созед) | | | |
| | **Посухи шогирдон:** Дар умум хонандагон бар он назаранд, ки хониши мустақилона дар омӯзиши забони англисӣ хеле муҳим аст, аммо онро бояд хеле шавқовар ва чун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷараёни таълим ташкил кард. | | | |

Аз натиҷаи пурсишномаи хонандагон бар меояд, ки фоизи зиёди онҳо ташкили хониши мустақилонаро ҳамчун воситаи муҳим дар таълими забони англисӣ ва ғанигардонии захираи луғавӣ қабул доранд. Инчунин, онҳо ниёз ба роҳнамоию шавқмандсозӣ дошта, метавонанд дар ҳамкорӣ бо омӯзгор ин навъи фаъолиятро ба таври инфиродӣ иҷро кунанд.

Тавре ки дар натиҷаи саволномаи «Ба фикри шумо хондани китоб ё матнҳо ба забони англисӣ барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои забони англисӣ то чӣ андоза муҳим аст?» оварда шудааст, 27%-и хонандагон посухи «Хеле муҳим аст» ва 52 %-и дигари онҳо «Муҳим

аст»-ро интихоб кардаанд. Муҳим шумоpидани хондан аз ҷониби 79% хонандагон аз он шаҳодат медиҳад, ки шогирдон дарк мекунанд, ки то кадом андоза ин навъи фаъолият барои онҳо зарур аст.

Ба саволҳое, ки фарогири масъалаи кай ва кадом ҳолатҳо ташкил шудани хониши мустақилона мебошанд, шогирдон посухҳои гуногун додаанд. Масалан, ба саволи «Муаллими забони англисӣ чанд маротиба дарси «хондани хонагӣ / мустақилона»-ро ташкил мекунад?» 61% хонандагон ҷавобҳои «Зуд-зуд» ва «Баъзан»-ро интихоб кардаанд. Агар посухи 30%-и дигари хонандагонро, ки «Гоҳ-гоҳ»-ро интихоб кардаанд, ба инобат гирем, пас маълум мешавад, ки 91% -и шогирдон баргузории хониши мустақилонаро дар МТМУ-и мамлакат исбот мекунанд.

Ба саволи «Шумо мустақилона ба забони англисӣ китоб ё матне мехонед?» 60%-и хонандагон «Гоҳ-гоҳ мехонам»-ро интихоб карда, 13%-и дигари онҳо «Ҳеҷ гоҳ намехонам» ҷавоб додаанд. Посухи «Гоҳ-гоҳ хондан» ва «Ҳеҷ гоҳ нахондан» тақрибан бо ҳам монанд мебошанд, аз ин лиҳоз агар натиҷаи ин ду посух ба саволро ҷамъ намоем, ҳосили он 73%-ро ташкил медиҳад. Мутаассифона, ин натиҷа нигаронкунанда буда, омилҳои онро метавон дар натиҷаи посух ба дигар саволҳо мушоҳида кард. Алалхусус, натиҷаи посух ба саволҳои «Ҳангоми хондани матнҳо бо забони англисӣ шумо чӣ гуна мушкилотро эҳсос мекунед?» ва «Кадом монеаҳо ба шумо барои бештар хондани китоб бо забони англисӣ халал мерасонанд?» ба нишон медиҳанд, ки барои ҷалби хонандагон ба хондан, ҳавасманд намудани онҳо ба ин навъи фаъолият ва водорсозии шогирдон ба муоширaт бо забони англисӣ омӯзгорон бояд масъулияти калонро бар дӯш гирифта, дучанд кор кунанд. Дар ин замина метавон гуфт, ки ба дигар савол «Шуморо кӣ ё чӣ ба омӯзиши забони англисӣ, хондани матну китобҳо бо ин забон ва такмили донишу маҳорати забони англисӣ ҳавасманд месозад?» савоб дода, аксарияти шогирдон (83%)

дарс, муаллим ва сафар ба хориҷаро ҳамчун омили ҳамвасмандсозии онҳо ба омӯзиши забони англисӣ мешуморанд.

Натиҷаи пурраи пурсишномаи омӯзгорон ва хонандагон замима гардида, ҳамагӣ чанд саволи он дар матни асосии диссертатсия оварда шудааст. Маҳз дар заминаи натиҷаи пурраи пурсишнома мо тавонистем, барои марҳилаи минбаъдаи таҳқиқот омодагӣ бинем. Илова бар ин, мушоҳида, таҳлил ва назарсанҷие, ки миёни омӯзгорони забони англисӣ ва хонандагони синфҳои болоӣ дар ҷараёни таълими забони англисӣ гузаронида шуд, имкониятҳои зиёдеро барои мо фароҳам овард.

**Марҳилаи ташаккулдиҳанда (солҳои 2022-2023).** Дар марҳилаи мазкур методҳои тадқиқотии таҳлилкунӣ, муқоисакунӣ, муайянкунӣ ва амсоли инҳо мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтанд. Инчунин, омода намудани маводу воситаҳои дидактикӣ, ҷустуҷӯи методҳо ва тарзу усулҳои ташкили хониши мустақилона ба анҷом расонида шуд. Дастури методӣ вобаста ба ташкили хониши мустақилона барои омӯзгорону хонандагони синфҳои болоӣ таҳия ва дастрас карда шуд.

Ташкили гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ, баргузории таълими таҷрибавӣ маҳз дар ҳамин марҳила ба нақша гирифта шуд. Аз шумораи умумии хонандагоне, ки дар марҳилаи гузашта иштирок карда буданд, танҳо 720 нафар барои иштирок дар марҳилаи навбатӣ интихоб гардиданд. Бо мақсади равшантар муайян намудани натиҷаи таҳқиқот, МТМУ чор ноҳияи шаҳри Душанбе (МТМУ №101 н. Сино, МТМУ №24 н. Фирдавсӣ, МТМУ №8, н. И.Сомонӣ, МТМУ №23 н. Шоҳмансур) ва МТМУ дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (МТМУ №32 н. Фархор, МТМУ №53 н. Варзоб, МТМУ №11 ш. Роғун, МТМУ №20 н. Айнӣ) барои ташкили таълими таҷрибавӣ ҷалб гардиданд. Дар ҷадвали зерин номи муассисаҳои таълимӣ ва шумораҳои хонандагони барои гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ интихобшуда оварда шудааст.

**Ҷадвали 7.**

**Рӯйхати**
**муассисаҳои таълимӣ ва шумораҳои хонандагони интихобшуда барои гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ**

| Шаҳри Душанбе | | | | Дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гурӯҳҳои таҷрибавӣ | | Гурӯҳҳои назоратӣ | | Гурӯҳҳои таҷрибавӣ | | Гурӯҳҳои назоратӣ | |
| МТМУ №101 | МТМУ №24 | МТМУ №8 | МТМУ №23 | МТМУ №32 | МТМУ №53 | МТМУ №11 | МТМУ №20 |
| 100 | 100 | 100 | 100 | 80 | 80 | 80 | 80 |

Ба гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ шартан чунин ихтисорот муайян гардид: ГТ-101/24/ШД, ГН-08/23ШД, ГТ-32/53ДШН, ГН-11/20ДШН. Ихтисороти овардашударо метавон ба таври зерин маънидод намуд: ГТ – гурӯҳи таҷрибавӣ, ГН – гурӯҳи назоратӣ, ШД – шаҳри Душанбе, ДШН – дигар шаҳру ноҳияҳо, 101, 24, 08 ва ғ. – рақами муассисаҳои таълимӣ.

**Мақсади** марҳилаи мазкур аз роҳандозии метод ва тарзу усули пешниҳоднамудани диссертант оид ба ташкили хониши мустақилона ва муайян намудани исботи фарзияи таҳқиқот иборат буд. Инчунин, то кадом андоза хониши мустақилона ба ғанигардонии захираи луғавии хонандагон мусоидат мекунад, бояд муайян карда шавад.

Барои расидан ба ҳадафҳои муайяншуда, **вазифаҳои зерин** дар пеш гузошта ва иҷрои онҳо дар давоми ин марҳила амалӣ гардонида шуд:

- Муайян намудани сатҳи дониши забонии (аз забони англисӣ) хонандагони синфҳои болоӣ дар ҳама гурӯҳҳо;
- Интихоби матнҳои хониш дар асоси талаботҳои муайян барои хонандагони синфҳои болоӣ;
- Дар заминаи матнҳои интихобшудаи хониши мустақилона таҳия намудани машқу супоришҳо;

▪ Ҷудо намудани луғати истифодашудаи матнҳои хониш ва таҳияи машқу супоришҳо барои азхудкунии луғати нав;

▪ Ташкили таълими таҷрибавӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ бо таъмини маводҳои таълимӣ ва шароити якхела дар ҳама гурӯҳҳо.

Пеш аз интихоб намудани матнҳо ё маводҳои хониш барои хонандагони иштироккунандаи таълими таҷрибавӣ, сатҳи забонии онҳо муайян карда шуд. Истифодаи тестҳои санҷишӣ, муошират озод, гирифтани диктант ба мо имкон дод, ки сатҳи забонии хонандагони дар таълими таҷрибавӣ иштироккунанда муайян карда шавад (ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8.**

**Натиҷаи**
**сатҳи дониши забонии (забони англисӣ) хонандагон**
**пеш аз ташкили таълими таҷрибавӣ**

| Муассисаи таълимӣ | Beginner | | Elementary | | Pre-Intermediate | | Intermediate | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нутқи хаттӣ | Нутқи шифоҳӣ | Нутқи хаттӣ | Нутқи шифоҳӣ | Нутқи хаттӣ | Нутқи шифоҳӣ | Нутқи хаттӣ | Нутқи шифоҳӣ |
| МТМУ № 101 | | | | | 76 | 70 | | |
| МТМУ № 24 | | | | 80 | 78 | | | |
| МТМУ № 8 | | | | 71 | 74 | | | |
| МТМУ № 23 | | | 78 | 75 | | | | |
| МТМУ № 32 | | | 80 | 76 | | | | |
| МТМУ № 53 | | | | 80 | 78 | | | |
| МТМУ № 11 | | | | 68 | 69 | | | |
| МТМУ № 20 | | | | 66 | 65 | | | |

Баҳогузорӣ ба сатҳи дониши хонандагон, нутқи хаттӣ ва шифоҳии онҳо тариқи низоми холгузорӣ (100-хола) сурат гирифт. Дар ҷадвали боло холи миёнаи хонандагони синфҳои болоии ҳар як муассисаи таълимӣ нишон дода шудааст.

Натиҷаи корҳои анҷомдода нишон дод, ки дониши забонии хонандагон тақрибан дар як сатҳ қарор доранд. Хонандагони МТМУ шаҳри Душанбе каме дар сатҳи баландтар қарор дошта, МТМУ дигар минтақаҳои кишвар нисбатан паст мебошанд. Нишондоди натиҷаи мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки метавон дар муассисаҳои интихобшуда таълими таҷрибавӣ гузаронид.

Таълими таҷрибавӣ давоми соли таҳсили 2023-2024 дар муассисаҳои таълимии интихобшуда бо пешниҳоди маводҳои таълимӣ ва методу тарзу усули пешниҳоднамудани диссертант оид ба ташкили хониши мустақилона гузаронида шуд.

Дар гурӯҳҳои тарҷибавӣ хониши мустақилона дар асоси дастури методии таҳияшуда, намунаи маҷмуи машқу супоришҳо дар заминаи матни хониш ва методу тарзу усули пешниҳоднамудаи диссертант ташкил карда шуд. Илова бар ин, давоми баргузории таълими таҷрибавӣ диссертант на танҳо рафти ин ҷараёнро назорат мекард, балки ба омӯзгорон тавсия ва машваратҳо низ медод. Интихоби матни хониш қисман аз ҷониби омӯзгор ва қисман аз ҷониби худи хонандагон сурат мегирифт. Натиҷагирӣ аз хониши асарҳо, таҳлилу муҳокимаронӣ ва хулосабарорӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ҳадди ақал ду маротиба дар як моҳ берун аз ҷадлави дарсӣ сурат мегирифт. Хонандагоне низ буданд, ки ба таври инфиродӣ аз натиҷаи мутолиаи худ ба омӯзгорон маълумот пешниҳод мекарданд.

Баъд аз ба анҷом расидани марҳилаи мазкур муайян карда шуд, ки дар ин гурӯҳҳо беш аз 40 матни ҳаҷман хурду миёна ва 5 асари миёнаҳаҷм, иборат аз 80-120 саҳифа аз ҷониби хонандагон хонда шудааст.

Дар гурӯҳҳои назоратӣ низ хониши мустақилона дар сатҳи зарурӣ ташкил карда шуд. Омӯзгорони ин гурӯҳҳо аз рӯи таҷрибаи кории худ ва маҳорати касбиашон хониши мустаиқлонаро ташкил намуданд.

Интихоби матну мавод ва асарҳо барои хониш дар гурӯҳҳои назоратӣ низ озод буда, бештар аз ҷониби омӯзгор интихоб карда мешуд. Дар ин гурӯҳҳо хонандагони фаъоле низ буданд, ки матну асарҳоро худашон интихоб мекарданд.

Барои гурӯҳҳои назоратӣ аз ҷониби омӯзгорон ҷадвали натиҷагирӣ аз хониши мустақилона таҳия гардида, баъди ҳар ду ҳафта хонандагон ҷамъ меомаданд. Машғулияти хониши мустақилона берун аз ҷадавли дарсӣ таҳия шуда, дар он хонандагон матну маводҳои хондаи худро муҳокима мекарданд. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки бо вуҷуди фаъолона ҳозиршавии хонандагон ва бо шавқ муҳокима намудани маводди хондашуда, бидуни роҳнамо, дастур ё маводди методию тавсиявӣ омӯзгорон дар шавқмансозию фаъолсозии хонандагон танқисӣ мекашанд.

Ҷамъбасти таълими таҷрибавӣ нишон дод, ки дар гурӯҳҳои назоратӣ хонандагон тақрибан 25 матнҳои гуногунҳаҷм ва 2 асари миёнаҳаҷм, иборат аз 80 ва 110 саҳифа хондаанд.

Дар қисмати охири марҳилаи мазкур аввал пурсишнома гузаронида шуда, баъдан сатҳи дониши забонии хонандагон санҷида шуд. Ҳадафи гузаронидани пурсишнома муайян намудани таассуроти хонандагон аз таълими таҷрибавӣ, ташкили хониши мустақилона ва таъсири он ба забономӯзии онҳо иборат буд. Санҷиши сатҳи дониши забонии хонандагон бошад, ба мо имконият дод, ки аз натиҷаи таҳқиқоти худ хулосаҳои муайян ва мушаххас барорем. Баъди таҳлили натиҷаи санҷиш муайян мегардад, ки то кадом андоза вазифаҳои гузошташуд иҷро шуданд, мақсади таҳқиқот татбиқ гардид ва фарзияи пешниҳодшуда исботи худро ёфт.

### 3.2 Натиҷагирӣ аз озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлилу тавсифи он

Зербоби мазкур қисмати ҷамъбастии таҳқиқот ба шумор рафта, ба натиҷагирӣ аз таҳлилу тавсифи озмоиши таҷрибавӣ бахшида шудааст. Марҳилаи ҷамъбастии таҳқиқот дар ин қисмати кор оварда шуда, натиҷаи озмоиши анҷомёфта дар ҷадвали алоҳида ва диаграммаҳо инъикос ёфтааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои пурсишнома ва санҷиш дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ бо методҳои оморию математикӣ санҷида шуд. Натиҷаи таҳқиқот коркард гардида, ҷамъбасти он дар диаграммаҳо нишон дода шуданд. Натиҷаи ниҳоӣ ва ҷамъбастии гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ дар марҳилаи ҷамъбастӣ оварда шуда, тафовути натиҷаҳо таҳлил гардидаанд.

**Марҳилаи ҷамъбастӣ (солҳои 2023-2024).** Марҳилаи мазкур мантиқан идомаи марҳилаи дуюми таҳқиқот буда, таҳлилу баррасии натиҷаҳои таълими таҷрибавиро дар бар мегирад. Баъд аз ташкили санҷиши сатҳи дониши забонии хонандагон, таҳлилу муқоисаи натиҷаҳо, муайян сохтани ҳолати кунунии масъалаи таҳқиқ метавон хулосаҳои мушаххасро пешниҳод намуд.

Пурсишнома, ки баъд аз ҷамъбаст шудани таълими таҷрибавӣ гузаронида шудаст, аз 12 савол иборат буд. Саволҳои овардашуда аз саволҳои пурсишномаи пешин камтар буда, мазмунан низ аз оно ба куллӣ фарқ мекунанд. Маълум гардид, ки таваҷҷуҳ ва таассуроти хонандагон на танҳо нисбат ба хониши мустақилона, балки нисбат ба омӯзиши забони англисӣ тағйир ёфтааст (ҷадвали 9).

Чадвали 9.

**Натичаи**
**пурсишномаи хонандагон баъд аз таълими тачрибавӣ**

| № | Саволномаҳо ва варианти чавобҳо | ГТ | ГН |
|---|---|---|---|
| 1. | **Кадом намуди матну мавод ё асарҳоро барои хониши мустақилона бо забони англисӣ интихоб мекунед?** | | |
| | Китобҳои бадеӣ | 37% | 54% |
| | Мақолаҳои гуногун | 13% | 11% |
| | Ҳикояҳои кӯтоҳ | 33% | 21% |
| | Матнҳо аз Интернет | 17% | 14% |
| 2. | **Муаллим чанд маротиба ба шумо машқҳои азхудкунии луғатҳоро пешниҳод мекунад?** | | |
| | Бештари вақт | 60% | 54% |
| | Баъзан вақт | 40% | 25% |
| | Гоҳ-гоҳ | 0% | 21% |
| | Ҳеҷ гоҳ | 0% | 0% |
| 3. | **Пас аз хондани китоб ё матни англисӣ кадом машқу супоришҳоро вобаста ба аз худ кардани луғатҳои нав ичро мекунед?** | | |
| | Тартиб додани рӯйхати калимаю ибораҳои нав | 37% | 14% |
| | Эссе менависам ё матнро нақл мекунам | 28% | 30% |
| | Матнро дар синф муҳокима мекунем | 22% | 44% |
| | Дигар намуди корро ичро мекунам (муайян кунед) ________________ | 13% | 12% |
| 4. | **Барои хубтар дар хотир нигоҳ доштани калимаю ибораҳои нав шумо кадом стратегия, метод ё тарзу усулро истифода мебаред?** | | |
| | Калимаҳои наврο дар дафтари луғат навишта, аз ёд мекунам | 18% | 30% |
| | Калимаҳои навро дар варақчаҳо навишта, такрор мекунам | 20% | 30% |
| | Калимаҳои навро дар чумла ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ истифода мекунам | 22% | 17% |
| | Тавассути барномаҳои (сомонаҳои интернет) смартфон ва компютер | 33% | 14% |
| | Дигар намуди кор (муайян кунед) ______________________________ | 7% | 9% |
| 5. | **Кадом монеаю мушкилотҳо ҳангоми мутолиаи матнҳои англисӣ ба шумо халал мерасонанд?** | | |
| | Мушкилии грамматикӣ, лексикӣ ва дарки матн | 60% | 66% |
| | Чудо накардани вақт барои мутолиа | 22% | 18% |
| | Набудани ҳавасмандӣ | 8% | 5% |
| | Дигар ҳолатҳо (муайян кунед) ________________________________ | 10% | 11% |
| 6. | **Кадом ҳолатҳо шуморо бештар ба васеъ кардани фонди луғавиатон ҳавасманд месозад?** | | |
| | Хоҳиши озодона бо забони англисӣ гап задан | 44% | 58% |
| | Баҳои хуб гирифтан ва аз дигарон пешсаф будан | 15% | 11% |
| | Таваччуҳ доштан ба забономӯзӣ ва донистани фарҳанги дигар | 17% | 14% |

Идомаи ҷадвали 9

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Дигар ҳолатҳо (муайян кунед) ___________________________ | 24% | 17% |
| 7. | **Муаллим барои беҳтар шудани луғатдониатон ба шумо ба қадрӣ кофӣ кумак мекунад?** | | |
| | Бале, муаллим корҳои зиёдеро анҷом медиҳад | 74% | 82% |
| | Ҳа, баъзан вақт муаллим кумак мекунад | 15% | 10% |
| | Гоҳ-гоҳ вақт ҷудо мекунад | 11% | 8% |
| | Бале гоҳ барои ин кор аҳаммият намедиҳад | 0% | 0% |
| 8. | **Кадом намуни корҳо ва иҷрои вазифаҳоро барои устувор аз ёд шудан ва дар хотир нигоҳ доштани луғатҳои нав муфидтар мешуморед?** | | |
| | Бо луғатҳои нав ҷумла ва нақлҳои кӯтоҳ сохтан | 21% | 10% |
| | Бо истифода аз луғати нав эссе ва нақли хаттӣ навиштан | 17% | 16% |
| | Истифодаи луғатҳои нав дар нутқи шифоҳӣ (муошират) | 44% | 41% |
| | Иҷрои тестҳо ва машқу супоришҳои санҷиши луғат | 18% | 33% |
| 9. | **Барои машқ кардан бо луғати нав машқҳои инфиродӣ, корҳои дунафарӣ, гурӯҳӣ ва синфӣ гузаронида мешаванд?** | | |
| | Бале, аксари вақт гузаронида мешаванд | 22% | 18% |
| | Баъзан вақт гузаронида мешаванд | 40% | 33% |
| | Гоҳ-гоҳ гузаронида мешаванд | 30% | 44% |
| | Ҳеҷ гоҳ гузаронида намешаванд | 8% | 5% |
| 10. | **Оё метавон луғати наверо, ки аз хониши мустақилона омӯхтаед, дар гирифтани маълумот (аз рӯзномаю маҷалла ва интернет), гирифтани донишҳои иловагӣ, омӯзиши илмҳои муосир ва дар ҳаёти ҳаррӯза истифода баред?** | | |
| | Бале, дар ҳама ҳолат | 64% | 51% |
| | Албатта, дар бисёр маврид | 14% | 19% |
| | Бале, баъзан вақт | 15% | 25% |
| | Бале, каму беш | 7% | 5% |
| 11. | **Ба шумо чигуна маводҳо ё кумаки муаллим зарур аст, то ин ки захираи луғавиатонро ғанӣ гардонед, луғатҳои навро хуб дар хотир нигоҳ доред?** | | |
| | Матнҳои ҷолибу хонданӣ ва шавқовар | 40% | 36% |
| | Машқу супориш ва вазифаҳои гуногун оид ба луғатҳои нав | 31% | 35% |
| | Машқҳои интерактивӣ ва ҷолиб | 22% | 21% |
| | Дигар корҳо (муайян кунед) ___________________________ | 7% | 8% |
| 12. | **Шумо чӣ гуна мехостед тарзи ташкили хониши мустақилонаро тағйир диҳед? Кадом корҳо барои рушди захираи луғавӣ бояд ба роҳ монда шаванд?** (Саволи кушода. Фикратонро хаттӣ пешниҳод созед) | | |
| | Аксарият хонандагон бар он ақидаанд, ки ҳунари эҷодкории омӯзгор, истифодаи роҳҳои наву муосир ва интихоби асарҳои ҷолиб метавонад хонандагонро ба хониши мустақилона ҷалб намояд.<br>Ба ақидаи хонандагон рушди захираи луғавии ҳар як шахс кӯшиш ва худомӯзии ҳар як нафар вобаста аст. | | |

Тавре ки болотар қайд гардид, пурсишнома бо мақсади фаҳмидани таассуроти хонандагон аз рафти таълими таҷрибавӣ, ҷамъбасти он ва нақши хониши мустақилона дар забономӯзии онҳо гузаронида шуд. Натиҷаи пурсишнома комилан оварда шудааст, аз ҳамин лиҳоз, пешниҳоди таҳлили посухи шогирдонро зарур надонистем.

Санҷиши дониши забони англисии хонандагони синфҳои болоии МТМУ дар асоси саволномаи таҳияшуда гузаронида шуд. Саволномаҳои санҷишӣ аз чор қисмат иборат буда, сатҳи фаҳмиши порчаи матнӣ, тарҷума ва истифодаи луғатҳо дар нутқи хаттию шифоҳӣ, инчунин, нуқти муоширатии хонандагонгонро муайян менамуданд. Саволномаҳои санҷишӣ дар чунин шакл таҳия гардид:

А) Хондани порчаи матн ва иҷрои машқҳои вобаста ба матн;

Б) Тарҷумаи луғати фаъоли матн ба забони тоҷикӣ;

В) Тарҷумаи калимаю ибораҳои додашуда ба забони англисӣ ва сохтани ҷумлаҳо;

Г) Муошират Бо калимаю ибораҳои додашуда дар мавзуи муайяншуда.

Санҷиши дониши забони англисии хонандагони гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ бо истифода аз саволномаҳои якхела гузаронида шуда, шароит, ҳаҷми маводҳо ва вақти муайяншуда дар ҳама гурӯҳҳо монанд ташкил карда шуд.

Натиҷагирӣ аз ташкили санҷиш бо низоми холгузорӣ (100-хола) амалӣ гардида, нишондоди он дар диаграммаҳо бо фоиз тасвир ёфтааст. Таҳлилу баррасии диаграммаҳо дар алоҳидагӣ ва дар поён оварда шуда, хулосаҳои зарурӣ низ пешниҳод шудааст.

Барои навъи якуми супориш, ба хонандагон порчаи матнӣ додашуда, маҳорати хониши онҳо, тарзи талаффузи дурусти калимаю ибораҳо ва суръати хониши хонандагон муайян карда шуд. Иҷрои

машқҳои вобаста ба матни овардашуда аз дарки матни хондашудаи шогирдон шаҳодат медиҳад (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1.**

**Натиҷаи хондани порчаи матн ва иҷрои машқҳои вобаста ба матн**




Натиҷаи дар диаграммаи боло овардашуда нишон медиҳад, ки фоизи хониш ва иҷрои машқҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ баланд мебошад. Агар ду навъи маҳорат – хониш ва иҷрои машқҳоро бо якдигар дар умум муқоиса мекунем, пас маълум мегардад, ки дар ҳама гурӯҳҳо, ба ҷуз як гурӯҳ (ГН-08/23ШД) нишондоди фоизи хониш нисбат ба фоизи иҷрои машқҳо баландтар мебошад. Ин натиҷа метавонад аз он шаҳодат диҳад, ки маҳорати хониши хонандагон дар ҳама гурӯҳҳо беҳтар буда, ҳангоми иҷрои машқҳо шогирдон ба баъзан хатогиҳо роҳ додаанд.

Супориши дуюми санҷиш аз хонандагон тарҷумаи луғати фаъоли матнро ба забони тоҷикӣ талаб менамояд. Хонандагон калимаю ибораҳои нави матнҳои хондашударо, ки баъди иҷрои машқҳои вобаста ба матн оварда шудаанд, аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума

мекунанд. Дар диаграммаи 2 натиҷаи супориши зикршуда бо нишондоди фоиз дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ оварда шудааст.

**Диаграммаи 2.**

**Натиҷаи**
**тарҷумаи луғати фаъоли матн ба забони тоҷикӣ**




Аз натиҷаи дар диаграммаи 2 овардашуда метавон чанд ҳолатро муайян намуд. Аввал метавон ҳаминро қайд кард, ки натиҷаи иҷрои супориши мазкур дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ то 20% баланд мебошад. Баъдан, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар иҷрои ин навъи супориш натиҷаи ГТ-32/53ДШН нисбат ба ГТ-101/24ШД 2% ва натиҷаи ГН-08/23ШД нисбат ба ГН-11/20ДШН 4% баландтар аст.

Супориши сеюми санҷиш «Тарҷумаи калимаю ибораҳои додашуда ба забони англисӣ ва сохтани ҷумлаҳо» буд, ки аз хонандагон талаб карда шуд, то калимаю ибораҳои бо забони тоҷикӣ додашударо ба забони англисӣ тарҷума карда, баъдан бо онҳо ҷумлаҳои дуруст созанд. Дар иҷрои ин навъи супориш навъи ҷумлаҳо (хабарӣ, инкорӣ, сода, мураккаб ва ғ.) муайян нашудааст. Натиҷаи ин супориш дар поён (диаграммаи 3) оварда шудааст.

Диаграммаи 3.

**Натиҷаи**
**тарҷумаи калимаю ибораҳои додашуда ба забони англисӣ ва сохтани ҷумлаҳо**




Аз баррасии натиҷаи бадастомада метавон ба чунин хулоса омад, ки дар иҷрои супориши мазкур хонандагон фоизи гуногунро ба даст овардаанд. Дар маҷмуъ, дар ҳама гурӯҳҳо, ба ҷуз як гурӯҳ (ГН-08/23ШД) нишондоди фоизи тарҷумаи калимаю ибораҳо нисбат ба фоизи сохтани ҷумлаҳо баланд мебошад. Дар ГН-08/23ШД хонандагон нисбат ба тарҷумаи калимаю ибораҳо, ҳангоми сохтани ҷумлаҳо 4% баландтар фаъол буданд.

Агар ба натиҷаи се супориши дар диаграммаҳои боло (диаграммаҳои 1, 2, 3) овардашуда нигарем, метавон мушоҳида намуд, ки натиҷаи ду супориши охир нисбат ба супориши якум баландтар мебошанд. Яъне, метавон гуфт, ки хонандагон нисбат ба хондан дар азхудкунӣ ва истифодаи лексикаи нав натиҷаҳои нисбатан баландтар ба даст овардаанд.

Супориши охирини санҷиш, «Маҳорати муоширатии хонандагон бо калимаю ибораҳои додашуда», сатҳи дониш ва маҳорати хонандагонро аз нутқи шифоҳӣ муайян мекунад. Яъне, ба хонандагон

маҷмуи калимаю ибораҳои забони англисӣ иборат аз 13-15 адад пешниҳод гардида, аз онҳо талаб карда мешавад, ки дар мавзуъҳои муайян суҳбат ё суханронӣ кунанд (диаграммаи 4).

**Диаграммаи 4.**

**Натиҷагирӣ**
**аз маҳорати муоширатии хонандагон бо калимаю ибораҳои додашуда**




Тавре ки аз нишондоди диаграммаи боло бар меояд, фаъолнокии хонандагони гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ баландтар мебошад. Натиҷаи ин навъи супориш ба супориши аввал (хондан ва иҷрои машқҳо) наздикӣ дошта, аз натиҷаи супоришҳои дуюм ва сеюм каме пасттар мебошад. Бо вуҷуди он, ки хонандагон аз ҳисоби машқҳои лексикӣ натиҷаҳои баланд ба даст оварданд, аз нутқи шифоҳӣ фоизи камтарро нишон доданд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳало ҳам дар самти рушди малакаҳои муоширатӣ корҳои зиёдеро мебояд анҷом дод.

Дар давраи интихоби гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ то ба анҷом расидани таълими таҷрибавӣ як муддати муайян гузашта, донишу маҳорати хонандагон дар як сатҳи муайян тағйир ёфтанд. Барои мушоҳидаи ин тағйирот, натиҷаи санҷиши пеш аз баргузории таълими таҷрибавӣ ва баъди онро аз ду навъи фаъолияти муоширатӣ, хондан

ҳамчун нутқи хаттӣ ва гуфтору муошират, ҳамчун нутқи шифоҳӣ дар диаграммаҳои поён ба таври алоҳидагӣ пешниҳод месозем.

**Диаграммаи 5.**

**Натиҷаи санҷиши пеш аз баргузории таълими таҷрибавӣ ва баъди он аз нутқи хаттӣ (хондан)**




**Диаграммаи 6.**

**Натиҷаи санҷиши пеш аз баргузории таълими таҷрибавӣ ва баъди он аз нутқи шифоҳӣ (гуфтор, муошират)**




муассисаҳои мансуби гурӯҳҳои таҷрибавӣ (МТМУ 101, 24, 32, 53) пеш аз

баргузории таълими таҷрибавӣ ва баъд аз он аз нутқи хаттӣ (хондан) 7%-11% ва аз нутқи шифоҳӣ (муошират) 9%-16%-ро ташкил медиҳад.

Илова бар ин, дар ин муддат хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ низ аз нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ натиҷаҳои фарқкунандаро соҳиб шуданд. Муассисаҳое, ки ба гурӯҳҳои назоратӣ ворид гаштаанд, аз нутқи хаттӣ (хондан) аз 2% то 4% ва аз нутқи шифоҳӣ (муошират) аз 4% то 7% натиҷаҳои баланд нишон доданд.

Афзоиши натиҷаҳои гурӯҳҳои таҷрибавиро дар як муддати кӯтоҳ аз навъҳои мураккаби фаъолияти нутқ, хондан ва гуфтор (муошират) метавон бо он шарҳ дод, ки ташкили хониши мустақилона ва дар ин замина ғанигардонии захираи луғавии хонандагон дар асоси иҷрои корҳои зерин анҷом ёфтаанд:

- Роҳандозии ташкили хониши мустақилона дар асоси дастури методӣ ва пешниҳоди машварату тавсияҳои диссертант ба омӯзгорони фаннӣ;
- Таҳия ва пешниҳоди маҷмуи машқҳои коркардшудаи таълимӣ дар заминаи матнҳои хониш;
- Пешниҳоди тарзи интихоби луғати фаъоли матн ва коркарди машқу супоришҳо барои азхудкунӣ ва истифодаи амалии онҳо.

Натиҷаҳои назаррасу баланди гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ фарзияи қаблан пешниҳодгаштаи таҳқиқотро исбот мекунанд. Шароити фароҳамоварда дар ҳама муассисаи таълимии дар раванди таълими таҷрибавӣ иштироккарда имконият дод, ки тарзи дуруст ташкил шудани хониши мустақилона, азхудкунӣ ва истифодаи васеи луғатҳои нав дар нутқи хаттию шифоҳӣ мушоҳида карда шавад. Натиҷаи ҷамъбастии таълими таҷрибавӣ нишон дод, ки шавқу рағбат ва ҳавасмандии хонандагон нисбат ба хониши мустақилона боло рафта, муносибати онҳо ба омӯзиши забони англисӣ тағйир ёфтанд. Ҳисси масъулиятшиносӣ ва мустақилияти хонандагон дар интихоби маводди

таълимӣ ва худомӯзӣ нисбат ба давраи пеш аз ташкили таълими таҷрибавӣ фарқкунанда мебошад. Чунин ҳолатро метавон ҳам дар синфҳои 10 ва ҳам 11 мушоҳида намуд. Аз сабаби оне, ки мавзуи илмӣ-таҳқиқотии мо форогири масъала дар синфҳои болоӣ муайян шуда буд, аз оғоз то анҷоми таҳқиқот синфҳои 10 ва 11 дар якҷоягӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуданд. Дар раванди гузаронидани пурсишнома, ташкили таълими таҷрибавӣ санҷиши донишу маҳорати иштирокчиён байни синфҳои 10 ва 11 фарқ нагузошта, ин синфҳо дар якҷоягӣ, ҳамчун синфҳои болоӣ дар тамоми давраи таҳқиқот мавриди таҳлилу омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд. Натиҷаи таълими таҷрибавӣ самаранокии метод ва тарзу усулҳои пешниҳодшуда барои ташкили хониши мустақилона ва ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намуд.

# ХУЛОСАИ БОБИ СЕЮМ

Баъд аз таҳлилу баррасии мавзуи таҳқиқот, пайдо намудани мушкилоти ҷойдошта, баъзе роҳу усулҳои мушаххас роҷеъ ба рафъи ин мушкилот пешниҳод гардид. Инчунин, масъалаи мавриди таҳқиқ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тибқи талаботҳои мавҷуда, дар марҳилаи ҷамъбастии таҳқиқот озмоиши таҷрибавӣ ташкил ва баргузор карда шуд. Баргузории озмоиши таҷрибавӣ як ҷузъи мушимми таҳқиқоти илмии диссертант ба шумор рафта, мантиқан пайванд бо марҳилаҳои пешини таҳқиқот мебошад.

Дар қисмати мазкур, ки он иборат аз ду зербоб аст, пайгири ду масъала мебошад: ташкили озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлилу натиҷагирӣ аз корҳои анҷомёфта.

Зербоби 3.1. “*Ташкили озмоиши таҷрибавӣ аз рӯйи масъалаҳои мавриди таҳқиқ*” унвон гирифта, марҳилаи ҷамъбастии таҳқиқот, раванди баргузор озмоиши таҷрибавиро инъикос менамояд. Дар раванди баргузории озмоиши таҷрибавӣ, диссертант аз метод ва тарзу усулҳои пешниҳодгардида васеъ истифода намуда, натиҷаҳои зарурӣ ба даст овард.

Мақсаду вазифаҳо, методҳои гузаронидани озмоиши таҷрибавӣ ва макони ташкил ва баргузории озмоиши таҷрибавӣ дар зербоби мазкур ба таври мушаххас дарҷ гардида, ҷараёни он бо шарҳу эзоҳ пешниҳод гардидааст. Аз ҷумла, ташкил ва гузаронидани пурсишнома миёни муаллимони забони англисӣ ва хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таълимии чор ноҳияи шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияи кишвар қабл аз баргузории озмоиши таҷрибавӣ, таҳлилу баррасӣ ва ба инобат гирифтани натиҷаи он дар ҷараёни озмоиши таҷрибавӣ дар ин қисмати кор ба хубӣ матраҳ шудааст. Инчунин, саволномаҳои пурсишнома дар ҷадвал бо нишондоди натиҷаи бадастомада пешниҳод гардида, мулоҳизаи диссертант аз ин натиҷа оварда шудааст.

Дар зербоби мазкур раванди ташкили гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ, баргузории таълими таҷрибавӣ оварда шуда, муайян гардидааст, ки аз шумораи умумии хонандагони дар марҳилаи гузашта иштироккнамуда, 720 нафар аз МТМУ чор ноҳияи шаҳри Душанбе ва МТМУ дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои иштирок дар марҳилаи навбатӣ интихоб гардиданд.

Зербоби 3.2. "*Натиҷагирӣ аз озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлилу тавсифи он*" номгузорӣ шуда, ҷамъбасти натиҷаҳои умумии таҳқиқот, натиҷагирии озмоиши таҷрибавӣ, дар ин замина пешниҳод гаштани хулосаҳои мушаххасро дар бар мегирад.

Эътимоднокии натиҷаҳои озмоиши таҷрибавӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ бо методҳои оморию математикӣ санҷида шуда, натиҷаи он коркард шуда, ҷамъбасти он дар шаш диаграммаҳо нишон дода шуданд. Натиҷаи ҷамъбастии гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ дар марҳилаи ҷамъбастӣ оварда шуда, тафовути натиҷаҳо таҳлил гардидаанд.

Натиҷаи ниҳоии озмоиши таҷрибавӣ нишон медиҳад, ки ҳавасмандии хонандагон нисбат ба хониши мустақилона боло рафта, муносибати онҳо ба омӯзиши забони англисӣ ба куллӣ тағйир ёфтааст.

Хулоса, дар боби сеюми диссертатсия методу таработҳо оид ба истифодаи амалии намудҳои гуногуни фаъолият ва машқу супоришҳо дар раванди хониши мустақилона, ҳангоми ташкили озмоиши таҷрибавӣ, самаранокии хониши мустақилона барои азхудкунии луғати нав, рушди салоҳияти муоширатии хонандагони синфҳои болоӣ ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Раванди баргузории озмоиши таҷрибавӣ ва натиҷаи ниҳоии он дар ду зербоб пешниҳод гардидааст.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Раванди ҷаҳонишавӣ, фаррох гаштани фазои ахбороту иттилоот, васеъшавии имкониятҳои омӯзиши илму технологияи инноватсионӣ аз ҳар як нафар инсони ҷаҳони муосир талаб менамояд, ки дар баробари забони модарӣ на камтар аз ду забони дигари хориҷиро донад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин муҳиммият аз солҳои 2000-ум инҷониб пайгирӣ гашта, роҳандозии барномаи махсуси давлатӣ (Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030) шаҳодати гуфтаҳои боло мебошад. Дар робита ба ин, таваҷҷуҳи ҷомеа ва Ҳукумати мамлакат ҳамасола боло рафта, раванди таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ), сифати таълим, ҳамчун воситаи муошират омӯзонидани забони хориҷӣ (забони англисӣ), истифодаи амалии он дар ҳама соҳаҳои фаъолияти кишвар зери таваҷҷуҳи роҳбарияти олии мамлакат қарор гирифтааст.

Таҳқиқоти мазкур ба масъалаи беҳтар намудани азхудкунии забони англисӣ тавассути роҳандозии хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ бахшида шудааст. Ҳамчунин, дар заминаи хониши мустақилона ғанигардонии захираи луғавии хонандагон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифт. Бо мақсади ташаккули салоҳияти муоширатии хонандагон, маҳорату малаки нутқи хаттию шифоҳии онҳо корҳои зиёди назариявӣ ва амалӣ анҷом дода шуд.

Дар муассисаҳои типи нав, аз ҷумла, муассисаҳои таълимии хусусӣ, мактабҳои президентӣ, литсею гимназияҳо раванди омӯзиши забони англисӣ хеле хуб ва дар сати зарурӣ ба роҳ монда шудааст, аз ҳамин сабаб дар раванди таҳқиқот мо танҳо ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии давлатӣ рӯй овардем. Мушкилоти раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, дар синфҳои

болоӣ муайян ва роҳҳои ҳалли он илман асоснок карда шуд. Ба саволҳои зиёд оид ба аҳамияти хониш ҳамчун як намуд фаъолияти муҳим дар забономӯзӣ ва сабабҳои таваҷҷуҳи пасти хонандагон ба ин навъи фаъолият ҳангоми ташкили сӯҳбатҳои озод ва гузаронидани пурсишнома миёни омӯзгорону хонандагон ошкор карда шуд.

Яке аз муҳимтарин омилҳо дар рушду ташаккули шахсият, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва доираи ташаккур, донистан ва истифода кардани забонҳои хориҷӣ дар роҳи илмомӯзӣ мебошад. Шурӯъ аз синфи 10-11 хонандагонро бояд барои интихоби касби оянда, ҳаёти мустақилона тайёр карда, дар мактаби олӣ ин ҳолат идома ёбад. Тайёр кардани кадрҳои оянда, шахсони дорои малакаю маҳорати касбӣ, зираку доно, нафароне, ки ба арзишҳои миллӣ ва давлатӣ арҷгузор мебошанд, аввал аз муассисаҳои таҳсилоти миёна ва баъдан дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омода карда мешаванд. Бо ҳамин мақсад кардҳои оянда бояд забонҳои хориҷиро аз худ намуда, ба худомӯзию худтакмидиҳӣ ва илмомӯзӣ машғул шаванд.

Аз нигоҳи илмҳои педагогика, психология ва методика синни наврасӣ барои инсон як давраи хеле муҳим арзёбӣ гардида, дар рушду таклими дигар давраҳои ҳаёти ӯ метавонад нақши возир бозад. Мо низ ин муҳиммиятро ба назар гирифта, таҳқиқ ва таҳлилҳои худро ба ин давра бахшидем. Муҳиммияти ин синну сол дар аввали боби дуюми кор низ оварда шуда, ҳамчун яке аз талабоҳо ҳангоми интихоби маводи хониш ба инобат гирифта шудааст.

Мубрамию муҳиммият ва навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонандагони синфҳои болоӣ дар остонаи гузариш ба зинаи таҳсилоти олии касбӣ қарор мегиранд. Донистани забони хориҷӣ (забони англисӣ) яке аз талаботҳо нисбат ба довталабон ҳангоми дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ мебошад. Илова бар ин, маҳз дар ҳамин синну сол ва давраи таҳсил дар муассисаи таълимӣ

хонандагон пурра икдом мегиранд, ки кадом соҳа ё касбро барои фаъолияти ояндаи касбӣ интихоб намоянд. Забондонӣ ба онҳо дар ҷустуҷӯи маълумоти зарурӣ, рушди донишҳои иловагӣ ва худтакмилдиҳӣ кӯмак мерасонад.

Диссертатсияи илмӣ дар доираи ду боб ва ҳафт зербоб муҳимтарин масъалаҳои мавзуи таҳқиқ, асосҳои назариявии ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ, тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоиро бо таҳлилу таҳқиқи илмӣ фарогир буда, аз натиҷаҳои он хулосаҳои зарурӣ пешниҳод менамояд.

Хониш ҳамчун фаъолияти муҳимми нутқ ҳангоми омӯзиш ва истифодаи амалии забони англисӣ, нақши он ғанигардонии захираи луғавии хонандагон, бартарафсозии монеаҳои забонӣ ва кушодани шогирдон ба муошират бо забони англисӣ дар қисмати назариявии кор пешниҳод шудааст. Бо такя ба натиҷаи корҳои илмӣ, омӯзиши асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, овардани фикру андеша ва назари олимони маруфи ватанию хориҷӣ дар ҳарду қисмати таҳқиқот арзиши илмии корро баланд намуд.

Тавре ки муайян гардид, хониш ҳамчун як намуд фаъолияти мустақили нутқ ба ҳисоб рафта, дар баробари ин бо дигар навъҳои фаъолияти нутқ (навишт, тафоҳум, гуфтор) робитаи ногусастанӣ дорад ва барои рушди ҳар яки он таъсири калони мусбат мерасонад. Ба андешаи муҳаққиқон, хониш барои хонандагон манбаи воситаҳои гуногуни забонӣ, аз қабили воҳидҳои грамматикӣ, луғавӣ, услубӣ, фразеологӣ ва амсоли инҳо мебошад.

Барои ташкили хониши мустақилона, ҷалби шогирдон ба ин навъи фаъолият, натиҷагирӣ аз фаъолияти мустақилонаи хонандагон риояи меъёр ва талаботҳо ҳангоми интихоби матну асарҳо барои хониш, тарзи

ташкили хониши мустақилона, пешниҳоди системаи машқҳо дар раванди ин навъи фаъолият хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҳқиқот нишон дод, ки ҳангоми интихоби мавод хониши мустақилона аз забони англисӣ барои хонандагони сифҳои болоӣ як қатор талаботҳо аз қабили мақсади таълимӣ ва амалӣ доштани матн, дорои арзишҳои тарбиявӣ ва рушддиҳанда будани асар, ба синну соли хонандагон мувофиқ будани мазмуну мундариҷаи асар, мураккабии сатҳи фаҳмиш ва ҷобилияти маводи хониш мебояд зери таваҷҷуҳ қарор гиранд. Ба назар гирифтани ин талаботҳо раванди ин навъи фаъолиятро боз ҳам ҷолибтар ва натиҷабахш мегардонад. Ҳамчунин, ҳавқмандсозии хонандагон, ҷидду ҷаҳди онҳо барои муошират намудан бо забони англисӣ, рӯй овардан ба омӯзиши дигар илмҳо тавассатуи забони англисӣ таъмин мегардад.

Дар раванди корҳои озмошию таҷрибавӣ муайян карда шуд, ки муайян карда шуд, ки хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҳама шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба ин навъи фаъолият, хондани асарҳо бо забони англисӣ, тақрибан муносибати якхела доранд. Таҳлилҳо нишон дод, ки яке сабабҳои асосии дур шудани хонандагон аз мутолиа рушди технологияҳои инноватсионӣ, рӯй овардани наврасону ҷавонон ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва истифодаи вақт ба корҳои берун аз таълимӣ мебошад. Дигар сабабҳоро метавон ба таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накардани омӯзгорон, тарзи нодурусти ташкили раванди таълим, водор накардани шогирдон ба иҷрои корҳои мустақилона ва худомӯзию худтакмилдиҳӣ мебошад. Илова бар ин, то ҳол дарсурҳои методӣ оид ба ташкили хониши хонагӣ ё мустақилона аз ҷониби муаллифони тоҷик ба назар намерасад. Бовуҷуди шумораи хеле зиёди асарҳои гуногунҳаҷми барои хониш мувофиқ кардашуда, роҳнамои истифодаи ин дарстурҳо барои хонандагони синну соли гуногун вуҷуд надорад. Маҳз бо назардошти ин мукилон масъала ва

мавзуи мазкур аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ гардида, баъзе роҳҳои бартараф сохтани мушкилот пешниҳод гардид.

Дар ҷараёни корҳои озмоишӣ ва таҷрибавӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ маводҳои таълимӣ ва методӣ, маҷмӯи супоришҳо, машқҳо ва намудҳои фаъолиятҳои пешниҳоднамудани диссертант мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифта, афзалияту самаранокии барои ташкили хониши мустақилона ва ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ исбот карда шуд.

Таҳқиқоти илмӣ таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бо иҷрои корҳои таҳлилию таҳқиқотӣ, ташкил ва гузаронидани озмоиши таҷрибавӣ таҳия гардида, аз натиҷаи корҳои анҷомёфта **хулосаҳои зерин** пешниҳод мегардад:

1. Барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва донандаи забонҳои хориҷӣ, дар баробари мактабҳои олӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ метавонанд саҳм гузоранд. Интихоби дурусти касб, қадами аввали довталабон, мутахассисони оянда ба ҳисоб меравад. Дар заминаи касби оянда ҳамаҷониба омода кардани шогирдон, то дохил шудани ба мактаби олӣ вазифаи дигари МТМУ ба ҳисоб меравад. Дар баробари дигар фанҳои мактабӣ, таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ), азхудкунии он ҳамчун воситаи муошират ва омӯзиши илмҳои муосир, яке аз корҳои муҳимми ин раванд арзёбӣ мегардад. Интихоби дурусти роҳу усул ва методҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) аз омӯзгорони МТМУ масъулият ва маҳорати баланди касбӣ талаб мекунад [1-М, 4-М, 5-М, 6-М, 11-М, 13-М].

2. Салоҳияти муоширатии хонандагони синфҳои болоӣ азхудкунии чор навъи фаъолияти нутқиро талаб менамояд. Хониш, ки

яке аз навъҳои фаъолияти нутқ ба ҳисоб меравад, мафҳуми калидии таҳқиқи мо ба шумор рафта, ҷанбаҳои муҳим ва афзалиятҳои зиёди он барои рушди малакаю маҳорат ва салоҳияти муоширатии хонандагон ошкор карда шуд. Хониши мустақилона дар якҷоягӣ азхудкунии се навъи дигари фаъолияти нутқро таъмин намуда, барои рушди дарку фаҳмиши ҳамсӯҳбат, муошират кардан бо забони хориҷӣ (англисӣ) ба хонандагон таъсири калони мусбат мерасонад [2-М, 3-М, 6-М, 8-М, 10-М, 14-М].

3. Талқил ва ҷалби хонандагон ба хониши мустақилона метавонад онҳоро ба худомӯзию худтакмилдиҳӣ водор созад, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ намояд, аҳли синфро муттаҳид ва хонандагонро дар рафти дарсҳо ва берун аз он бо забони хориҷӣ (англисӣ) фаъол намояд. Инчунин, ба рушди фаъолияти пурсамари хонандагон ва рушди шахсияти онҳо таъсир расонад [2-М, 5-М, 8-М, 11-М, 12-М, 15-М].

4. Муайян карда шуд, ки ташкили хониши мустақилона дар луғатдонӣ, азхудкунии калимаю ибораҳои нав, истифодаи амалии калимаҳои нав ҳангоми гуфтугӯ, сӯҳбат, монолог ва муколлама бо забони англисӣ ба хонандагон кӯмаки калон мерасонад. Масъалаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ, дар баробари хониши мустақилона, мавзуи таҳқиқоти мо мебошад. Аҳаммияти хониши мустақилона дар роҳҳои осону самарабахши азхудкунии луғатҳои нав ва васеъ намудани доираи луғавии хонандагон дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқ ва баррасии масъала исбот карда шуд [1-М, 2-М, 3-М, 5-М, 8-М, 15-М].

5. Меъёру талаботҳо дар вақти интихоби асарҳо ва матнҳои хониши мустақилона муҳим арзёбӣ гашта, ин навъи фаъолият (хониши мустақилона)-ро аз дигар намудҳои хониш (хониши синфӣ, хонагӣ ва ғ.) ҷудо мекунад. Илова бар ин, барои аз байн бурдани мушкилоти фаҳмиши матн, ҷолиб намудани ин раванд, робитаманд сохтани

донишҳои назариявӣ бо амалия, такрору азхудкунӣ ва истифодаи амалии калимаю ибораҳои нав ва дигар ҳолатҳо ба назар гирифтани талаботҳои дар диссертатсия овардашуда ҳангоми интихоби матни хониш талаб карда мешавад. [1-М, 4-М, 5-М, 7-М, 11-М, 14-М, 15-М].

6. Ташкили хониши мустақилона аз забони англисии дар синфҳои болоӣ дар сурате метавонад натиҷа диҳад, ки талаботҳои муайян риоя гардида, низоми муайяни кор роҳандозӣ гардида, робитаи пайваста бо хонандагон нигоҳ дошта шавад. Се марҳилаи хониши мустақилона (*марҳилаи омодагӣ*, *асосӣ* ва *ниҳоӣ*) бо маҳорати касбӣ ташкил карда шуда, дар ин ҷараён пешниҳоди иҷрои намудҳои гуногуни фаъолият, машқҳо ва супоришҳо зарур мебошанд. Иҷрои машқу супоришҳо дар заминаи матни хондашуда барои омӯзиши қоидаҳои фонетикию крамматикӣ, азхудкунӣ ва истифодаи амалии забони англисӣ ҳангоми муошират ба хонандагон кӯмак мекунад [3-М, 5-М, 8-М, 11-М, 13-М].

